МАТЛУБАИ МИРЗОЮНУС

Ба истиқболи 1100 солагии давлати Сомониён

# СИРИШКЕ ДАР ЛОЛА...

(Нигоҳе ба зиндагӣ ва ашъори Робиаи Балхӣ)

ХУҶАНД—1998.

Монографияи мазкур ба аҳвол ва ашъори Робиаи Балхӣ бахшида шудааст. Шахсият ва ашъори нахустин шоираи форсигӯ Робиаи Балхӣ, ки дар давраи Сомониён зиндагӣ кардааст, то имрӯз мавриди баррасии ҷиддӣ қарор нагирифта буд. Истифодаи сарчашмаҳои мӯътабар, тарзи танзими санадҳои таърихиву илмӣ рисоларо пурбор ва арзишманд гардонидааст.

Асари Матлубаи Мирзоюнус «Сиришке дар лола...» натиҷаи андешаҳои пурвусъати муаллиф буда, тӯҳфаи муносибест ба ҷашни 1100 солагии давлати Сомониён.

Шӯрои таҳриру нашри ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров ба нашр тавсия кардааст.

**Ба шодбодии мавлуди мубораки модари меҳрубонам, ки ҳарчӣ дорам, аз ӯст, тақдим мешавад. Шукри беадад Парвардигори покро, ки модари маро зани соҳибдиле бо беҳтарин сифоти инсонӣ халқ карда ва маро ифтихори фарзандии ӯ дода.**

Ҳама мебигзарад, модар,
Ҳама мебигзарад, аммо бузургии
ту мемонад!

# САРСУХАН

## ИШҚ ДАРЁИ ҚАРОНАНОПАДИД...

Беш аз ҳазор сол аст, ки шеъри форсӣ ба авҷи уруҷи худ расида, коми онҳоеро, ки ифтихори ба ин забон сухан гуфтан доранд, ширин мекунад.

Дар ситоиши мардони абарқудрати порсигӯ рисолаҳои зиёде дар даст дорем, аммо дар ин навишта мурод бозшинохти як ситораи тобноки назми форсӣ, як шоираест, ки бо пайкари наҳифу садои хафифаш бо муваффақтарин мардони суханвар дар майдони шеър ба пайкор омадааст ва пирӯзӣ ба даст овардааст. Исми Робиа ҳазору сад сол аст, ки рамзи зебоиву покизагӣ, ишқу худфурӯзӣ, шеъру ҷонгудозӣ шудааст. Ҳамин духтари бебоку оташниҳод буд, ки ҷисму ҷонаш дар оташи ҷаҳолати замони фитнаангез сӯхта хокистар шуд ва аз ҳар зарраи он як Робиаи дигаре бархост, ки суруди нотамоми ӯро идома диҳад. Робиа қофиласолори назми занони форсигӯст, ки истеъдоди нубӯғомез ва шахсияти сеҳрангезаш асрҳост, ки вуҷуди ӯро аз ҳақиқати заминӣ барканда, дар осмони афсона нишонидааст.

Ин духтари сухангустар фидоии роҳи ишқ буд. Бархе ишқи ӯро маҷозӣ ва бархи дигар ҳақиқӣ хондаанд. Бархе ӯро аҳли тасаввуф ва бархе пайрави оини Зардушт — оташпараст шинохтаанд. Аз нигоҳи бархе сабаби ҷовидонии ӯ ҳунар аст, аз нигоҳи бархи дигар — шахсияти фавқулодда. Аммо бар иловаи ин гуфтор бояд афзуд, ки асрори вуҷуди инсон, сарчашмаи ҳастии ӯ ва мояи шеъру орзуву дард ҳама ишқ аст. Вуруди ишқ ногаҳонист, ба мисли оташе, ки рӯи хас афтода бошад. Ишқро наметавон интихоб кард, чунонки модарро, ватанро, миллатро. Ишқ тирест, ки худи офаридгор нишона мегирад ва равона мекунад. Он ногузир ҳастиро мегудозад ва ба қаҳрамониву фидокорӣ, олиҳиммативу саховатпешагӣ, ангезаву парвоз ҳидоят мекунад.

**Ҳазор гуна адаб ҷон зи ишқ омӯзад,**
**Ки он адаб натавон ёфтан ба мактабҳо...**

Пас ишқ чист? Оташ? Ашк? Дард? Фироқ? Дарё? Хун?

Аввалин ҳарфи шеър ҳарфи ишқ буд:

**Оҳун кӯҳӣ дар дашт чи гуна давадо?**
**Ӯ надорад ёр, бе ёр чӣ гуна равадо?**

Дигар ҳар касе соҳибқалам шуд, нахуст ишқро ба навъе тафсир кард. Ишқро хуршеди сипеҳри безаволӣ, мифтоҳи маъдани ҷуд, намак дар тинати дилҳо, дарёи каронанопадид ва ғайраю ва ҳоказо ном бурдаанд, зеро аз садои ишқ ёдгоре хуштар набуд.

**Аз садои сухани ишқ надидам хуштар**
**Ёдгоре, ки дар ин гунбади даввор бимонд.**

Дар роҳи ишқ роҳ ба саҳрову биёбон кашидагон ва аз ҷон гузаштагон кам нестанд. Аммо Робиа ошиқтару содиқтар, вафодортару фидокортар аз тамоми муддаиёни ин роҳ буд. Ғарқи дарёи бузурги Ишқ Робиа мегӯяд:

**Ишқ дарёи каронанопадид,**
**Кай тавон кардан шино, эй ҳушманд?**

Ошиқи ҳақиқӣ косаи заҳрро аз дасти маъшуқ чун ҷоми шаҳд қабул мекунад:

**Ошиқӣ хоҳӣ, ки то поён барӣ,**
**Баски бипсандид бояд нописанд.**
**Зишт бояд диду ангорид хуб,**
**Заҳр бояд хӯрду пиндорид қанд.**

Ишқи Робиа аз ашъори ӯ чун ишқи инсон ба зоти ҳақ, ишқи нисон ба инсони дигар ва ишқи инсон ба табиату кулли мазоҳири ҳастӣ буруз мекунад. Пас ҳамин вуҷуди мамлу аз Ишқ аст, ки Шеър мезояд, шеъри содаву пурафсун ва табииву ширин, мисли дарёву дарахт, мисли гулу гиёҳ ва мисли кӯдак. Пас ҳамин вуҷуд ва ҳамин шеър, ки рамзи зебоии ҷовидониянд, шоистаи шинохтан ва маърифат кардан ҳастанд.

Гоме оҷизона дар ин роҳ мениҳем ва умед ба Раҳнамои кулл мебандем, то дурри мақсуд ба даст омада бошад.

## БОБИ I.
## ТАВСИФИ КАРДАМАНДОНИСТАМ ҲАМЕ..
### Замони зиндагии Робиа

Агар қарни IX саромози шеъру адаби форсӣ бошад, қарни X замони рушду боландагии он аст. Маҳз дар ҳамин давра вазъи сиёсиву иҷтимоии кишвар дар ҳоле қарор гирифт, ки барои тарвиҷу такомули фарҳангу тамаддуни миллӣ мувофиқтарин шароите фароҳам омад. Ин буд, ки ниҳолаки навбари шеъру адаби асрҳои IХ-Х меваҳои ширине ба бор овард, ки баъдан ба дарахти бузургу ҳамешасабзи тамаддуни форсӣ табдил ёфт. Инкишофу густариши забони форсии дарӣ ба фаъолияти хонадони Сомониён алоқаманд аст, зеро қадршиносии умарову ҳукамои шеърпарвару илмдӯсти ҳамин давлат буд, ки ду ситораи нурҷилони назми форсӣ, яке «падари шеър» Рӯдакӣ ва дигаре муаллифи бузургтарин шоҳкории ҷаҳон «Шоҳнома»-и безавол Фирдавсӣ каломи манзумро ба авҷи камол расониданд ва ба маснади бузургӣ нишониданд.

Ҳакиме гуфта буд, ки агар нафареро шинохтан хоҳӣ, бо замону макони зиндагии ӯ ошно шав. Ин ҳикматро пазируфта сайри таърихие ба замону макони зиндагии Робиаи Балхӣ мекунем ва аз вазъи сиёсиву иҷтимоӣ, ахлоқиву мазҳабӣ, фарҳангиву адабӣ, анвои адабии мутадовили замон ва хусусиятҳои услуби шеър дар қарни X хеле мухтасар ёд мекунем, то заминае барои шинохти шахсият ва таҳқиқи мероси адабии Робиаи Балхӣ фароҳам омада бошад.

Муҳимтарин воқеаҳои таърихии асрҳои IХ-

Х дар вилоятҳои шарқӣ хилофат ба вуҷуд омадани давлатҳои Тоҳириён (821-873), Саффориён (873-903) ва Сомониён (873-999) мебошанд. Аз ин миён хонаводаи Сомониён, ки қариб 130 сол дар сари ҳукумат буд, нахустин ва дар айни ҳол бузургтарин давлати мустақили тоҷикон ба шумор меояд. Соҳибони сарчашмаҳои мӯътабаре чун «Ҳудуд-ул олам», «Осор-ул-бокия», «Таърихи Бухоро», «Зайн-ул-ахбор», «Ал-ансоб», «Таърихи гузида» насаби Сомониёнро ба Баҳроми Чӯбина расонидаанд.

Аввалин намояндаи хонаводаи Сомониён Аҳмад ибни Сомон, ба қавле аз вилояти Балх, ё худ атрофи Самарқанд ва ба қавли дигаре аз Тирмиз будааст. Маъмун ар-Рашид бо хонадонҳои қадими эронӣ алоқа дошта, ҳангоми иқоматаш дар Марв бо Асад ибни Сомон ошноии наздик пайдо мекунад ва ӯро аз меҳрубонӣ ва навозиши худ баҳравар мегардонад. Чаҳор нафар писарони Асад—Нӯҳ дар Самарқанд, Аҳмад дар Фарғона, Яҳё дар Шошу Уструшан ва Илйос дар Ҳирот ҳоким тайин мешаванд. Чаҳор бародар аъзои як хонаводае буданд, ки бар сарашон бародари калонӣ Нӯҳ сарварӣ мекард ва сиккаи давлатӣ низ ба номи ӯ интишор мееёфт.

Баъди вафоти Нӯҳ Аҳмад ба сари тахт нишаст ва чанде нагузашта писари худ Насрро ҷонишин гардонид ва худ узлат ихтиёр намуд. Наср, ки солҳои 864-892 бар сари ҳукумат буд, аз Фарғона ба Самарқанд кӯчид ва Самарқандро пойтахти худ қарор дода, мавқеашро хеле мустаҳкам намуд. Баъди он ки тамоми Мовароуннаҳр ба Наср вогузор меша-

вад, ӯ бародари худ Исмоилро ҳокими Бухоро тайин мекунад. Бо баъзе сабабҳо, ки тафсилоти зиёд мехоҳад, миёни бародарон низоъву нифоқ сар мезанад ва ин моҷаро бо задухӯрд анҷом мееёбад. Дар ҷанг Наср шикаст мехӯрад, вале Исмоил ҷавонмардиву олиҳимматии худро нишон дода, вақте ки Насрро баста ба дарбор мебиёранд, бо эҳтиром уро дубора ба тахт мешинонад ва танҳо баъди марги Наср ҳукумати Самарқандро ба тасаррufи хеш медарорад. Дар андак муддат Исмоил бо неруи донишу заковати худ бунёди ҳукуматро истеҳком мебахшад.

Ҳамин тариқ, Исмоили Сомонӣ аввалин подшоҳи сулолаи Сомониён буд, ки ҳукумати мустақилонаи ин хонавода аз ӯ шурӯъ шудааст. Бобоҷон Ғафуров аз қудрату тавонии Исмоили Сомонӣ сухан ронда аз ҷумла мегӯяд: «Исмоили Сомонӣ аз муборизаи оммаи халқ барои истиқлолият истифода бурда, нахустин бор пас аз истилои араб сарзамини дар натиҷаи задухӯрдҳои дохилӣ парешонгардидаро ба ҳам муттаҳид намуд ва давлати бузурги мустақиле ба вуҷуд овард». (1).

Иқтидори рӯзафзуни давлати Сомониён халифаи Бағдодро ба таҳлука андохт ва ӯ соли 900 Амр ибни Лайсро ба муқобили Исмоил ба ҷанг бархезонд. Исмоил бо лашкари худ аз дарёи Ому гузашта, дар Балх бо Амр рӯ ба рӯ меояд ва ӯро мағлуб мекунад ва бо ҳамин давлати Саффориён комилан барҳам хӯрда, ба тасаллути Исмоил шаҳрҳои Хуросон, Табаристон, Гургон, Систон ва Рай низ дохил мешаванд.

Исмоили Сомонӣ 34 сол (874-908) дар са-

ри ҳокимият буд ва кишвари ӯ аз хоки Рай то Туркистони Шарқӣ доман густурда буд. Силсилаи ҳокимони хонадони Сомониён баъди марги Исмоили Сомонӣ: Аҳмад ибни Исмоил (908-914), Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил (914-943), Нӯҳ ибни Наср (943-955), Абдумалик ибни Нӯҳ (955-962), Мансур ибни Нӯҳ (962-977) то замони салтанати Нӯҳ ибни Мансур иқтидори ҳукуматро нигоҳ доштанд ва таназзули давлати Сомониён дар поёни ҳамин давра оғоз ёфт. Дар замони салтанати Мансур ибни Нӯҳ (977-999) ҳукумат пурра аз даст рафт ва ба Ғазнавиён тобеъ шуд.

Ҳамин тариқ, давлати пуриқтидори мутамаркази Сомониён дар натиҷаи кӯшишҳо баҳри озодӣ аз хилофати Аббосиён, барпо намудани давлати соҳибихтиёр ва эҳёи суннатҳои маҳаллӣ бо хоҳишу дастгирии кулли халқ баҳри раҳоӣ аз зулму истибдоди аҷнабиён таъсис ёфт. «Аммо ҳамин, ки доираҳои ҳукмрони давлати Сомониён халқро фаромӯш карданд ва истисмори халқи заҳматкаш пурзӯр гардид, сохти сиёсӣ инқироз ёфт, давлат завол ёфт ва зидди ҳуҷумҳои Қарохониён ва Ғазнавиён истодагарӣ карда натавонист». (2).

Чунин буд вазъи сиёсии кишвар дар асрҳои IX-X. Дар поёни ин гуфтор чанд ҳарфи дигар дар бораи Балх низ бояд илова кунем, то ба мавзӯъи таҳқиқ ошноии бештаре дошта бошем.

Вилояти Балх дар қисми шарқии Хуросон ҷойгир буд ва пойтахти он дар ҳамвории водии дарёчаи Балхоб қарор дошт. Балх аз калонтарини шаҳрҳои Хуросон ба шумор рафта, вусъаташ баробари Бухоро буд. Азбаски

дар замони истилои араб хеле хароб гардида буд, дар ахди волии Хуросон Асад ибни Абдуллох соли 725 сохтмони шаҳр дубора оғоз ёфт ва дертар ба хонадони Бармакиён супорида шуд. Дар замони Нӯҳ ибни Мансур Абӯалии Чағонӣ ба Балх омад ва аз он ҷо ба Бухоро ҳамла кард, вале шикаст хӯрд.

Абулқосими Нӯҳ — ҷонишини Мансур ҳанӯз 13 сол дошт, бинобар ин ба ҷои вай модараш умури мамлакатро идора мекард. Бар асари гирудорҳое, ки дар вилоят буд, ғуломи падар Фоиқ волии Балх шуд ва баъди аз тарафи Абуалии Симҷӯр шикаст хӯрдан Балх ба ихтиёри охирӣ гузашт.

Фоиқ ба кишвари амири фотеҳ Буғрохон ба Бухоро ворид шуд, вале бо мавқеияти Нӯҳ ибни Наср ва марги хон ҳукумати сомонӣ дубора эҳйо шуд ва ӯ шикаст хӯрд.

Дар Балх Алптегин лашкари сомониёнро шикаст дод. Як муддат Носириддини Сабуктегин бо амри Нӯҳ ибни Мансур волии Балх буд, баъди марги Сабуктегин Амир Маҳмуд ба Балх омад ва соҳиби тоҷу тахт шуд. Дар ин миён Арслонхон ва Қадархон пас аз марги Туғоншоҳ ба муқобили Маҳмуд теғ кашиданд ва мағлуб шуданд. Маҳмуд ҳукуматҳои Балху Тирмиз ва Ҳиротро ба даст даровард. Вале дере нагузашта Қарохитоиён аз набудани Маҳмуд дар шаҳр истифода намуда, ба Балх ҳуҷум карданд, ки дар натиҷа шаҳр хеле хароб ва ғорат шуд ва бо баргаштани Маҳмуд, дубора ба тасаллути ӯ даромад.

Ҳамин тариқ, дар даврai Сомониён Балх борҳо аз даст ба даст гузашта, шоҳиди воқеа-

ҳои хунин шудааст. Сарватҳои бузурги моддиву маънавии Балх ҳамеша таваҷҷӯҳи ҷаҳонхоҳонро сӯи худ мекашидааст ва бо вуҷуди талаву тороҷҳои зиёд, Балх аз марказҳои муҳимми тамаддуни тоҷикон дар давраи Сомониён будааст.

Бино ба маълумоти сарчашмаҳо дар вилояти Балх дар ҳамин давра 47 шаҳр будааст, зервилоятҳои Тахористон, Бадахшон ва шаҳри Ҷарм низ ба Балх мансуб буданд.

Яке аз хусусиятҳои давраи Сомониён эҳтироми махсус ба хонадонҳои қадими эронӣ будааст. Аксари ин хонадонҳо, хусусан подшоҳон, бо насаби худ ифтихор доштанд ва кӯшиш мекарданд онро ҳифз намоянд. Ҳаман онҳо насаби худро ба шоҳону паҳлавонони қадим мерасониданд, аз ҷумла, сомониён насаби худро ба Баҳроми Чӯбина ва аз ӯ ба Манучеҳр мекашиданд. Риояти расму русуми қадим барои эрониён ҳатмӣ буд, ободонӣ ва вусъати шаҳру навоҳӣ, фузунии сарват, адлу инсоф ба раият аз хислатҳои писандидаи умарову салотин ба шумор меомад. Чунин буд, ки ҳатто ғуломону канизакон ва асироне, ки дар ҷангҳо ба даст меафтоданд, дар андак муддат аз таъсири тарбияи эрониён файзёб мешуданд ва соҳибмансаб мегаштанд. Хусусан ғуломону канизакони турк, ки батадриҷ бо хонаводаҳои қадимӣ эронӣ қаробат пайдо карданд ва ба боввариву эътимоди соҳибони худ сазовор гаштанд, дар ниҳояти кор ҳукуматро аз дасти онҳо кашида гирифтанд.

Дар қарни X дар Эрон дар баробари дини Ислом, ки дар тамоми кишвар тасаллут пайдо карда буд, динҳои қадим низ ҳанӯз қув-

ват доштанд. Аз ҷумла динҳои исавӣ, яҳудӣ ва хосса зардуштӣ ҳанӯз мӯътақидони зиёд доштанд. Оташкадаҳо ва китобҳои зардуштӣ дар қарияҳои дурдаст то дергоҳ маҳфуз буданд. Оини маздакӣ низ дар баъзе гӯшаҳои Эрон дар давраи Сомониён ҳанӯз аз миён нарафта буд.

Аз мазоҳиби исломӣ, ки дар ин қарн ғолибият доштанд, дар сарчашмаҳои илмиву адабӣ ва ҷуғрофиву таърихӣ шофеия, ҳанафия, ханбалия, ва тариқатҳои наҷҷория, зоҳирия (довудия), сурия, исмоилия, каромата, асҳоби ҳадис, мӯътазила, сӯфия, сафедҷомагон ва ғайра зикр шудаанд.

Дар аҳди Сомонӣ бузургтарин китобхонаҳо, ки дар онҳо беҳтарин кутуби олам ҷамъ оварда шуда буданд ва мадрасаҳои зиёде амал мекарданд, ки улуми динӣ (шаръия) ва улуми ақлиро таълим медоданд. Ба улуми шаръия илми қироат, илми ҳадис, илми фиқҳ ва илми калом дохил мешуд. Мантиқ, улуми адабӣ, ҳикмати назарӣ, кимиё, зироат, тиб, нуҷум, риёзӣ ва ғ. аз улуми ақлия ба ҳисоб мерафт.

Давлати Сомониён ба чунон пешрафти илму адаб мусоидат намуд, ки мислаш то ин вақт ба назар нарасида буд. Низому тартиби давлатдорӣ, сиёсат ва муносибатҳои иқтисодию маданӣ, ободии шаҳрҳо ва осудаҳолии аҳли кишвар боиси нашъунамои ҳақиқии илм гардид. Бузургтарин файласуфони замон Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ, Абӯ Наср Муҳаммад ибни Муҳаммади Форобӣ, Абӯ Алӣ ибни Сино зодагони ҳамин аҳданд. Дигар намояндагони барҷастаи илми риёзиёт ва нуҷум,

кимиё ва тиб, ҷуғрофия ва таърих асарҳое офаридаанд, ки то имрӯз аз ҷиҳати камоли донишу завқ ва шаклу маънӣ мӯҷиби шигифтист. Абӯрайҳони Берунӣ, Абулаббоси Сарахсӣ, Наршахӣ, Балъамӣ, Абузайди Балхӣ, Абуисҳоқ Иброҳим ал-Истахрӣ барин олимони маъруф дар ҳамин давра умр ба сар бурдаанд. Аммо ин ҷо қобили қайд аст, ки аз рӯи анъана аксари китобҳои илмӣ ба забони арабӣ таълиф мешуданд.

Забони давлатӣ—забони форсии дарӣ бештар дар назм рушду камол меёфт ва дар чунин пешрафти шигифтангез саҳми на танҳо худи шоирон, балки амирону вазиронро низ бояд таъкид намуд. Аксари зиёди соҳибдавлатон донишманду фозил буда, худ завқи шеъргӯӣ доштанд, назмро ба хубӣ маърифат мекарданд ва барои ҳар байти хуб ё шеъри ноб инъомҳои бузург мебахшиданд.

Сарвари шуарои замон малик-уш-шуаро Рӯдакӣ ба ҳамин маънӣ гуфта буд:

**Имрӯз ба ҳар ҳоле Бағдод Бухорост,**
**Куҷо мири Хуросон аст, пирӯзӣ он ҷост.**

Дар бораи Рӯдакӣ гуфтаанд, ки бунаи ӯро чаҳорсад шутур мекашид. Хоқонӣ дар бораи Унсурӣ гуфта буд:

**Шунидам, ки аз нуқра зад дегдон,**
**Зи зар сохт олоти хон Унсурӣ.**

Ба ғайр аз Рӯдакиву Фирдавсӣ, ки яке дар оғоз ва дигаре дар поёни аҳди Сомониён зиндагӣ кардаанд ва ҳар кадом назми форсиро то авҷи уруҷ бурдаанд, дар аҳди Сомониён

шоирони маъруфи замон Абулҳасан Шаҳид ибни Ҳусайни Балхӣ, Робиаи Балхӣ, Абӯ Абдулло Муҳаммад ибни Мӯсо Фароловӣ, Абутайиби Мусъабӣ, Абулмуайяди Балхӣ, Абӯабдулло Муҳаммад ибни Солеҳи Валвоҷӣ, Оғоҷӣ, Равнақии Бухороӣ, Сипеҳрии Бухороӣ, Абӯабдулло Рабанҷонӣ, Имораи Марвазӣ, Абӯмансур Муҳаммади Дақиқӣ, Маҷдаддин Абулҳасани Кисоӣ, Башшори Марғазӣ, Абулфатҳи Бустӣ, Мунҷики Тирмизӣ ва дигарон умр ба сар бурдаанд ва ҳар яке дар такомули назми форсӣ, шаклу қолабҳо ва тарзи ифодаи сухан ибтикоре аз худ ба зуҳур овардаанд.

Як хусусияти ҷолиби назми асри X якҷоя бо мусиқӣ офарида шудани шеър буд. Аз инкишофи мусиқӣ ва интишори он дар миёни халқ, таълифи оҳангҳои марғуб ва коркарди асосҳои назарияи он шаҳодат медиҳад. Дар ин давра жанрҳои муайяни мусиқӣ, миқдори зиёди навоҳо ва асбобҳои гуногуни мусиқӣ, аз ҷумла, созҳои торӣ, нафасӣ ва зарбӣ мавҷуд буданд, ки ба авзони шеъри форсӣ бетаъсир намонданд.

Аз аҳди Сомониён то ба мо ашъори зиёде расидааст, вале ашъори зиёдтаре нобуд шудааст. Бо вуҷуди ин, он чӣ ба даст омадааст, хусусиятҳои муҳимтарини назми ин давраро муайян мекунад, ки ба тариқи зерин метавон хулоса намуд:

— содагӣ ва равонии калом ва фикр;

— дурӣ ҷустан аз таъқиду печидагӣ ва ибҳому хаёлоти борик;

— дар сайри такомулии авзон ғунҷонидани алфоз дар буҳури осонтар ва авзони хушоянд-

тару дилнишинтар; Мавҷудияти баъзе авзоне, ки дар асрҳои баъд аз миён рафтаанд, монанди вазни «мафоилу, мафоилу фоилон аз мутафоилоти баҳри «қариб»:

**Май орад шарафи мардуми падид**
**Озоданажод аз дирамхарид.**

Рӯдакӣ

ё вазни мафъӯлу фоилотун мафъулун аз мутафоилоти баҳри ҳазаҷ:

**Турк аз дарам даромад хандонак,**
**Он хубрӯи чобук меҳмонак.**

— тоза будани мазомин ва афкор дар шеъри форсӣ, ки илали он собиқаи зиёд надоштани шеър буд ва натиҷааш — ибтикори шоирон дар саноеи бадеӣ, бахусус дар ташбеҳоти тоза;

— васф дар шеър, хусусан тавсифи майдонҳои ҷанг, маҷлису маҳфилҳои салотин; ҷашнҳо, манзараҳои табиат, ҳусну ҷамоли маъшуқа, корнамоии паҳлавонон ва ғ.

**Аз ҷиҳати мухтасоти забон:**

— камтар будани луғоти арабӣ;

— истифодаи ҳуруфи изофае, ки дар қуруни баъд кам-кам аз миён бардошта шуданд ба мисли «алиф» ва «мар»: або, абар, мар-маро;

— ба кор бурдани «ҳаме»;

— ба кор бурдани пешояндҳо дар оғози феъл: андар, фароз, фаро, фурӯ ва ғ.;

— истифодаи калимоте, ки дар ҳамон давра роиҷ ва фаҳмо буданд ва баъдтар мансуҳ шуданд.

Ин ҷо хеле мухтасар аз анвои шеъри форсӣ ва мавзӯоти муҳими он дар аҳди Сомониён бояд ёд кард.

Шоирони ин аҳд дар анвои гуногуни шеър аз қабили маснавиву қасида, қитъаву ғазал, мусаммату тарҷеъбанд, рубоиву дубайтӣ ҳунар озмудаанд. Баъзе аз ин анвоъ дар ибтидои давраи Сомониён вуҷуд надоштаанд ва ташаккулу такомули онҳо дар аҳди Ғазнавӣ сурат гирифтааст. Чунончӣ, тавлиди жанри мусамматро ба ибтикори Манучеҳрии Домғонӣ вобаста медонанд.

Мадҳу шиква, васфу тағаззул, ҳамосаву ҳаҷв, достону қисса дар шеъри форсии асри Х мутадовил буд. Дар аҳди Сомонӣ ҳамосасарой ба авҷи олии инкишофи худ расида буд, ҳамосаҳои Масъуди Марвазӣ, Дақиқӣ ва ниҳоят бузургтарин ҳамосаи ҷаҳон «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ дар ҳамин давра ба қалам омадаанд.

Анвои дигари хеле маъмули замон ғазал будааст. Ғазали асри Х аз ғазалҳои маъмулии асрҳои миёна тафовути ҷиддӣ дошт, аммо бунёди ғазалиёти баъдина ба ҳамон ғазалҳои Рӯдакиву Шаҳиду Робиа қарор дорад. Ҳунари Рӯдакиву Шаҳиди Балхиро дар ғазалсарой муосиронаш тасдиқ кардаанд:

**Ғазал Рӯдакивор некӯ бувад**
**Ғазалҳои ман Рӯдакивор нест,**
**Агарчи бикӯшам ба борик ваҳм**
**Бад-ин парда андар маро бор нест**

Унсурӣ

**Аз дилоромиву нағзӣ чун ғазалҳои Шаҳид**
**В-аз диловезиву хубӣ чун тарона(и) Бӯталиб**

Фаррухӣ.

Аввалин шоире, ки тағаззулоти хеле ширине дар оғози қасида гуфтааст, Дақиқӣ будааст, Ва дигар касе, ки дертар ин навъи шеърро дар ниҳояти хубӣ ба назм овардааст, Фаррухии Систонӣ аст.

Ғазалҳои асри X бештар ошиқона ва дар васфи табиат буда, дар онҳо алфози мутантане, ки ғолибан хоси қасида аст, ба кор мерафт.

Навъи дигари шеъри асри X мадеҳасароӣ аст. Мадеҳа аз адабиёти араб ба адабиёти мо гузаштааст. Бештари мадеҳаҳо дар васфи шоҳону салотин ва вазирону кабирон гуфта мешуданд ва дар гуфтани ин навъи шеър муболиғаву иғроқ зиёд ба кор мерафт. Мадеҳасароёни бузург асосан шоирони дарбор буданд ва заҳмати онҳо бо атову инъомҳои зиёд тақдир мешуд, зеро маҳз ҳамин навъи шеър ба бақои ному насаб ва шӯҳрату манзалати мамдӯҳон сабаб мешуд.

Ҳикмату андарз аз мавзӯоти умдаи ҳамин давр буд, ки баъдан хеле ривоҷ ёфт ва дар асрҳои сонӣ кам шоире ёфт мешуд, ки ашъораш аз ин мавзӯъ орӣ бошад. Дар ин навъи шеър аввалин касе, ки соҳиби шӯҳрати беандоза гашт ва қасоиди комиле дар ҳамин шева нигошт, Кисоии Марвазӣ буд.

Аз хасоиси умдаи ашъори аҳди Сомонӣ достонсароиву қиссапардозӣ ва овардани ҳикоёту амсол буд. Манзумаҳои Рӯдакӣ аз ҷумла «Калила ва Димна» ва 6 манзумае, ки дар буҳури мухталиф гуфта шудааст, инчунин достону қиссаҳои ошиқона, аз қабили маснавии «Юсуф ва Зулайхо»-и Абулмуайяди Балхӣ, «Офариннома»-и Абушакури Балхӣ, «Во-

мику Узро» ва «Сурхбуту Хингбут»-и Унсурӣ ва ғ. падидаҳои равшани ҳамин шаклҳои шеърӣ мебошанд.

Ҳамин як нигоҳи шитобзада ба вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии замон кофист, ки дар бораи шукӯҳу ҷалоли давлати абарқудрати Сомониён муҳимтарин матолибро пеши назар дошта бошем. Рушду нумӯи забони форсӣ, ба ин забон нигошта шудани беҳтарин осори адабӣ, ташаккул ва такомули муҳимтарин анвои назми форсӣ, нишонаҳои умдаи сабки мутадовили замон-сабки хуросонӣ дар шеър, соҳиби сабки фардӣ будани шуарои бузурги аҳд—зуҳуроти ҷолиби инкишофи бемисли тамаддуни тоҷикон дар давраи салтанати аввалин давлати мутамарказ ва муқтадири Сомониён аст.

Ҷавоҳири маъниро ба риштаи назм кашидан, дар душвортарин авзону буҳур табъ озмудан дар ҳама давру замон муҳимтарин нишонаҳои фазлу ҳунар ва завқу қариҳа буд, вале дар аҳди Сомониён, бахусус аз миёни умарову вузаро, кам касоне буданд, ки худро аз ин фазилатҳо бенасиб меҳисобиданд. Таваҷҷӯҳи умум ба шеъру шоирӣ мартабаи шоирро ба сатҳи олӣ бардошт ва ӯро дар маснади бузургӣ нишонд. Аз миёни номбардорони назми давраи рушду боландагии адабии форсӣ, шуарои машҳури Хуросону Мовароуннаҳр исми шарифи як нафар зане низ то ба мо расидааст, ки шахсияти афсонавӣ ва ашъори дар ниҳояти равонии табъ ва сароҳати маъниву эҳсосоти рақиқ гуфтааш, асрҳост, ки хонандагонро маҷзуб ва мафтун намудааст.

Мурод аз ин сайри таърихиву фарҳангии

мухтасар ошноӣ бо замону макони зиндагии Робиаи Балхӣ буд, то заминае барои бозшинохти шахсият ва мавзӯоту шаклҳои шеърӣ, хусусиятҳои мумтози сабки фардии ин шоиран шуридадил дошта бошем. Чун маҷоли сӯҳбати муфассал нест, ин ҷо иктифо мекунем, вале хонандагони гиромӣ аз осори махсус маълумоти бештар ва дақиқтар гирифта метавонанд. (3).

## ШАРҲИ ҲОЛИ РОБИА, АСНОДИ ВОҚЕӢ ВА БОФТА ДАР БОРАИ ЗИНДАГИИ РОБИА

Девори сангини қарнҳоро убур намуда, аз давраи Сомониён то ба мо иддаи бузургмардони илму адаби форсӣ расидаанд ва дар миёни онҳо чун ёқути сурх зане низ дар ҳолаи нимаафсонаву нимаҳақиқат назаррабоӣ мекунад, ки овози ҷоннавозу лафзи ширинаш гули беш аз ҳазор сол нишотбахши гӯшҳои ҷони мост.

Робиаи Балхӣ ё Қуздорӣ, ки дар радифи шуарои номвари қарни X ибтикоре дар ташаккулу такомул ва густариши анвои адабу авзони шеър дошт, аз поягузорони шеъри мояварн форсӣ буд, ки шахсият ва мақому манзалати шоириаш ба илали касрати ихтилофот дар шарҳи ҳол ва ашъораш то имрӯз дуруст шинохтаву муайян нашудааст. Чун мурод аз қаламфарсоӣ дар ин рисола пур кардани ҳамин холигоҳ аст, ҷустуҷӯро аз гузориши масоили баҳсталаб оғоз мекунем, то ҳолаи афсонаро андак канор бизанем.

Соҳибони сарчашмаҳое, ки дар бораи Робиа маълумот медиҳанд, дар бораи соли та-

валлуд ва вафоти ӯ, ҷои таваллуд ва мако-
ми зисти ӯ, мансубияти миллӣ (аҳли араб ё
аҷам буданаш), соҳиби ишқи ҳақиқӣ ё маҷо-
зӣ будани шоира ва тааллуқ доштани баъзе
ашъор ба қалами ӯ ихтилофи назар доранд.

Роҷеъ ба шарҳи ҳоли Робиа ҳарҷӣ дастра-
си умум аст, мухтасаран чунин матраҳ шуда-
аст:

Робиа духтари амири Балх Қаъб аст, ки
дар а. IУ ҳ. (Х мелодӣ) умр ба сар бурда-
аст. Соли таваллуд ва вафоташ маълум нест.
Баъзе сарчашмаҳо Қаъбро аъробӣ ном бур-
даанд. Робиа дар ҳусну ҷамол ва фазлу ка-
мол ягонаи даврон будааст. Ба форсӣ ва то-
зӣ шеър мегуфтааст. Дар ҷавонӣ ошиқ шуда-
аст ва ҳамин ишқ, ки аксар онро ишқи ҳа-
қиқӣ, яъне ишқ ба худованд номидаанд, бо-
иси ҳалокати ӯ шудааст. Шарҳи ин қисса чу-
нин буд, ки баъди марги Қаъб писари ӯ Ҳо-
рис бародари Робиа — ба сари тахт меши-
над. Ҳорисро, ки парастории хоҳарро бар ӯҳ-
да дошт, Бектош ном ғуломи хазонадоре буд,
ки дар сурату сират дар ниҳояти хубӣ ва
дар рубоб задану овоз хондан дар айни ху-
нармандиву чирадастӣ қарор дошт. Боре ит-
тифоқан Робиа ӯро дар базми ашрофон ме-
бинад, ҳунарашро назора мекунад ва дил аз
даст медиҳад. Дарди ишқ ӯро аз по мефито-
над. Ҳорис табибонро даъват мекунад, вале
дар ташхиси дарди ӯ ҳама оҷиз мемонанд.
Робиа доя дошт, ки аз ин сир огоҳ меша-
вад ва аз пайи ҷораи дарди духтар мегардад.
Номае аз Робиа бо нақши сурати ӯ ба Бек-
тош мерасонад ва Бектош низ баробари хон-
дани мактуб ва тамошои ҷамоли баркамоли

духтар ошиқи беқарор мегардад. Аммо ишқи Робиа аз сарҳадди маҷозӣ гузашта ба ишқи ҳақиқӣ мерасад. Бектош барои ӯ фақат баҳонае барои дӯст доштан, парастидан ва ишқ варзидан мешавад. Дар роҳи ин ишқ Робиа устувориву матонат ва шуҷоату мардонагӣ аз худ ба зуҳур меорад. Дар майдони разм ба хотири озод намудани маҳбуби худ мисли шери жаён меҷангад ва Бектошро аз ҳалқаи душманон раҳо менамояд.

Шоири бузурги замон Рӯдакӣ бо Робиа ҳамсӯҳбат шуда, аз ашъори ӯ огоҳ мешавад ва дар базми шоҳи Бухоро порае аз ин ашъор қироат мекунад ва аз хубиву муассирии он ҳарф зада, болотар аз шеъри худ мегузорад. Ба пурсишҳои шоҳ дар бораи муаллифи шеър Рӯдакӣ, бехабар аз ҳузури Ҳорис дар базм, аз ишқи Робиа посух медиҳад. Ҳорис чун аз ин қисса огоҳ мешавад, савори асни чаҳл ба Балх баргашта, Бектошро ба чоҳ меандозад ва фармон медиҳад, ки дастони Робиаро раг зананд ва ба ҳаммоми тафсон дароварда, дари онро бо сангу гаҷ бубанданд.

Робиа дар ҳаммом миёни оташу ашку хун марги анқариби худро эҳсос намуда, дар девор бо хун шеърҳои охирини худро менависад ва сипас ҷон медиҳад. Ин хабари ҷонгудоз ба гӯши Бектош мерасад, ӯ аз зиндон мегурезад, Ҳорисро мекушад ва дар сари қабри Робиа худро низ ба ҳалокат мерасонад...

Ахборе, ки то ба мо расидааст, асосан ҳамин аст ва қиссаи мазкур бештар аз он ки ҳақиқати ҳол бошад, ба афсона шабоҳат до-

рад. Бидуни тардид, бунёди ин нақл бар «Илоҳинома»-и Шайх Фаридаддини Аттор (4) аст, ки табиист, асари мустанад нест, балки бадеиву шоирона аст. Пас, шояд вуҷуди шахсияти таърихии Робиа низ қобили тардид бошад, чунонки бархе чунин заиро пеш меоранд?

Ду нукта ҳаст, ки дар посухи ин суол метавон зикр намуд. Аввалан, мавҷудияти сарчашмаҳое, ки муқаддамтар аз «Илоҳинома»-и Аттор дар бораи Робиа хабар медиҳанд, аз ҷумла ишораи шайх Абӯсаиди Абулхайр (967-1049) дар бораи соҳиби ишқи ҳақиқӣ будани Робиа ва «Тарҷумон-ул-балоға»-и Муҳаммад ибни Умари Родиёнӣ (асри XI), ки абёти зеринро аз ӯ ёд мекунад:

**Қошк танам боз ёфтӣ хабари дил,**
**Қошк дилам боз ёфтӣ хабар тан.**
**Қошк ман аз ту бирастаме ба саломат,**
**Ой, фусусо, куҷо тавонам растан (5).**

Тақрибан дар як вақт бо «Илоҳинома»-и Фаридаддини Аттор (1145-1221), «Ал-мӯъҷам» — (1218-1233)-и Шамси Қайси Розӣ (6) ва «Лубоб-ул-албоб»-и (1221-1222) Муҳаммад Авфии Бухороӣ (7) таълиф шудаанд, ки низ аз қадимтарин сарчашмаҳои мӯътабар маҳсуб мешаванд. Мутаассифона, на «Ал-мӯъҷам» ва на «Лубоб-ул-албоб» маълумоти чандон дақиқе роҷеъ ба шарҳи ҳоли Робиа намеоранд, вале ашъоре, ки дар ин осор интиқол мешавад, бешак, шахсияти воқеӣ будани Робиаро собит мекунад. Далели дигар он аст, ки дар «Тарҷумон-ул-балоға», «Ал-мӯъҷам» ва «Лубоб-ул-албоб» зикри номи шои-

раҳои дигар қариб ки нест. Пас, соҳибони ин осор дар овардани исми Робиа санҷидакор ва мўътақид буданашон лозим буд, ки бешак, чунин аст.

Нуктаи дигаре, ки шахсияти воқеӣ будани Робиаро метавонад тасдиқ кунад, ашъори худи шоира аст. Сабки фардии Робиа, маънихои латифе, ки аз ашъори ӯ бармеоянд, сувари хиёл, ки аз бориқандешиву нозукбинии ӯ дарак медиҳад, нафосату латофати шеъри занонаро бозкушой мекунад. Чунончӣ:

**Даъвати ман бар ту он шуд, к-эзидат ошиқ кунад,**
**Бар яке сангиндиле номеҳрубон чун хештан.**
**То бидонӣ дарди ишқу доғи меҳру ғам х(в)арӣ,**
**То ба ҳаҷр андар бипечиву бидонӣ қадри ман.**

Ё ки:

**Дўш бар шохаки дарахт он мурғ**
**Наҳва мекарду мегирист ба зорӣ..**
**Ман чудоям зи ёр менолам,**
**Ту чӣ нолӣ, ки бо мусоид ёрӣ.**

Нахустин тазкираи форсӣ «Лубоб-ул-албоб» Робиаро дар боби нӯҳум «Шуарои оли Сабуктегин» бо исми «Робиа бинти Қаъб ал-Қуздорӣ» ҷой дода, чунин нақле овардааст: «Духтари Қаъб, агарчӣ зан буд, аммо ба фазл ба мардони ҷаҳон бихандидӣ, фориси ҳар ду майдон ва волии ҳарду баён, бар назми тозӣ қодир ва дар шеъри порсӣ бағоят моҳир ва ба ғояти закои хотир ва ҳаддати

табъ пайваста ишқ бохтӣ ва шоҳидбозӣ кардӣ ва ӯро «магаси рӯин» хонданд ва сабаби ин низ он буд, ки вақте шеъре гуфта буд:

**Хабар диҳанд, ки борид бар сари Айюб,**
**Зи осмон малахону сари ҳама заррин**
**Агар биборад заррин малах бар ӯ аз сабр,**
**Сазад, ки борад бар ман яке магас рӯин.**

Ва ин ғазал, ки аз Қаъб-ул-ғизол дар ҳаловат зиёда аст ва аз висоли ёри соҳибҷамол дар тароватӣ беш ӯрост, мегӯяд:

**Маро ба ишқ ҳаме мӯҳтамил кунӣ ба ҳиял,**
**Чи ҳуҷҷат орӣ пеши худои азза ва ҷалл.** (8)

Ҳамчунин соҳиби «Лубоб-ул-албоб» дар поёни ин нақл ду пораи дигаре аз ашъори Робиа зикр мекунад, ки ин ҷо зарурати интиқоли он нест.

Аз ахбори сарчашмаи мазкур чанд нуктаи қобили таваҷҷӯҳ ба зеҳн мерасад, ки бояд ба хотир гирем:

1. Робиаро аз шуарои Оли Сомон медонем, вале ин сарчашма ӯро аз Оли Сабуктегин зикр намудааст.

2. Исми шоира «Робиа бинти Қаъб ал-Қуздорӣ» зикр шудааст, ки ишорате ба аҳли Балх буданаш нест. Қуздор, ки онро Қасдор ё Хаздор ҳам мегуфтанд, шаҳри қадимие воқеъ миёни Систон, Макрон ва Буст буд.

3. Соҳиби «Лубоб-ул-албоб» дар бораи мансубияти миллии Робиа хомӯш аст, фақат ишора ба «форисӣ ҳарду майдон ва волии ҳарду баён», яъне форсӣ ва тозӣ будани шоира мекунад.

4. «Лубоб-ул-албоб» аз пайваста ишқ бохтан ва шоҳидбозӣ кардани шоира хабар медиҳад, вале наметавон бе тардид гуфт, ки сухан аз кадом ишқ меравад, ишқи ҳақиқӣ е маҷозӣ. Агар «шоҳидбозӣ»-ро ба маънии ишқи ҳақиқӣ қабул кунем, пас Робиаро аз аҳли тасаввуф бояд пазируфт.

5. Соҳиби «Лубоб-ул-албоб» дар мавриди арзиши ҳунарии ашъори Робиа бе ҳеҷ муболиға ва дудилагӣ уро дар арши аъло мегузорад, ки ибороти «ба фазл ба мардони ҷаҳон бихандидӣ», «дар назми тозӣ қодир ва дар шеъри форсӣ бағоят моҳир», «ба ғояти закии хотир» ва «ҳаддати табъ ишқ бохтӣ», дар ҳаловат зиёда аст ва... таровати беш урост» гувоҳи ин муддаост.

Сарчашмаи дигаре, ки аз Робиа иттилоъ медиҳад, «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдураҳмони Ҷомӣ аст, ки солҳои 1475-76 таълиф шудааст. Аз унвони ин китоб «Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс» ҳам маълум аст, ки дар он сухан аз аҳли тасаввуф меравад. Дар ин асари Ҷомӣ шарҳи ҳол ва тавсифи асари 609 нафар мутасаввифон-намояндагони силсилаву тариқатҳои гуногуни тасаввуф аз давраҳои аввали пайдоиши он то рӯзгори муаллиф зикр шудааст. Дар асари мазкур дар боби «Фи зикрун-нисcо ал-орифот-ул-восилот ило маротиб ар-риҷол» зикри занҳои мутасаввиф омадааст, ки духтари Қаъб низ миёни онҳост.

Мавлоно Ҷомӣ исми духтари Қаъбро зикр накардааст. Маълумоте, ки ӯ медиҳад, хеле мухтасар буда, чандон қобили эътимод ҳам нест:

«Шайх Абӯсаиди Абулхайр... гуфтааст, ки:

«духтари Қаъб ошиқ буд бар ғулом, аммо пирон ҳама иттифоқ кардаанд, ки ин сухан, ки ӯ мегӯяд на он сухан бошад, ки бар махлуқ тавон гуфт. Ӯро ҷои дигар кор афтода буд.

Рӯзе он ғулом он духтарро ногоҳ дарёфт, сари остини вай гирифт. Духтар бонг бар ғулом зад, гуфт: «Туро ин бас нест, ки ман бо худовандам ва он ҷо мубталоям, бар ту берун додам, ки тамаъ мекунӣ». Шайх Абӯсаид гуфт: «Сухане, ки ӯ гуфтааст на чунин аст, ки касро дар махлуқ афтода бошад».
Вай гуфтааст:

**Ишқро боз андар овардам ба банд,**
**Кӯшиши бисёр н-омад судманд.**
**Ишқ дарёи каронанопадид,**
**Кай тавон кардан шино, эй мустаманд.**
**Ишқро хоҳи, ки то поён барӣ,**
**Бас бибояд кард бас нописанд.**
**Зишт бояд диду ангорид хуб,**
**Заҳр бояд хӯрду пиндорид қанд.**
**Тавсанӣ кардам надонистам ҳаме,**
**К-аз кашидан тангтар гардад каманд» (9).**

1. Дар сарчашмаи мазкур ҳарфи тоза истинод бар гуфтори шайх Абӯсаиди Абулхайр аст, ки Робиаро, бидуни тардид, аз аҳли тасаввуф мешуморад.
2. Истиноди дигари Ҷомӣ, гумон мекунем, бар «Илоҳинома»-и Аттор аст, ки он ҷо қиссаи мулоқоти Робиаву Бектош дар даҳлези айвон ба риштаи назм кашида шудааст ва сабаби қаҳру итоби Робиа ҳам айнан чунон аст, ки дар «Нафаҳот» омадааст.

3. Ғазале, ки Ҷомӣ аз Робиа овардааст, қаблан дар сарчашмаҳои қадимтар зикр нашуда буд, ба ҷуз байти охир, ки дар «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ бо номи Оғоҷӣ интиқол шудааст.
4. Зикри Робиа дар «Нафаҳот» далели он аст, ки худи Ҷомӣ низ ба аҳли тасаввуф будани Робиа мӯътақид буд.

Аммо вобаста ба ҳамин нукта суоли дигаре пеш меояд, ки чаро дар ин сурат сарчашмаҳое аз қабили «Нафаҳот...» ба монанди «Табақот-ус-суфия»-и Абдуллоҳи Ансорӣ, «Рисолат-ул-Қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ, «Қашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳаҷвирӣ, «Тазкират-ул-авлиё»-и Фаридуддини Аттор ёде аз номи Робиа накардаанд. Ҳатто Аттор, ки дар «Илоҳинома» қиссаи ишқи ҷонгудози шоираи шӯридадил Робиаро нақл кардааст, дар асари мустанад ва илмии худ «Тазкират-ул-авлиё»(10) дар мавриди ӯ хомӯш аст.

Тамоми манобеи дигар, ки аз Робиа ёд мекунанд, ҳамин асноди фавқро бо андаке тафовут нақл мекунанд, ки ба илали такрор ҳоҷат ба бозовардани онҳо нест. Ҳатто «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят, ки аз комилтарин тазкираҳои форсӣ маҳсуб мешавад, ҳарфи наве надорад ба ҷуз он ки маснавие бо номи «Гулистони Ирам» дар ин мавзӯъ иншо намудааст. Ризоқулихони Ҳидоят ӯро «маликзодаи тозӣ» хондааст, ки падараш дар Балху Қуздор ва Буст дар ҳаволии Қандаҳор ва Систон комронихо намуд. Қаъб писаре Ҳорис ном дошта ва духтаре Робиа ном, ки ӯро Зайнуларaб мегуфтанд. Робиаи

мазкура дар ҳусну ҷамол ва фазлу камол ва маъруфияту ҳол ваҳидаи рӯзгор ва фаридаи даҳру адвор, соҳиби ишқи ҳақиқӣ ва маҷозӣ ва фориси майдони форсӣ ва тозӣ буда... Ҳикояти ӯро фақир назм карда, номи он маснавиро «Гулистони Ирам» ниҳода. Муосири Оли Сомон ва Рӯдакӣ буда» (11).

Маълумоте, ки Ҳидоят медиҳад, аз ҳикояти Аттор тафовуте надорад. Аз ин нақл маълум мешавад, ки:

1. Падари Робиа маликзодаи тозӣ будааст.
2. Робиа ба ду забон шеър мегуфтааст.
3. Ошиқпеша ва сӯфимашраб будааст.
4. Муосири Рӯдакӣ буда, дар давраи Сомониён зиндагӣ кардааст.

Мурод аз шарҳи муфассали сарчашмаҳои мазкур, ки домани суханро хеле дароз кашонид, баҳсҳоест, ки роҷеъ ба муҳити зист, аҳвол ва осори Робиа ба вуқӯъ пайвастаанд.

Ибтидо сухан аз макон ва замони таваллуди Робиа бояд оғоз ёбад. Робиа дар илму ададорад. Бинобар ин аввалин коре, ки бояд бӣ тоҷикӣ бо тахаллуси «Балхӣ» шӯхрат кард, руҷӯъ ба таърихи Балх аст. Таҳти унвони «Балх дар таърих ва адаби форсӣ» китоби д-р Саид Абутолиби Миробидинӣ (12) ва асари Аҳрор Мухторов «Позднесредневековый Балх (13) ба даст омад, ки хеле муфассал аз таърихи Балх маълумот медиҳанд.

Дар китоби аввал Балх дар устураҳову осори зардуштӣ ва дар тамоми давраҳои сарнавиштсози таърих, дар гардишҳои бунёдсоз ва бунёдбарафкан, аз ҷумла дар давраҳои ҳахоманишиёну селевкиён, ашкониёну сосониён, зардушту буддоиён, ислому бармакиён,

дар давраи наҳзати шуубия, тоҳириёну саффориён, сомониёну ғазнавиён, салҷукиёну муғулон, темуриёну сафавияву афшория зимни сарчашмаҳои қадиму ҷадид ва манобеи илмии мўътамад пеши назари хонанда бо тамоми шукуху шаҳомату зебой қад барафрохтааст. Дар ин китоб аз паҳлавонҳои майдонҳои ҳарбу зарб ва заминҳои гулгун аз хуни шаҳидон, аз сиёсату сиёсатмадорон, аъёну ашроф, донишмандону суханварон қиссаҳои муассире ёд мешавад, ки мақому манзалати ин куҳаншаҳри зебоманзарро боз ҳам дар паранди афсона ҷилва медиҳад.

Дар асари дигар сухан аз деворҳову дарвозаҳо маҳаллаҳову масҷидҳо, мадрасаву мазорҳо, чорбоғҳо ва тарзи обёрии боғоту маҳалҳои Балх рафтааст.

Балх дар ҳақиқат маҳалли бархўрди фарҳангҳо ва мазҳабҳои мухталиф будааст. Зардушту Буддову Монӣ ва сонияи Ислом пайравони зиёде дар Балх доштаанд, ки асари бузурге ба ёдгориҳои таърихиву фарҳангии ин сарзамин гузоштааст. Дарозои таърих юнониҳову арабҳо ва туркҳову муғулҳо бо мардуми маҳаллӣ-форсҳо борҳо даромехта ва аз ин омезиш бурду бохтҳое дар фарҳангу ҳунари кишвар ба ҳусул омадааст. Дар мавриди он ки Қаъб амири Балх будааст, ягон санаде дар ин китоб ёфт нашуд. Лекин бо таваҷҷўҳ ба асноди ин асар чунин бармеояд, ки забти аъроб ва вуруди мусалмонон ба Балх ба соли 651 мелоди ё 31 ҳиҷрӣ мувофиқ меояд. Балх баъди муқовимат ва пойдории зиёд ниҳоят таслим шуд ва ҳокими Ироқ 50 ҳазор нафар арабро бо хонаводаҳояшон ба Нишопур

ва Балх ва дигар шаҳрҳои Хуросон фиристод, то дар он нуқот сукунат ихтиёр кунанд ва ба онҳо замину хона дод(14). Балх дар тўли таърих ба замин яксон шуда имрўз тахминан дар ҳамон ҷо Мазори Шариф қад барафрохтааст.

Дар сурати пазируфтани он қазия, ки падари Робиа аз маликзодаҳои аъроб буд, метавон ҳадс зад, ки тозиёни Балх тўли тақрибан се аср (аз замони забти араб то таваллуди Робиа), ки миёни форсизабонон умр ба сар мебурданд ва аксар бо духтарони форс издивоҷ мекарданд, зери таъсири эрониҳо монда ва бархе эронӣ шуда буданд.

Аммо чун маълумоте дар бораи шахсияти воқеӣ будани Қаъб аз китоби мазкур пайдо накардем, тасодуфан ба ишорае дар «Таърихи адабиёт дар Эрон»-и д-р Забеҳулло Сафо бархўрдем, ки дар боби 2, фасли 3 «Вазъи улум дар қарни чаҳорум ва нимаи аввали қарни панҷўм (ҳиҷрӣ) чунин омадааст: «Абулқосим Абдулло ибни Аҳмад ал-Қаъби ал-Балхӣ (319 ҳиҷрӣ) ҳам аз мутабаҳҳирин дар илми калом ва аз бузургони мўътазила буд ва фирқаи хосе дар ин мазҳаб бо номи Қаабия падид овард»(15).

Маълумоти дигар аз китоби А. Мухторов ба даст омад. Он ҷо сухан аз масҷиди «Нўҳ гумбаз» дар Балх рафтааст, ки ба унвони «Қаъбул-ахбор» низ ёд шудааст. Ба истинод аз «Энсиклопедияи ислом» (чопи Лейден-Лондон, ҷ. II, 1927) муаллиф зикр намудааст, ки Қаъбул-ахбор лақаби Абў Исхоқ Қаъб ибни Матеъ ибни Хайёд (соли вафоташ 32 ё 34 ҳ. (652-654) тарғибгари ислом дар давраи авва-

лии халифхои мусулмон будааст.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин аснод ва ба қонуни ирсият (аз донишмандон ва аҳли калом будани ал-Қаъбии ал-Балхӣ) пай бурдан мумкин аст, ки эҳтимол ин ашхос аз хешовандони Робиа бинти Қаъб бошад. Дар ҳар сурат чунин як фарзияи тахминӣ ҳанӯз ҳалли масъала нест, хосса ки дар чанд сарчашмаи дигар падари Робиа волии Балху Қуздору Буст дар ҳаволии Қандаҳору Систон қаламдод шудааст. Аз харитаи ҷуғрофии кишварҳои Шарқ ба назар расид, ки шаҳрҳои мазкур дар фосилаҳои начандон наздик ба ҳамдигар қарор доранд. Таърихи 1100 сола пас аз зиндагии Робиа ин шаҳру навоҳӣ ва қарияҳоро дар мамолики мухталиф ҷойгузин намудааст. Балх дар шимоли Афғонистон ва аз рӯи маълумоти ҷадид хамчунин қисман дар ҷануби Тоҷикистон ва Ӯзбекистон қарор дорад. Шаҳрҳои Қандаҳору Буст дар қисмати ҷанубии Афғонистон ҷойгиранд. Қуздор дар ҳайати Балуҷистон аст, ки дар навбати худ ба ду қисм ҷудо шуда, қисме дар Эрони Ҷанубӣ ва қисме дар Покистони Шимолӣ қарор дорад.

Акнун бубинем, ки адабиётшиносони муосир ва шарқшиносони қарни XX чӣ қазияҳое дар ин мавзӯъ пеш меоранд. Шиблии Нӯъмонӣ, Забеҳулло Сафо, Аҳмади Гелонӣ, Маҳмуди Мудабирӣ, муаллифони тазкираҳои занони суханвар (аз ҷумла Тоҷӣ Усмон), Ҳ. Эте, Е. Э. Бертельс, Я. Рипка, И. С. Брагинский, А. Крымский(16) ва дигарон дар ин мавврид ҳарфи наве илова накардаанд. Аммо дар китоби «Адабиёти форсӣ дар миёни ҳиндувон», ки таълифи д-р Саид Абдулло, устоди адаби фор-

сӣ дар донишгоҳи Панҷоби Лоҳур буда, тарҷумааш ба қалами д-р Муҳаммад Асламхон, устод ва раиси бахши адаби форсии Деҳлӣ тааллуқ дорад, як санади комилан тоза ба чашм расид, ки мутаассифона, маъхази он зикр нашудааст: «Тақрибан дар соли 329 хиҷрӣ дар Синд шоирае ба дунё омад, ки Робиа бинти Қаъб ал-Қуздорӣ исм дорад. Қасдор ё Қуздор пойтахти ноҳияи Турон (Балуҷистони имрӯз) буд. Ин воқеа ҳақиқатеро ба исбот мерасонад, ки дар он замон форсӣ дар Синду Балуҷистон—ба наҳве аҳсан ривоҷ дошт»(17).

Синд дар ҷануби шарқии кишвари имрӯзаи Покистон қарор дорад. То ба Синд кашидани ҷои таваллуди Робиа макони зисти ӯро хеле густурда мегардонад. Яъне аз нуқтаҳои ҷанубии Тоҷикистон сар карда то Афғонистону Балучистон ва Покистону Синд ва Ҷанубу Шарқии Эрон, Манобее, ки дар даст дорем, шаҳру навоҳии Синд, Балучистон, Систон, Қуздор, Буст, Қандаҳор ва Балхро номбар мекунад. Дар ин сурат тахмин кардан мумкин аст, ки Робиа дар Қуздор ба дунё омада, сипас ҳамроҳи падараш (шояд ба тақозои вазифаҳои Қаъб) рӯ сӯи шимол то Балх ҳаракат карда бошад. Ҳароина «Робиаи Қуздории Балхӣ» ном бурдани сарчашмаҳо ду нуқтаи начандон наздики ҷуғрофиро ба ҳам мепайвандад ва дар шарҳи ин масъала пиндори дигаре ба хотир намерасад. Гумон аст, ки баръакс бошад, яъне аз Балх ба Қуздор Робиа кӯчида бошад. Дар шаҳри бузурге ва маркази фарҳангие чун Балх, ки дар асри Сомониён бо Бухоро сар бар сар мезад, зистан ва асарҳо офаридани Робиаи баркамол манти-

кан дурусттар аст. Ин тахмин ба бунёди вокей доштани қиссаи Аттор дар бораи мулоқоти Робиа бо Рӯдакӣ, кӯмаки ҳарбии шоҳи Бухоро ба Ҳорис ва иштироки Ҳорис дар базми шоҳи Бухоро оварда мерасонад, зеро миёни Балху Бухоро фосилаи чандон дур нест. Пуштибоҳи моро дар ин занн вуҷуд доштани карияе бо унвони Қаздор дар атрофи Балх метавонист собит кунад, бинобар ин бо ин савол ба муаррихи маъруф А. Мухторов мурочиат кардем.

Эшон дар мактуби худ ба муаллифи ин сатрҳо оиди номи Қуздор посух доданд, ки «Дарёи Балх ба 18 маҷро тақсим мешавад. Яке аз он наҳрҳо Қуддор ё Қуддар ном дорад. Ин шаҳр 17 қишлоқи Балхро обёрӣ мекунад. Азбаски то асри Х1У ҳарфи «дол» бо нуқта навишта мешуд, баъзеҳо бо ҳамин сабаб Қуддорро Қуздор хонда бошанд?».

Роҷеъ ба маҳалли зисти Робиа дар китоби фавқуззикр маълумоти муҳим сабт шудааст. «Мазори шоираи асри Х Робиаи Балхӣ дар маркази Балхи муосир дар қарибии масҷиди Хоҷа Абӯ-Насри Порсо ҷойгузин аст... Бо мақсади ёфтани хокҷои ӯ хатиби масҷиди Хоҷа Абӯ Насри Порсо Саид Довуд-ака ҳамроҳи ашхоси расмии давлатӣ, аммо бе иштироки мутахассис заминро ба андозаи 1,5 метр кофтанд ва ба тахтасангҳо бархӯрда, пиндоштанд, ки зери онҳо ҷасади шоираи маъруф дафн шудааст. А. Мухторов ба пиндори онҳо шак оварда навиштааст: «Қасе напурсид, ки зери он тахтасангҳо чӣ буд. Агар он дар ҳақиқат қабр бошад, пас қабри кӣ буд, қабри зан ё мард? Ғайр аз ин мазорро на дар ҷои кофташуда,

балки онсӯтар ба хотири вайрон накардани мувозинати пешгоҳи масҷиди Хоҷа Абӯ Насри Порсо гузоштанд. Ба фикри мо, агар шоира Робиа дар Балх мадфун бошад, пас қабри ӯро амиктар бояд ҷустуҷӯ кард. Акси мазори Робиаи Балхӣ дар китоби мазкур сабт шудааст».

Ҳалли ин масъаларо мо низ ба илали ихтилофи санадҳо нотамом мешуморем ва гумон мекунем, ки асноди дигарро низ бояд ҷустуҷӯ намуд. Ва ниҳоят боз як маълумоти дигар роҷеъ ба ҷои таваллуди Робиа дар «Шеър-ул-аҷам»-и устод Шиблии Нӯъмонист. Дар саҳ. 24-25 ҷилди аввали китоб ду маротиба номи «Робиаи Фарворӣ» зикр шудааст. Дар сурати як маротиба омадани ин ном гумон кардан мумкин буд, ки саҳв шудааст ва нуқтаҳои ҳарфҳо афтодаанд. Ин ҷо Фарвор магар Фархор нест, ки ба Балх хеле наздик аст? Ғайр аз ин, ба қавли А. Девонақулов «мардуми Фархор эътиқод доранд, ки онҳо авлодони Золи Зар мебошанд. Онҳо далел меоваранд, ки Баҳманруд (Қизилсу) дорои се шохоб буда, бо номҳои Оби Мазор, Меҳроб, Рудоб маълуманд. Аз қиссаву достонҳо аён аст, ки Меҳроб падари Рудоба ва Рудоба модари завҷаи Золи Зар аст. Бинобар он Золи Зар ба Рудобаи дилрабои фархорӣ дилбанд шуда, Рустамро дармеёбад, пас ҷаро фархориён худро авлоди онҳо нашуморанд» (18). Аз ин ҷо маълум мешавад, ки байти зерини шайх Аттор газофи бофта набудааст:

**Битозам Рахшу бикшоям дари фасл,**
**Ки ман дар разм Рустам, Рустам аз асл,**

Ҷои афсӯс аст, ки Шиблии Нӯъмонӣ сарчашман ин номро қайд накардааст ва аз он манобее, ки дар дасти мост, ин ном ҷои дигаре ба чашм нарасид.

Масъалаи дигар — замони таваллуд шудани Робиа аст. Аксари сарчашмаҳо ба ҷуз иноро ба асри 1У ҳиҷрӣ, ки мутобиқ ба асри Х мелодист, ягон иттилоъе намедиҳанд. А. Холидов дар мақолаи «Адабиёти араб» навиштааст, ки «дар ин давра (1Х) забони арабӣ ва қолабҳои шеъриро сӯфиён — шоира Робиа (вафоташ 801) ва шоир Ал-Халлоҷ (вафоташ 922) ба кор гирифтаанд» (19).

Сабаби муроҷиати мо ба адабиёти араб он буд, ки Робиа ба тозӣ низ шеър гуфтааст. Аммо, бешак, дар иқтибоси фавқ сухан аз Робиаи дигар, аз бузургтарин занони мутасаввифи қарни УIII Робиаи Адвийа меравад, ки поёнтар сухане муфассалтар дар бораи ӯ низ гуфтанием.

Ягона санаде, ки хеле қобили таваҷҷӯҳ аст, дар асари д-р Саид Абдулло буд. Санаи 329 хиҷрӣ мутобиқ ба 941 мелодӣ мешавад. Айнан дар ҳамин сол Рӯдакӣ бо ҷаҳон падруд гуфта буд. Ин санад дидори Рӯдакиро бо Робиа қатъиян инкор мекунад. Агар мулоқоти Робиа вокеан ҷой дошта бошад, пас санаи таваллуди Робиаро ақаллан 20 сол қафотар бояд кашид, ки ба аввали қарни 1У ҳиҷрӣ (301х. тахминан 920 мелодӣ) мувофиқ аст. Айнан ба ҳамин давра ҳукумати Наср ибни Аҳмад ибни Исмоили Сомонӣ (301-331ҳ.) рост меояд, ки Рӯдакӣ дар дарбори ӯ зиндагӣ кардааст ва мамдӯҳи ӯ будааст. Ин нукта ба хулосае меорад, ки ҳикояти духтари Қаъб

дар «Илохинома» газофгӯии шоирона набу-
да, балки бунёди воқеӣ низ доштааст. Ба ин
маънӣ Фурӯзонфар гуфта буд, ки «рӯи ҳа-
рафта ҳикояти духтари Қаъб аҳамият дорад,
зеро замони ҳаёти духтари Қаъб ва кайфия-
ти зиндагии ӯ ӯ қатъи назар аз мазомини шо-
ирона аз гуфтаи шайх (Аттор — М. М.) рӯ-
шан мешавад ва зоҳиран танҳо манбаест, ки
аз сухангӯии қарни 1У иттилоъе бад-ин таф-
сил ба даст медиҳад».

Агар қазияи боло қобили қабул бошад, аз
ахбори Авфии Бухорой, ки Робиаро аз Ол
Сабуктегин ба қалам медиҳад, бояд даст ка-
шид. Ҳамчунин хулосаҳои Ҳ. Эте ва А. Крым-
ский дар бораи аз дарбори Маҳмуд ва сито-
ишгари ӯ будани Робиа саҳеҳ наменамояд.
Херман Эте ба ин маънӣ гуфта буд: «Робиа
бинти Қаъб, ки аввалин занест, ки ба фанни
шоирӣ гароид ва аз намунаҳои каме, ки аз ӯ
монда, пайдост, ки бо роҳи ситоиши Маҳмуд
ва баъзе муосирон нек ошно будааст» (20).

Мо ба ин гуфтаи Эте ягон далеле аз ашъ-
ори Робиа пайдо накардем. Дар тамоми аб-
ёти пароканде, ки аз шоира то рӯзгори мо
расидааст, ҳеч ҳарфи ситоиш, ҷуз ситоиши
маъшуқ нест. Агар байти зерин:

**Турк аз дарам даромад хандонак**
**Он хубрӯи ҷобук меҳмонак.**

дар назар дошта шуда бошад, ба ҳеч ваҷҳ
онро наметавон бо номи шоҳ Маҳмуд пай-
васт ва ин нукта бидуни шарҳ рӯшан аст.

Акнун ки замону макони зиндагии Робиа
пеши назар аст, бармегардем ба масъалаи он,
ки шоира форснажод буд ё арабнажод?

Агар қазияи қаробат доштани ибни Каъбии ал-Балхиро бо Робиа инкор накунем, ба хотир мерасад, ки сарчашмаҳо ба нажоди аъробии ӯ ишорае накардаанд. Маохизи таърихӣ собит мекунанд, ки дар асри X мардуми Синд ба забонҳои форсӣ, арабӣ синдӣ ва макронӣ ҳарф мезаданд ва забони форсӣ миёни забонҳои дигар «ба таври аҳсан ривоҷ дошт».

Аксари сарчашмаҳо аъробӣ будани падари Робиаро зикр намудаанд. Аммо гуфтаи Атторро низ набояд сарфи назар кунем. Дар «Илоҳинома» Аттор аз забони худи Робиа гуфтааст:

**Битозам Рахшу биҷшоям дари фасл,**
**Ки ман дар разм Рустам Рустам аз асл.**

Аз асли Рустам будани Робиа магар ишора ба форсинажод будани ӯ нест?

Аҳмади Гелонӣ дар асари пурмояи худ «Шоирони ҳамасри Рӯдакӣ» ба ин масъала хеле ҷиддӣ мутаваҷҷеҳ шуда, гуфтаи зеринн Михаил Зандро бо қатъият инкор мекунад: «Робиаи Қуздорӣ, ки нахустин зани порсигӯи араб аст, шабнами баҳориро ба арҷанг ташбеҳ мекунад» (М. Занд. Нур ва зулмот. Тарҷумаи Пиронфар). Ӯ бо эҳсоси ошкорои надомат менависад: «Шигифто! Михаил Занд он ҷо, ки аз мубориза номварони адаби порси алайҳи тозиён ва халифагон сухан ронда, чаро бемадоқона иштибоҳи дигаронро такрор карда ва Робиаи эрониро тозӣ хондааст. Руҷӯъ кунед: «Илоҳинома» ба тасҳеҳи Ҳелмут Ритер, с. 230-352» (21).

Дар асоси фақат як байти Аттор, ки он

ҳам асари мустанад нест, бо қатъият чизеро пазируфтан ва ё инкор намудан амали савоб нест. Аммо нуктаи дигаре ҳаст, ки мансубияти Робиаро ба миллати форс бе ҳеҷ шакку шубҳа ба тасвиб мерасонад.

Таърихи адаби форсӣ тӯли қуруни зиёди инкишофи худ хеле суханваронеро парвариш намудааст, ки имрӯз дар сари аслу насаби онҳо баҳсу талошҳое авҷ гирифтааст. Барои хотима бахшидан ба ин баҳсҳо бояд меъёрҳо ва принсипҳоеро ба кор гирифт, ки моли кадом халқ будани мероси адабиро муайян кунад. Чунин меъёр, ба назари мо, пеш аз ҳама он аст, ки адиби мазкур дар кадом муҳит тарбия гирифтааст ва барои кадом халқу кадом адабиёт хизмат намудааст. Пушкин, ки яке аз аҷдодаш араб буд, ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад шоири араб бошад, зеро тафаккур, забон ва тарзи баёни ӯ русист. Ё Гоголь, ки волидайнаш украин буданд ва худаш низ дар хутори Сорочинцыи Украина ба дунё омадааст, бешак, моли адабиёти рус аст. Забон омили хеле муҳим аст, забоне, ки адиб бо он асари хешро офаридааст. Солҳост, ки миёни турку форсҳо дар сари Низомӣ баҳс меравад. Донишманди маъруфи тоҷик Муҳаммад Осимӣ аз баҳсе, ки дар Озарбойҷон дар ин хусус сурат гирифта буд, натиҷа гирифта буд, ки адабиёт бояд нишот бахшад. «Лаззату нишоте, ки хонанда ба забони аслии асар мегирад, беқиёс аст. Бинобар ин тамоми даъвоҳои муддаиён бебунёд аст, зеро фақат мо, форсизабонон, меросбарони ашъори нобиi форсӣ, аз ҷумла осори Низомӣ ҳастем». (22).

Дар мавриди дузабона, яъне зуллисонайн

будани адиб, ки Робиа аз он ҷумла аст, ду меъёри дигар бояд риоя шавад:
1. Миқдори ашъор ба ин ё он забон.
2. Арзиши ҳунарии мероси адабӣ.

Агар меъёрҳои мазкурро ба инобат гирем, ба хулосаҳои амиқ мерасем:

1. Камолоти шахсӣ ва маънавии Робиа дар миёни мардуми форс сурат гирифтааст.
2. Хизмати Робиа ба адабиёти форс бебаҳс аст.
3. Аз мероси адабии Робиа ҳамагӣ 5 мисраъ ба забони арабӣ то ба мо расидааст.
4. Ҳунари волои Робиа дар гуфтани ашъори форсӣ қобили таҳсин аст. Авфӣ ҳам шояд ба ҳамин маънӣ гуфта бошад, ки Робиа «бар назми тозӣ қодир ва дар шеъри форсӣ бағоят моҳир» буд.

Тафовути калимоти «қодир» ва «бағоят моҳир» бидуни шарҳ рӯшан аст.

Ниҳоят, баҳси дигарро низ роҷеъ ба аҳли тасаввуф будан ё набудани Робиа анҷом медиҳем.

Чунонки пештар ишора рафт, шайх Абӯсаиди Абулхайр, Аттор ва Ҷомӣ мутасаввиф будани Робиаро тасдиқ намудаанд. Хоса, Абӯсаиди Абулхайр, ки қавли ӯ дар «Нафаҳот», нақл мешавад, ҳамрайони зиёд дорад, ки ин маънӣ аз лафзи зерин бармеояд: «...пирон ҳама иттифоқ карданд, ки ин сухан, ки ӯ мегӯяд, на он сухан бошад, ки бар махлуқ тавон гуфт» (23). Ба пиндори мо, вожаи «пиронро» ба маънии пирони мазҳаб, муршидон ва раҳнамоёни тариқат фаҳмидан дуруст аст. Ба ин маънӣ шоҳиди зиёде аз назми форсӣ овардан мумкин аст.

Чунончӣ:

**Гар зи пеши худ биронӣ чун саг аз масчид маро,**
**Сар зи ҳукмат барнадорам чун мурид аз гуфти пир.**

Саъдӣ.

Ақидаи Атторро дар бораи ишқи Робиа се нукта рӯшан мекунад:

1. Дар асаре бо унвони «Илоҳинома» чой додани ҳикояи духтари Қаъб.
2. Қиссаи вохӯрии Робиа бо Бектош дар даҳлез:

**Бад-ин чун муддате бигзашт як рӯз,**
**Ба даҳлезе равон шуд он дилафрӯз.**
**Бидидаш ногаҳон Яктош* бишнохт,**
**Ки умре ишқ бо нақши рухаш бохт.**
**Гирифташ домане, духтар барошуфт,**
**Барафшонд остин, в-онгаҳ бад-ӯ гуфт:**
**Ки ҳон, эй беадаб, ин чӣ далерист,**
**Ту рӯбоҳӣ, туро чӣ чои шерист.**
**Ки бошӣ ту, ки гирӣ домани ман**
**Ки тарсад соя аз пероҳани ман.**
**Ғуломаш гуфт, эй ман хоки кӯят,**
**Чу мегардӣ зи ман пӯшида рӯят.**
**Чаро шеърам фиристодӣ шабу рӯз,**
**Дилам бурдӣ бар он нақши дилафрӯз?**
**Чу дар аввал маро девона кардӣ,**
**Чаро дар охирам бегона кардӣ?**
**Чавобаш дод он симинбар он гоҳ**
**Ки як зарра на з-ин сирри ту огоҳ.**
**Маро дар сина коре уфтодаст,**

---

*Дар баъзе нусхаҳо ба чои Бектош Яктош омадааст.

**Валекин бар ту он кōрам кушодаст.**
**Чунон коре, ки ҷои сад ғулом аст,**
**Ба ту дорам дилу инам тамом аст.**
**Туро ин бас набошад дар замона,**
**Ки ту ин корро боши баҳона.**
**Асоси кӯж бинҳоди аз ин кор,**
**Ба шаҳватбози афтоди аз ин кор.**
**Бигуфт ину зи пеши ӯ бадар шуд,**
**Ба сад дил он ғуломаш фитнатар шуд.**

Чунонки мебинем, ин порчаи кӯчак, ки як лаҳзаи дидори ошиқу маъшуқро тасвир мекунад, ҳам нақли муаллиф, ҳам гуфтори Бектош ва ҳам посухҳои Робиаро дар бар гирифтааст. Аз посухи Робиа аён мешавад, ки ишқи ӯ бар хилофи ишқи Бектош шаҳватбозӣ набуда, балки корест, ки «дар сина уфтодаст» ва Бектош фақат баҳонаест барои ин кор. Бешубҳа, Робиа ин ҷо таҷаллии нури ҳақро дар рӯи зебо дар назар дорад. Сурати беназири Бектош, ки дар хубӣ ягонаи даврон аст, дар назари Робиа гӯё нақше аз нуқуши илоҳи дорад, ки боиси ишқи ҷонсӯзи ӯ шудааст.

3. Дар «Илоҳинома» ҳикояти духтари Қаъб аз номи шахси сеюм омадааст, вале баъди тасвири лаҳзаи мулоқоти нахустини ошиқон якбора сухан аз номи шахси якум меравад, ки симои муаллифро ҳамчун иштирокчӣ ва шоҳиди бевоситаи воқеа боз мекунад:

**Зи лафзи шайхи Маҳна ин бидидам,**
**Ки ӯ фармуд, ман ин ҷо расидам.**
**Бипурсидам зи ҳоли духтари Қаъб,**
**Ки ориф буд ӯву ошиқи саъб.**
**Чунин гуфт ӯ, ки маълумам чунон шуд,**
**Ки он шеъре, ки аз табъаш равон шуд**

**Зи сӯзи ишқи маъшуқи маҷозӣ,**
**Набикшояд чунин шеъре ба бозӣ.**
**Надошт ин шеър бо махлуқ коре,**
**Ки ӯро буд бо ҳақ рӯзгоре.**
**Камоле буд дар маънӣ тамомаш,**
**Баҳона омада дар раҳ ғуломаш.**

Ба назари Аттор чунин менамояд, ки посухи худи Робиа барои ошкор намудани ишқи ҳақиқии ӯ кофӣ нест. Бинобар ин дар тақвияти сухан ва ин фикр гуфтори «шайхӣ Маҳна» оварда мешавад. Илова бар ин, барои эътимодбахш шудани сухан муаллиф шоҳид овардааст. Хулоса, Аттор бидуни ҳеҷ тардид эътимод ба сӯфимашраб будани Робиа дорад.

Ризоқулихони Ҳидоят Робиаро соҳиби ишқи ҳақиқӣ ва маҷозӣ меҳисобад. Ҳамин хулосаро аз гуфтори Шиблии Нӯъмонӣ низ метавон берун кашид: «ба ғуломе Бектош ном ошиқ шуда ва баъд ишқаш аз сарҳадди маҷоз ба ҳақиқат кашида дохил дар ҳалқаи тасаввуф гардид ва аз ин ҷо номи ӯ дар ададди сӯфия ба шумор омадааст. Вале бо ин ҳол чун муошиқаи як нафар зан бо марди аҷнабӣ андар ҷомеаи исломӣ айбе бузург шумурда мешуд, лизо ӯро ба қатл расониданд» (24).Ба фикри Ҳ. Эте Робиа аз табақоти аимма буд, «аммо ҳақиқат он аст, ки миёни табақоти аимма, ҳатто байни занон ҳам гӯяндагоне вуҷуд доштанд, монанди... Робиаи Қуздории Балхӣ, духтари Каъб ва хоҳари Ҳорис...» (25).

Ҳамин тариқ бо таваҷҷӯҳ ба асноди сарчашмаҳо маълум мешавад, ки бархе Робиаро комилан сӯфимашраб ва барҳи дигар ошиқ-

нецсе, ки ишқи заминиву илоҳиро дар дили худ ҷо додааст, ба қалам овардаанд.

Ашъори Робиа кадоме аз ин ақоидро собит мекунад?

Дар ғазалҳои «Зи бас гул, ки дар боғ маъво гирифт» ва «Фишонд аз савсану гул симу зар бод» ҳарфе аз ишқ нест, ин ҷо танҳо тасвири зебоиву таровати баҳор аст. Ғазали зерин дар мавзӯи ишқ аст:

**Ишқи ӯ боз андар овардам ба банд,**
**Кӯшиши бисёр н-омад судманд.**
**Тавсанӣ кардам надонистам ҳаме,**
**К-аз кашидан тангтар гардад каманд.**

Абёте, ки зикраш рафт, ду байти аввали ғазал аст, ки аз «ман»-и ошиқ ҳарфе ба миён овардааст, ошиқе, ки аз банди ишқ раҳоӣ меҷӯяд, вале ҳар қадар дурӣ ҷӯяд, ҳамон қадар бештар дар қайд мешавад. Ҳадди ишқи ҳақиқӣ ё маҷозиро дар абёти фавқ наметавон ҷудо кард. Байтҳои боқии ғазал низ, ки дигар на аз эҳсоси «ман»-и ошиқ, балки аз мафҳуми худи ишқ сухан ба миён меоранд, далели ҳарду навъи ишқанд:

**Ишқ дарёи каронанопадид,**
**Кай тавон кардан шино, эй мустаманд?**
**Ишқро хоҳӣ, ки то поён барӣ,**
**Баски бипсандид бояд нописанд.**
**Зишт бояд диду ангорид хуб,**
**Заҳр бояд хӯрду пиндорид қанд.**

Аммо абёти зерин, ба назари мо, комилан суфиёна аст:

**Кош-к танам боз ёфтӣ хабари дил,**
**Кош-к дилам боз ёфтӣ хабари тан.**
**Кош-к ман аз ту бирастаме ба саломат,**
**Ой фусусо, куҷо тавонам растан.**

Хабар ёфтани тан аз дил ва дил аз тан, муқобилгузории дилу тан дар тасаввуф, кӯшиши ба саломат растан ва дар айни ҳол ба хубӣ дарк кардан, ки аз ин қайд ба ҷуз висол раҳоӣ нест. Байти зерин бошад, ба ҳеҷ ваҷҳ, далели ишқи ҳақиқӣ нест:

**Турк аз дарам даромад хандонак**
**Он хубрӯи чобук меҳмонак**

Ин ҷо маҷоли таҳлили тамоми ашъори Робиа нест, зеро ҳамин абёт кофист, ки матлаб равшан шавад. Натиҷае, ки аз чунин баррасии иҷмолӣ ҳосил шуд, он аст, ки Робиа ба ҷуз он ки соҳиби ишқи ҳақиқӣ будааст, ба зебоиҳои заминӣ низ дилбастагӣ доштааст, яъне ҳарду ишқро дар ашъораш ҷо дода тавонистааст.

Аз гуфтори ин боб хулосаҳои зерин ба даст меоянд:

Робиа аввалин зани суханвари форсигӯст, ки ном ва пораҳои парокандаи ашъораш то ба мо расидааст. Ӯ тақрибан солҳои бистуми асри X мелодӣ ба дунё омада, умри кӯтоҳ ба сар бурдааст ва замони зиндагиву фаъолияти адабии ӯро нимаи аввали асри X бояд пазируфт, ки мувофиқ ба замони Рӯдакист. Ҷои таваллудаш бояд Қуздор бошад ва баъдтар даврaи камолоти шахсӣ ва маънавиаш дар Балх гузаштааст. Дар бораи тозӣ ё форс будани волидайни Робиа зарурати баҳси тӯло-

ӣ нест, зеро матлаби муҳимтар он аст, ки Робиа дар муҳити форсизабонон зиста ва қисми зиёди ашъорашро (беш аз 95 фисади то ба мо расида) ба форсӣ гуфтааст ва дар назми форсӣ бағоят моҳир будааст. Робиаро аз аҳли тасаввуф метавон шинохт, вале дар ашъори ӯ ишқи маҷозӣ низ ҷой дорад.

Аз рӯзгори шоира чизе ба ҷуз ҳикояти ҷонсӯзи Аттор дар бораи ишқи бадфарҷоми ӯ маълум нест. Дар ҷавонӣ ба нокомӣ кушта шудааст.

Ашъори диловези ин шоираи шӯридадил бояд хеле зиёдтар аз он бошад, ки дар даст дорем. Дар назм бо беҳтарин шоирони замон панҷакашӣ кардааст ва дар завқу табъ ва кариҳаву тарзи баён на камтар аз онҳо будааст.

## РОБИАИ БАЛХӢ ВА РОБИАҲОИ ДИГАР.

Гуфтаи А. Мирзоев беасос нест, ки баъзан Робиаи Балхиро бо Робиаи Адвийа меомезанд. Давлатшоҳи Самарқандӣ ба чунин иштибоҳ роҳ додааст, — менависад ӯ — ва Шиблии Нӯъмонӣ низ, мутаассифона, ин хаторо такрор кардааст (26).

Дар бораи Робиаи Адвийа мо чӣ медонем ва сабаби сар задани чунин иштибоҳ дар чист? Сарчашмаҳо хабар медиҳанд, ки Робиаи Адвийа дар асри УШ мелодӣ зиндагӣ кардааст ва ашъори сӯфиёна гуфтааст. Аз аҳли тасаввуф будан ва шеър гуфтани ӯ боиси ҷаромехтани номи ӯ бо Робиаи Балхӣ шудааст.

«Луғатномаи Деҳхудо» дар бораи Адвийа чунин ахборе зикр мекунад:

«Робиаи Адвийа — духтари Исмоили Адвии Қайсист, ки дар соли 125ҳ. қ. (баробар бо 747м. —М.М) даргузашт. Вай мукии ба уммулхайр ва Мавлои Оли Атик ва аҳли Басра буд. Заркулӣ гӯяд: Дар некӯкорӣ машҳур буда ва дар зӯҳду ибодат ахбори бисёре аз ӯ расидааст. Дар Басра мутаваллид шуд ва ба Байтулмуқаддас кӯч кард ва дар он ҷо мурд» (27). Дар «Луғатнома» пораҳо аз гуфтори ӯ ва ёддоштҳои бузургмардони замони Робиа дар бораи ӯ мухтасар зикр шудааст: «Аз гуфтори ӯст: Ҳамчунон ки гунохонатонро пинҳон мекунед, некӯиҳоро низ пинҳон кунед («Ал-эълом» ҷ. 1, с. 314), Абдуллоҳ ибни Мӯсо гуфт: Бар Робиаи Адвийа дар хонааш дохил шудам, дидам сурати ӯ нуронӣ аст. Бисёр гиря мекард. Марде ояте аз «Қуръон»-ро, ки зикри оташ дар он шуда буд, хонд, пас фарёд заду фурӯ афтод. («Суффат-ул-саффа», ҷ. 4, с. 16), Муставфӣ гӯяд: Вай муосири Ҳасани Басрӣ буд. Аз суханони ӯст: Илоҳо, дар намоз диле ҳозир бидеҳ, ё намози бедилон қабул кун» («Таърихи гузида», с. 763).

Соҳиби «Ғиёс-ул-луғот» ваҷҳи тасмияи ин занро ба Робиа орад, ки духтари чаҳоруми падари хеш будааст».

«Тазкират-ул-авлиё»-и Аттор дар бораи Робиаи Адвийа хеле муфассал маълумот медиҳад. «Тазкират-ул-авлиё», ки аз ду ҷилд иборат аст, муштамил бар 95 боб буда, боби ҳаштуми ҷилди аввал дар саҳ. 64-77 зикри Робиа ал-Адвийаро ҷой додааст. Ҳамчунин дар бобе, ки зикри Ҳасани Басрӣ омадааст, аз Робиа низ ёд мешавад. Аз ҷумла сухан дар бораи он меравад, ки сӯфии бузург Ҳа-

сани Басрӣ «дар ҳафта як бор маҷлиси ваъз гуфтӣ ва ҳар боре, ки ба минбар баромадӣ, чу Робиаро надидӣ, маҷлис ба тарк гирифтӣ ва фуруд омадӣ. Гуфтанд, эй ҳоҷа, чандин мусулмонон ва хоҷагону бузургон омаданд, агар пиразани муқаннаъдоре наояд, чӣ бошад? Ӯ гуфтӣ, оре, шарбате, ки мо барои пилон сохта бошем, дар синаи мӯрон натавонем рехт ва ҳар гоҳ, ки маҷлис гарм шудӣ, рӯй ба Робиа кардӣ, ки эй дар гилем пӯшида.., ё санда, ин ҳама гармӣ аз як ахгари дили туст» (28).

«Тазкират-ул-авлиё» аз фазилатҳои Робиа дар покбозиву порсоӣ ва ҳалолкориву парҳезгории ӯ хеле ҳикоятҳо овардааст, ки ин ҷо ҳоҷат ба тафсилоти онҳо нест. Ҷомӣ низ дар «Нафаҳот-ул-унс..» зикри Робиаи Адвийаро карда, аз сифоти шахсии ӯ хеле сӯҳбат мекунад, вале ба ҷуз аз аҳли Басра буданаш, ягон дақиқе намеорад.

Қобили тазаккур аст, ки ахбори сарчашмаҳо дар мавриди замони зиндагии Робиаи Адвийа аз ҳам тафовут доранд. Чунонки дидем, «Луғатномаи Деҳхудо» соли вафоти ӯро 747 ба қалам додааст, дар таълифоти А. Холидов санаи 801 зикр шудааст. Шарқшиноси маъруф А. Е. Крымский солҳои 752-753-ро қайд мекунад: «Ҳанӯз дар асри VIII аввалин муаллифи нахустин шеърҳо-гимнҳои ошиқонаи орифона зан-зоҳиде аз Байтулмуқаддас, ки дар солҳои 752-753 даргузаштааст, Робиа маҳсуб мешавад» (29).

Дар ҳамин рисола А. Е. Крымский Робиаро шоирани шӯридадил (экзальтированная-ба ваҷд омада) меномад ва аз ишқи ӯ ба зоти

ҳақ сухан кушода, намунаеро аз ашъораш интиқол мекунад, ки аз арабӣ ба русӣ баргардонида шудааст:

**Я тебя сделала в моем сердце моим собеседником,**
**А тело предоставила тому, кто желает быть со мною.**
**Мое тело в его распоряжении**
**А в моем сердце — Друг моего сердца**

Ҳамин тариқ, маълум мешавад, ки Робиаи Адвийа аз аввалин занони мутасаввиф ва шоираи арабзабон будааст, ки дар Басра (шаҳр дар ҷануби Ироқ) умр ба сар бурдааст ва дар Байтулмуқаддас дар пиронсолӣ умраш ба поён расидааст. Мувофиқи маълумоги сарчашмаҳо дар оилаи камбағал ба дунё омада, ба дасти як сарватманде ба канизӣ афтидааст. Баъди аз ғуломӣ озод шудан умри худро дар роҳи муҳаббат ба ҳақиқати азалӣ сарф намудааст. Бунёди ишқи ӯ бар васл шудани махлуқ ба холиқ, олами суфлӣ ба улвӣ ва Одаму Олам будааст.

Робиаи Қуздорӣ тақрибан баъд аз 100-150 соли даргузашти Робиаи Адвийа ба дунё омада, низ аз аҳли тасаввуф будааст, аммо аксари ашъораш ба форсӣ гуфта шуда, хеле ҷавон аз дунё рафтааст. м

«Эълом-ун-нисо» ва тазкираҳои дигари занон, аз ҷумла «Тазкират-ул-хавотин», «Ҳайрати ҳисон», «Занони номии Эрон ва Ислом», «Машоҳири занони эронӣ ва порсигӯ» дар бораи ду нафар зани дигаре бо номи Робиа хабар медиҳанд, ки яке маъруф ба Робиаи

Исфаҳонӣ (вафоташ 534 қамарӣ-1156м.) буда, ба муҳаддисӣ (ҳадисгӯӣ ва достонсароӣ шуҳрат доштааст ва дигаре Робиаи Гелонӣ (вафоташ 1280 ҳ. қ. — 1902 м.)-аз занони ориф ва хушнавис, духтари Ҳоҷмирзои Муҳаммади囗囗

## БОБИ II

# КИ ДУРР БОРИД ҲАР ДАМ...

### (Мулоҳизаҳо дар бораи ашъори Робиаи Балхӣ)

Ашъори боқимондаи Робиа, мутаассифона, зиёд нест. Дар маҷмӯаи «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ», ки соли 1958 мураттаб шуда буд, теъдоди он 66 мисраъ зикр шудааст. Хушбахтона, тӯли чанд соли охир донишмандон ва муҳаққиқони адабиёти давраи сомонӣ ба бозёфтҳои тоза муваффақ шуданд ва охирин маъхазе, ки дар ин мавзӯъ баҳс мекунад, «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон дар карнҳои IУ-У ҳиҷрии қамарӣ» аст, ки соли 1992 бо эҳтимоми Маҳмуди Мудаббирӣ таҳия шудааст. Дар ин маҷмӯа 55 байт аз ашъори Робиа оварда шудааст.

Дар аввалин фарҳанги тафсирии форсии тоҷикӣ «Луғати фурс»-и Абӯмансур Алии ибни Аҳмади Асадии Тӯсӣ (30) (таълифаш тақрибан 1065) як байт аз Робиа ба шавоҳиди вожаи «тавсан» омадааст, ки дар баъзе нусхаҳо он ро ба қалами Оғоҷӣ низ нисбат додаанд. Сухан дар бораи байти зерин меравад:

**Тавсанӣ кардам, надонистам ҳаме,**
**К-аз кашидан тангтар гардад каманд.**

Нахустин асари илмии назарӣ ба забони форсӣ «Тарҷумон-ул-балоға»-и Муҳаммад Умар Родиёнӣ аз ӯ ду байт интиқол намудааст, к ин ҷо ёд мекунем:

**Кош-к танам боз ёфтӣ хабари дил,**
**Кош-к дилам боз ёфтӣ хабари тан.**
**Кош-к ман аз ту бирастаме ба салома**
**Ой, фусусо, куҷо тавонам растан? (31**

Сохиби «Ал-мўъчам» Шамси Қайси Розӣ дар мавриди бахри музореъ як байти «духтари Каъб»-ро шоҳид овардааст:

**Турк аз дарам даромад хандонак,**
**Он хубрўи чобук меҳмонак (32).**

Ва ҷои дигар дар санъати илтифот байте аз ў бе зикри ном накл шудааст:

**Қош, ман аз ту бирастаме ба саломат,**
**В-эй дарего, куҷо тавонам растан? (33).**

Дар нахустин тазкираи форсӣ «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухорой чаҳор намуна аз ашъори ў дар боби «Шуарои Оли Сабуктегин» омадааст, ки иборат аз ду қитъа ва ду ғазал аст. Ғазалҳо ба шакли муламмаот омада, ғазали аввал як мисраи арабӣ ва дуюм — чаҳор мисраи арабиро дар бар гирифтааст.

Абёти боқӣ аз «Фарҳанги Онандроҷ»-и Муҳаммад Подшоҳ, «Маҷмаъ-ал-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят, «Маҳзан-ул-ғароиб»-и Алиаҳмади Ҳошимӣ ибни шайх Ғуломмуҳаммади Синдилуии Лакҳнавӣ ва чанд кутуби дигар ҷамъ шудааст.

Дар ин боб кўшиш намудем, ки ашъори боқимондаи Робиа аз лиҳози мўҳтавову мазомин, қолабҳои шеъриву авзони шеър, истифодаи саноеи бадеӣ ва арзишҳои ҳунарӣ арзёбӣ шавад.

**Фишонд аз савсану гул симу зар бод,**
**Зиҳӣ боде, ки раҳмат бод бар бод.**
**Бидод аз нақши Озар сад нишон об,**

**Намуд аз сеҳри Монӣ сад асар бод.**
**Мисоли чашми Одам шуд магар абр,**
**Ки ҷон афзуд хуш-хуш дар шаҷар бод.**
**Агар девона абр омад, чаро пас,**
**Кунад арза суҷӯҳе ҷоми зар бод.**
**Гули хушбӯй, тарсам сварад ранг,**
**Аз ин ғаммози субҳи пардадар бод.**
**Барои чашми ҳар ноаҳл гӯй,**
**Арӯси боғро шуд ҷилвагар бод,**
**Аҷаб чун субҳ хуштар мебарад хоб,**
**Чаро афканд гулро дар саҳар бод.**

Вазни шеър: мафоилун мафоилун мафоил -баҳри ҳазаҷи мусаддаси мақсур.

Ин шеър дар қолаби ғазал гуфта шудааст. Аммо дар назар бояд дошта бошем, ки дар асри X ғазал ҳанӯз чун анвои осори ғиной ташаккул наёфта буд ва мурод аз «ғазал» дар ин давра ҳамон абётест, ки ба унвони «тағаззул» дар оғози қасидаҳо меомада ва гоҳ низ ба истиқлол суруда мешудааст (34).

Агар ин фикрро дар бораи тағаззул ё, ба қавли А. Мирзоев, «насиб» будани шеъри мазкур пазируфта бошем, пас пеши рӯи мо порае аз қасидаи баҳория аст ва аз ин ҷо ба хулосае метавон расид, ки Робиа чун ағлаби шуарои давр муаллифи қасидаҳо низ будааст.

Аммо агар ин шеър ба истиқлол суруда шуда бошад, пас аломатҳои ибтидоии ғазали истилоҳиро дар он бояд ҷӯё шуд. Муҳимтарин вежагиҳои ғазали қарни X -маонии сода ва зебо, мавзӯи ишқу тасвири табиат, калимаву таркиботи мутантан, вале бидуни такаллуф аст. Ғазалҳои қарни X ғолибан кӯтоҳ буда

зикри номи шоир дар поёни онҳо маъмул нест.

Х. Мирзозода ин шеъри Робиаро «ташбиби касидае» ном бурда, ба хулосае омадааст, ки «ин шеър нотамом аст ва ба кӣ бахшида шуданаш маълум нест» (35).

Азбаски насибу ташбибро, ки гоҳе чун муродифи ҳамдигар ба кор мерававд, баъзан якҷоя карда, «тағаззул» меноманд, шеъри мазкурро ба унвони тағаззул пазируфтан мумкин аст, вале ба нотамом будани он ягон ишорае нест. Пеши рӯи мо як пора шеъри зебоест мамлу аз тавсифҳои рангин ва талмеҳҳо. Мавзӯи он тасвири табиат аст, вале табиат на дар ҳолати сукуну беҳаракатӣ, балки табдилу тағйир. «Бод» аст, ки ҳама аҷзои муҳити зиндагиро ба ҳаракат даровварда, ҳар кадомро аз ҳоле ба ҳоли дигаре моил намудааст. Зимнан, радифи «бод» аз мушаххасоти услубии радиф дар ин давра роиҷ ва маъмул набуд ва чанд намунаи ашъори давраи сомониён, ки радиф дорад, хеле сода аст, аз қабили «маро», «аст», «буд», «омад», «кард», «туй», «астӣ», «ояд ҳаме» ва назоири ин (36).

---

*Аммо худи муосирон истилоҳи «ғазал»-ро дар мавриди ашъори Рӯдакӣ ва Шаҳиди Балхӣ ба кор бурдаанд.

Чунончӣ Унсурӣ гуфта:

**Ғазал Рӯдакивор некӯ бувад,**
**Ғазалҳои ман Рӯдакивор нест.**

Фаррухӣ дар бораи ашъори Шаҳиди Балхӣ:

**Аз диломиву нағзӣ чун ғазалҳои Шаҳид,**
**В-аз диловезиву хубӣ чун таронаи Бӯталиб.**

Дар ашъори боқимондаи Робиа радифҳои дигаре низ, амсоли «гирифт», «набуд» ба назар расиданд.

**Фишонд аз савсану гул симу зар бод,**
**Зиҳӣ боде, ки раҳмат бод бар бод.**

«Бод»-и Робиа тавсиф надорад, вале шак нест, ки ин на «боди самум» аст, балки «боди мурод» ё «боди барин» ё «насими баҳориест», ки аз вазидани он гулбаргҳои рангини савсану гул фурӯ мерезанд ва аз ҷилваи он рангҳо муҷалло мешаванд. Пас, ҳамду сано бод бар он боди шӯрангез, ки замин аз ӯ зебову муаттар ва замир аз он пуршӯру шарар аст.

Аз лиҳози ҳунари шоирӣ ин байт зоҳиран чизе надорад, ки маҷзуб кунад: содагии баён бидуни таъқиду печидагии маъно, ифодаҳои бетакаллуф, эҳтироз аз калимоти мураккаб ва камистифода, истеъмоли вожаҳои форсии маъмул, ки ҳама хоси ашъори ин давра аст. Бо ин ҳама ҷазбест дар ин байт, ки нуҳуфта ва шояд, дар ҳамон «бод» бошад, ки дар як мисраъ се бор такрор шуда, вале чун ба маъниҳои мухталиф ба кор рафтааст, эҳсоси гаронӣ наовардааст. Баръакс, вожаи зебои «зиҳӣ», ки маънии «аҳсан», «хушо» ва «офарин»-ро дорад ва калимоти «раҳмат» ва «бар», ки бо иштироки онҳо ҳамҷӯрии садоҳои «р», «б», «а», «ҳ» ҳосил шудааст, хушоҳангии байтро таъмин намудааст.

**Бидод аз нақши Озар сад нишон об,**
**Намуд аз сеҳри Монӣ сад асар бод.**

Озар— ба истиноди ояти 74 сураи Инъом падари Иброҳим пайғамбар будааст, ки пешаи буттарошӣ дошт.

Нақши Озар-киноя аз ҳунармандии Озари буттарош. Амир Муиззӣ гуфта:

**Буданд ба суратгариву бутгарӣ устод,**
**Ҳам Монии суратгару ҳам Озари бутгар**

Анварӣ:

**Ҷуръаи ҷоми лабат пардаи Исо дарид,**
**Нуқтаи фарқи хатат хомаи Озар шикаст.**

Об— дар байти шоира маънии боронро медиҳад. Яъне, бороне, ки рехт, сад нишон аз нақши Озар офарид, ҷаҳонро ба рангҳои нав ба ҷилва даровард, чанги гулу сабзаро шуст, ҷӯйчаҳои об равон кард, ҳавзчаву кӯлмакҳое сохт, ки рӯяшон аз қатраҳои нав нақшҳои сеҳрангез пайдо шуданд.

Сеҳри Монӣ— киноя аз маҳорати Монӣ дар суратгарист. Ӯ муаллифи ду китоб буд, ки яке «Шопургон» ва дигаре «Арженг» (ё «Артанг») ном дошта, аз анвои тасвирҳои зебо иборат буданд. Ривоят мекунанд, ки ӯ дар рӯи матои сафеди ҳарир хате чунон рост кашид, ки вақте як тори он матоъро берун кашиданд, аз хат нишоне надиданд. Бори дигар бо қалам чунон доирае кашид, ки чун ба рӯи он паргор гузоштанд, ягон тафовуте набуд. Суратҳои аҷибе кашид ва гуфт, ки китоби худоист, даъвои пайғамбарӣ кард ва оинаш дар Осиёву Аврупо паҳн шуд. Барои чунин даъво бо фармони шоҳ Баҳроми аввал соли 276 м. ба қатл расонида шуд.

Лабибӣ гуфтааст:

**Яке чун номаи Монӣ мунаққаш,**
**Яке чун сурати Озар мусаввар.**

Атоии Розӣ низ фармуда:

**Ба монанди бутхонаи Чин мунаққаш,**
**Ба кирдори аржанги Монӣ мусаввар.**

Дар байти Робиа сухан аз сеҳри бод меравад, ки бо сеҳри ҳунари Монӣ қиёс шуда. Аз чилваҳои бод гулу сабза, шохакони дарахтҳо, ҳама ба ҷунбиш даромаданд, гулбаргҳо дар рӯи замин ва дар ҳаво ба сад ранг ба парвоз омаданд.

**Мисоли чашми Одам шуд магар абр,**
**Далели лутфи Исо шуд магар бод.**

Чашми Одам— киноя аз гиряи Одам Алайҳиссалом дар сари кӯҳи Сарандеб бар гуноҳони худ. Аз гиряи ӯ аз он кӯҳ ҷӯйҳову рӯдҳо ҷорӣ шуданд ва сад сол саҷда кард, то тавбаи ӯ қабул шуд ва ашки шодӣ рехт ва чандон гирист, ки обҳои андӯҳ зери ашки шодӣ монданд.

Аз абр рехтани борони баҳорӣ мисли ашки шодии Одам аст, ки гулу раёҳин ва дарахтони пурмева ба бор меорад.

Лутфи Исо— ишора ба мӯъҷизаи Исои Масеҳ аст, ки ба мурда рӯҳ медамад ва кӯронро бино мекунад. Ибораҳои «нафаси Исо», «анфоси Исавӣ», «Мӯъҷизаи Исо», «Исавиосо», «Исои ҷон», «боди Масеҳ» низ ба ҳамин маънӣ ба кор меравaнд (37).

Ҳоқонӣ:

**Он оташин салиб дар он хонаи Масеҳ,**
**Бар хоки мурда боди Масеҳо барафканад.**

Ҳофиз:

**Анфоси Исӣ аз лаби лаълат латифае,**
**Оби Хизир зи нӯши лабонат киноя.**

Далели лутфи Исо шуд магар бод-киноя аз ҷон дамидани бод ба аҳли замин.

**Ки дурр борид ҳар дам дар чаман абр,**
**Ки ҷон афзуд хуш-хуш дар шаҷар бод.**

Дурр боридани абр — киноя аз борон аст, ки қатраҳои шаффофаш шабеҳи дурру марворид мерезад.

Шаҷар — дарахт.

**Ҳангоми он, ки шохи шаҷар нам кашад зи абр,**
**Бе об монд наргиси он тоза бӯстон.**
**Амъақ.**

Байти мазкури Робиа давоми мантиқии байти қаблист, ки бунёдаш бар ташбеҳи измор аст. Яъне, абр мисоли чашми Одам шуду дар чаман дурр борид, бод ба дарахтон нафаси Исавӣ дамид. Аз ин боди Исавӣ дарахтон сабз шуданд, дар шохакошон гӯё ҷон дамид, ки нарм-нарму форам ба ҷунбиш даромаданд.

Хуш-хуш—такрори калимаи «хуш» маънии дам ба дам қувваи тоза бахшида хуррам

ғардониданро дорад. Анварӣ ба ин маънӣ гуфта:

**Хуш-хуш зи назар гашт ниҳон рози дили об,**
**То хок ҳама арза диҳад рози ниҳонро.**

Ибораи «хуш-хуш дар шаҷар ҷон афзудан», хеле латиф омадааст.

**Агар девона абр омад, чаро пас,**
**Кунад арза суҷӯҳӣ ҷоми зар бод.**

Сабӯҳӣ (ё суҷӯҳӣ) — майнӯшии пагоҳӣ барои дафъи хумор.
Арза — пешниҳод, такдим

Маънӣ: Абри девона абри сиёҳи бадкахр аст ,ки раъду барқ меофарад, ва баъди он борони сахт меборад. Ҳоло ки бод қатраҳои ягон-ягони боронро чун шароби сабӯҳӣ дар ҷоми зар такдим мекунад, магар бехабар аст, ки баъди фурсате ҳоҷат ба ин қатраҳо намемонад, замину замонро об зер мекунад.

**Гули хушбӯй, тарсам, оварад ранг,**
**Аз ин ғаммози субҳи пардадар бод.**

Ғамза — нозу карашма бо чашм
Ғаммоз — касе, ки ғамза мекунад.
Субҳи пардадар — киноя аз пардаи сиёҳи шабро дарида ворид шудани субҳ.

Маънӣ: Бод, ки бо ғамзаҳои дилфиребй худ пардаи шабро дарида чашми рӯзро мекушояд, гулҳои хушбӯйро низ ба ранг меорад, яъне субҳидам боди ғаммоз муғчаҳои сарбастаро во мекунад ва рангҳои гулҳо аён мешаванд, боғ мулавван мешавад.

**Барои чашми ҳар ноаҳл гӯй,**
**Арӯси боғро шуд ҷилвагар бод.**

Ноаҳл — номуносиб
Арӯси боғ — кинояи аз гулу ниҳолҳо.

Маънӣ: Бод аз карашмаи худ арӯсакони боғро ба ҷилва овард, ва ба чашми ҳар кас ва ҳатто нокасоне, ки барои тамошои чунин зебоӣ муносиб ва сазовор нестанд, намоён кард.

**Аҷаб, чун субҳ хуштар мебарад хоб,**
**Чаро афканд гулро дар саҳар бод.**

Саҳар — субҳ, бехобӣ, бедорӣ.
Дар саҳар афкандан — ба бедорӣ водор намудан.

Маънӣ: Хоби саҳар, ки ин қадар ширин аст, боди бозингари шӯх чаро намемонад, ки гул ҳам бихобад. Яъне, боди Масеҳ ғунчаҳои бастаи гулро кушода, чашмҳои хоболуди онро боз намудааст ва аз хоби хуши саҳаргаҳӣ маҳрум кардааст. Бунёди ин байт бар санъати тааҷҷуб аст. Калимоти «аҷаб» ва «чаро» шаҳодат бар ин гуфторанд.

Хулоса, пеши назари мо тасвири манзараи баҳор бо гулу сабза ва абру борон аст ва меҳвари ин ҳама боди шӯхи баҳорист, ки гоҳ бо нозу карашма ва гоҳ бо ҳаракоти тунди худ олами ҳастиро ба ҷунбиш дароварда ва рангҳоро мулаввал гардонидааст. Васоити асосии бадеӣ талмеҳҳое чун «нақши Озар», «сеҳри Монӣ», «Лутфи Исо», «чашми Одам», ташбеҳоти измор, тавсифҳои «девона абр», «ҷоми зар», «гули хушбӯй», «субҳи пардадар», «чашми ноаҳл», «арӯси боғ», тарсеъву

маҷоз ва ғайра мебошанд, вале бо ин ҳама шеърест бетакаллуф ва сода, зебо ва самимӣ.

* * *

**Зи бас гул, ки дар боғ маъво гирифт,**
**Чаман ранги Арженги Моно гирифт.**
**Сабо нофаи мушки Тибат надошт,**
**Ҷаҳон бӯи мушк аз чӣ маъно гирифт.**
**Магар чашми Маҷнун ба абр андар аст,**
**Ки гул ранги рухсори Лайло гирифт.**
**Ба май монад андар ақиқин қадаҳ,**
**Сиришке, ки дар лола маъво гирифт.**
**Қадаҳ гир чандеву дунё магир,**
**Ки бадбахт шуд он, ки дунё гирифт.**
**Сари наргиси тоза аз зарру сим,**
**Нишони сари тоҷи Кисро гирифт.**
**Чу руҳбон шуд андар либоси кабуд,**
**Бунафша магар дини тарсо гирифт.**

Вазни шеър: фаӯлун фаӯлун фаӯлун фаӯл

Мутақорибӣ мусаммани мақсур.

Дар ин вазн одатан ашъоре гуфта мешавад, ки оҳанги мутантан дорад (чунончи, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ) ва воқеан ҳам ин шеър аз лиҳози интихоби мавзӯъ ва ифодаи бадеии он як навъ гимни баҳор аст. Дар ин шеър муҳимтарин нишонаҳои ғазали асри Х-ро метавон дид: ҳамқофия будани мисраъҳои аввал ва баъдан мисраъҳои ҷуфт, мавҷудияти радифи содаи «гирифт», мавзӯи тасвири табиат, кам будани миқдори байтҳо (6 байт), орӣ будан аз тахаллус ва ғайра. Дар он баъзе нишонаҳои забони ашъори давраи сомонӣ низ ба чашм мерасад, чунончӣ: «ҳаме»,

андар», «ба абр андар аст...».

**Зи бас гул, ки дар боғ маъво гирифт,**
**Чаман ранги Аржанги Моно гирифт.**

Аржанги Моно — китоби суратҳои Монӣ, ки нақшҳои сеҳрангез дошт. Ранги Аржанги Монӣ гирифтан — яъне мулавван, зебо ва ҳайратангез шудан.

Маънӣ: гулҳои рангоранг дар боғҳо шукуфтанд ва чаман ба сони Аржанг мулаввану зебо шуд.

**Сабо нофаи мушки Тибат надошт,**
**Ҷаҳон бӯи мушк аз чӣ маъно гирифт.**

нофа — халтачаи мушкдор, ки аз нофи оҳу ҳосил мешавад.

Тибат — номи мавзеест, ки мушки соро аз он бархезад.

Сабо, ки худ бӯи мушкро надорад, сабаб чист, ки ҷаҳонро хушбӯ гардонидааст? Агар мазмуни байти пешинро ба ёд орем, сухан аз зебоии гул ва шабоҳати он ба «Аржанги Монӣ» мерафт. Дар ин байт сифати дигари гулҳои баҳорӣ — хушбӯии онҳо ва тавассути боди баҳорӣ паҳн шудани ин накҳати муаттар меравад.

**Магар чашми Маҷнун ба абр андар аст,**
**Ки гул ранги рухсори Лайло гирифт.**

Маънӣ: Абр ба мисли чашми Маҷнун пуроб аст. Қатраҳои борон, ки рӯи гулро мешӯянд, ранги онро сурхтару тозатар мекунанд. Чунон ки Лайло дар чашми Маҷнун соҳиб-

ҷамол аст, гул низ аз борони баҳор пуртароvату зебост.

**Ба май монад андар ақиқин қадаҳ,**
**Сиришке, ки дар лола маъво гирифт.**

Ин байт идомаи байти пешин аст. Он абри боронис, ки шабеҳи чашми Маҷнун буд, ашк рехт ва қатраҳои он дар дили гулҳо ҷо гирифтанд. Лолаи тару тозаи арғувонӣ, ки даруташ оби борон дорад, гӯё қадаҳе ақиқин аст, ки шароб дорад. Воқеан, ташбеҳоти сода ва зебо: лола — қадаҳи ақиқин, сиришк — шароби арғувонӣ. Қатраи борон аслан шаффоф аст, вале чун дар дохили лола аст, мисоли сиришки хунбори Маҷнун сурх метобад.

**Қадаҳ гир чандеву дунё магир,**
**Ки бадбахт шуд он, ки дунё гирифт.**

Ин байт тобиши тозаест дар мавзӯъ.

Дар кулли абъёте, ки пеш аз ин мушоҳида кардем, сухан аз вазъи табиат мерафт ва гоҳе инсон барои ифшои аҳволи табиат чун воситаи ёрирасон инъикос меёфт. Аммо ин байт истисност. Он зоҳиран гӯё давоми мантиқии байти қабл аст, зеро сухан аз қадаҳ меравад. Вале дар асл байтест панду андарзӣ. Шоир аз кайфияти табиат ба ҳоли инсон рӯ меорад. Лекин мантиқи фикр побарҷо мемонад, канда намешавад. Дунё, ки ин қадар зебост ва умри инсон як нафас аст, шод бояд зистан ва аз ғами дунёву молу сарват бояд растан. Қадаҳи майгун ҳамон лолаи арғувонии пур аз сиришки абр аст, ки онро бо чашми дил бояд дид ва бо лаби ҷон нӯш кард.

**Сари наргиси тоза аз зарру сим,**
**Нишони сари тоҷи Кисро гирифт.**

тоҷи Кисро — мувофиқи ахбори «Таърихи Табарӣ», Кисро шоҳе буд, ки тоҷи хеле зебо дар сар дошт.

Аҷибии Ҷузҷонӣ гуфтааст:

**Гардун чу тоҷи Кисро бар мӯъҷизоти ҳусн**
**Аз дурру лаъл чатри Сикандар бар ӯ нишон.**

Дар байти мазкури Робиа сухан боз ҳам аз зебоии табиат аст. Қатраҳои шаффофи борон, ки бар сари гулу сабзаҳо рехта ва ҷомҳои лолаҳоро пуроб карда буд, дар сари гулу наргис низ маъво гирифта, мисоли зарру сим менамуд. Чаро зарру сим? Гули наргис зарду сафед мешавад ва қатраҳои борон дар шуои офтоб аксе аз ранги ин гулҳо мегирад. Наргисе, ки дар сар қатраҳои дурахшон дорад шабеҳи тоҷи Кисрост, ки бо зарру сим ва дурру марворид ороиш ёфтааст.

**Чу руҳбон шуд андар либоси кабуд,**
**Бунафша магар дини тарсо гирифт.**

Руҳбон — роҳиби дайр, ки мувофиқи оини тарсоиён (насрониҳо) одатан либоси кабуд мепӯшанд.
Бунафша — гули сархами осмонранг.
Маънӣ: Бунафшаи сархам мисли роҳиби кабудпӯш аст, ки сар ба саҷда фуруд овардааст. Санъати таҷоҳули ориф ва тааҷҷуб барои ифодаи зебоии маънӣ мувофиқ омадааст.

Хулоса, сухан аз фаро расидани баҳор, рехтани борони найсон, чилваи рангҳои баҳорӣ ва шод зистан дар ин тамошогоҳи даҳр меравад. Таносуби калом, мантиқи фикр, анвои ташбеҳу тавсиф, тамсилот, илтифот, талмеҳ, тааҷҷуб, фасоҳату балоғати суханро таъмин намудаанд.

Мувофиқи тасҳеҳи Маҳмуди Мудаббирӣ дар «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» ин ғазал аз «Маҷмаъ-ал-фусаҳо» бидуни абёти 2 ва 5, «Онандроҷ» — 1 ва 7 ба шоҳиди «тарсо», аз «Таърихи забон ва адабиёти Эрон»-и Аббоси Меҳрин ва «Шуарои бузурги Эрон» такмил шудааст. Ин ғазалро ба Рӯдакӣ ва Адиб Собир низ мансуб медонанд ва дар «Мунис-ул-аҳрор» ба номи Оишаи Самарқандӣ, шоираи маъруфи қарни У1 (ҳиҷрӣ) омада, ки аз нуктаҳои шоирона ва сабки он ин амр баъид нест» (38).

* * *

**Ишқи ӯ боз андар овардам ба банд,**
**Кӯшиши бисёр н-омад судманд.**
**Тавсанӣ кардам надонистам ҳаме,**
**К-аз кашидан тангтар гардад каманд.**
**Ишқ дарёи каронанопадид,**
**Қай тавон кардан шино, эй ҳушманд,**
**Ишқро хоҳӣ, ки то поён барӣ,**
**Баски бипсандид бояд нописанд.**
**Зишт бояд диду ангорид хуб,**
**Заҳр бояд хӯрду пиндорид қанд*.**

*Маҳмуди Мудаббирӣ: Ишқи ӯ боз андар овардам ба банд — «Нафаҳот ул-унс», 629;

**Ниг. ба саҳифаи 65.**

фоилотун фоилотун фоилон
Рамали мусаддаси максур
Дар сарчашмаҳои мутафаррика тағйироти жрии ба мушоҳида расидааст: «Ишки ӯ боз индар овардам ба банд» — дар «Нафаҳот-ул-унс» — «Ишқро боз андар овардам ба банд».
«Ишқро хоҳӣ, ки то поён барӣ» — дар «Маҷмаъ-ул-фусаҳо», «Онандроҷ» ва «Анҷуманоро» — «Ошики хоҳӣ, ки то поён барӣ».
«Баски бипсандид бояд нописанд» — дар «Маҷмаъ-ул-фусаҳо», «Онандроҷ», «Анҷуманоро» — «Бас бибояд сохт бо ҳар нописанд».
«Заҳр бояд хӯрду ангорид қанд» — дар «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» — Заҳр бояд хӯрду пиндорид қанд» «Қ-аз кашидан сахттар гардад каманд» — дар «Нафаҳот-ул-унс» «Қ-аз кашидан тангтар гардад каманд» (39).
Дар баъзе сарчашмаҳо байти «Тавсанӣ кардам...» дар поёни ғазал ҷой гирифтааст.

---

байтҳои:

**Ишқро хоҳӣ, ки то поён барӣ,**
**Баски бипсандид бояд нописанд**
**Зишт бояд диду ангорид хуб**
**Заҳр бояд хӯрду пиндорид қанд .**

дар «Анҷуманоро», 45 «Онандроҷ, 474 ба шоҳиди «ангоридан»; «Тавсанӣ кардам...» — «Луғати фурс», 374 ба шоҳиди «тавсан» ба номи Оғоҷӣ ба накл аз як нусхаи «Мирсод-ул-ибод» с. 73 бе номи шоир, «Анҷуманоро», 207; «Онандроҷ», 1227 ба шоҳиди «тавсан», байтҳои «ишқро хоҳӣ..» ва «Зишт бояд...» ва «Тавсанӣ кардам...» мансуб ба шайх Абусаиди Абулхайр, — «Суханҳои манзум», с. 112.

Ғазали Робиа, ки аз 5 байт иборат аст, дар мавзӯи ишқ гуфта шудааст.

**Ишқи ӯ боз андар овардам ба банд,**
**Кӯшиши бисёр н-омад судманд.**

Маънӣ: Ишқ маро дар банд бигрифт ва тамоми кӯшишҳои ман барои аз ин банд растан барьабас рафтанд.

Иборан «Ишқи ӯ» бояд саҳеҳтар бошад, на «ишқро», зеро ин ҷо сухан аз эҳсоси ошиқ меравад, ки дар банди ишқ афтодааст, на маъшуқ, ки касеро ба доми ишқ андохтааст. Зоҳиран, вожаи «ишқро» аз лиҳози ҳамҷӯрии садоҳо дар мисраи аввал мувофиқтар аст, вале «ишқи ӯ» бо калимаи аввали мисраи дуюм «кӯшиши», ки овози «ӯ» дорад, низ ҳамоҳанг аст ва мантиқан низ дуруст ба назар мерасад.

**Тавсанӣ кардам, надонистам ҳаме,**
**К-аз кашидан тангтар гардад каманд**

Тавсан— 1. аспи ҷавони ромнашуда
2. Маҷ. саркаш, якрав, гарданкаш

**Забунӣ чи дидӣ, ки тавсан шудӣ,**
**Чӣ бедод кардам, ки душман шудӣ.**

Маънӣ: Мисоли аспи ҷавони ромнашуда гарданкашӣ кардам, хостам, ки аз банди ишқ раҳоӣ ёбам, вале надонистам, ки ҳар қадар худро канор андозам, банди дар гар-

дапам буда тангтар шуд, ҳамон қадар сахттар гулӯро фишор дод.

**Ишқ дарёи каронанопадид,**
**Кай тавон кардан шино, эй ҳушманд*.**

Маънӣ: Ишқ ба мисли дарёи бузург аст, ки соҳилҳояш нопадид ва амвоҷаш хурӯшон. Пас, агар ҳушманд бошӣ, бояд бидонӣ, ки чун ворид ба ин дарё шудӣ, ба ҷуз ғарқ шудан илоҷе надорӣ, ҳаргиз наметавонӣ, ки шино кунию ба соҳил бароӣ.

**Ишқро хоҳӣ, ки то поён барӣ,**
**Баски бипсандид бояд нописанд.**

Ба ин маънӣ Бобо Тоҳир гуфта:

**Яке дарду яке дармон парастад,**
**Яке васлу яке ҳиҷрон парастад.**
**Дилам аз васлу ҳаҷру дарду дармон**
**Парастад он чиро ҷонон парастад.**

Маънӣ: Агар хоҳӣ, ки дар ишқ босадоқату вафодор бошӣ, бояд аз худ даргузарӣ, ғурури худро бишканӣ ва ҳатто он чӣ номатлуб аст ба хотири маъшуқ қабул кунӣ.

**Зишт бояд диду ангорид хуб,**
**Заҳр бояд хӯрду пиндорид қанд.**

Ошиқ, хоса оне, ки ишқро то поён бурдан мехоҳад, ба тамоми ранҷу озорӣ ин роҳи пурмашаққат бояд омода бошад. Ҳар зишт, ки мебинад, танҳо бад-он сабаб, ки мақбул

*Дар баъзе нусхаҳо «мустаманд» омадааст.

ва хушоянди маъшуқ аст, нек пиндорад ва ҳар косаи заҳр, ки аз дасти маъшуқ меояд, беминнат бинӯшад ва пиндорад, ки шарбат аст.

Дар ин ғазал ҳарфе аз маъшуқ нест ва наметавон ба яқин ҳадс зад, ки сухан аз ишқи ҳақиқӣ меравад ё ишқи маҷозӣ. Ҳатто агар Робиаро аз аҳли тасаввуф бишиносем ва ғазали мазкурро аз ашъори сӯфиёнаи ӯ бипазирем, шояд иштибоҳ набошад, зеро аз сифатҳои маъшуқи заминӣ чизе пеши назар нест. Баръакс, сухан аз ишқе меравад, ки аз қайдаш бурун растан имконпазир нест, ишқе, ки дар бузургӣ мисоли дарёст ва беҳтарин шиноварро низ ғарқ мекунад. Сухан аз фидокорӣ ва қаноатпешагӣ, ранҷ бурдану миннат накардан, вафодориву садоқат меравад, ки хоси соликони роҳи тарикат аст.

* * *

**Маро ба ишқ ҳаме мӯҳтамил кунӣ ба ҳиял,**
**Чӣ ҳуҷҷатдорӣ пеши худои азза ва ҷалл.**
**Ба ишқат андар осӣ ҳаме наёрам шуд,**
**Ба динам андар тоғӣ ҳамешавам ба масал.***
**Наим бе ту нахоҳам ҷаҳим бо ту равост,**
**Ки бе ту шакар заҳр асту бо ту заҳр асал.**
**Ба рӯи некӯ такя макун, ки то якчанд,**
**Ба сунбул андар пинҳон кунанд наҷми Зуҳал.**
**Ҳар оина на дурӯғ аст, он чӣ гуфт ҳаким,**
**Фаман такаббара йавман фаъбада иззан залл.**

Вазни ғазал:

---

*Дар «Маҷмаъ-ал-фусаҳо» — «Ба занбам андар тоғӣ ҳамешавам ба масал (аз Мудаббирӣ).

мафоилун, фаилотун мафоилун фаълун
музореъи макбузи махбуни аслам

**Маро ба ишқ ҳаме мӯҳтамил кунӣ ба ҳиял,**
**Чӣ ҳуҷҷат орӣ пеши худой азза ва ҷалл.**

Мӯҳтамал — эҳтимолӣ
Мӯҳтамил — таҳаммул, шикебо, бурдбор
Ҳиял — ҳила.

Маънӣ: — Эҳтимол маро дар роҳи ишқ ба маккорӣ айбдор кунӣ, аммо ба чӣ асос? Чӣ тавр метавонӣ назди Худованд гӯноҳи маро собит кунӣ?

**Ба ишқат андар осӣ ҳаме найёрам шуд,**
**Ба динам андар тоғӣ ҳамешавам ба масал.**

Осӣ — 1. саркаш, шӯришгар 2. гунаҳкор.
Тоғӣ — туғёнкунанда, нофармон

Маънӣ: Ба ишқи ту муқобилат карда наметавонам, чунон ки наметавонам ба дину имони худ исён бикунам. Яъне, ишқи ту ба мисли дин аст, ки андар мағзи вуҷуд ҷо гирифта, маро комилан дар фармони худ нигоҳ медорад.

**Наим бе ту нахоҳам, ҷаҳим бе ту равост,**
**Ки бе ту шакар заҳр асту бо ту заҳр асал.**

Наим — 1. неъмат, тавонгарӣ, фаровонӣ.
2. хуррамӣ, шодмонӣ, саодатмандӣ; маҷ. биҳишт.
Ҷаҳим — дӯзах.

Маънӣ: Бе маъшуқ биҳишту шодмонии дунё лозим нест, ошиқ розӣ аст, ки ба хотири бо ӯ будан ранҷи ҷаҳаннамро таҳаммул бикунад. Дар фироқи маъшуқ ширинтарин неъ-

мати дунё талх ва дар висол бо ӯ талхиҳ
ширин аст.

**Ба рӯи некӯ такя макун, ки то якчанд,**
**Ба Сунбул андар пинҳон кунанд начми Зуҳал**

Сунбул — 1. бурҷи шашум аз бурҷҳои ду воздаҳгона ё сунбулаи осмонӣ.

2. кинояаз зулфи маъшуқа.

Зуҳал — номи дигари сайёраи Кайвон, к ҳафтумин сайёра ва наҳс ҳисоб мешуд.

Зебоии зоҳирӣ бебақо ва нопойдор ас чанде мегузараду он ниҳон мешавад ба ми ли он ки Сунбула дар паси худ Зуҳалро пин ҳон медорад.

**Ҳар оина на дурӯғ аст он чӣ гуфт ҳаким,**
**Фаман такаббара йавман фаъбада иззан зал**

Мисраи дуюми байт, ки ба форсӣ чуни тарҷума мешавад: «Қасе рӯзе такаббур кар баъди иззат хорӣ мебинад», занн меравад, к аз шуарои арабзабони то замони Робиа б шад. Дар ин сурат онро метавон ҳамчун та мин ва ҳамчун ирсоли масал пазируфт.

Маънии ин байтро ба байти аввал боя пайваст. Ҳарчӣ ба инсон ҳаллоқ медиҳа муваққатист-ҳусн, ҷавонӣ, зӯри бозу, давл ва ниҳоят, умр. Пас инсони ҳушманд боя донад, ки бо моли мустаор нашояд ифтихо кард ва бояд биандешад, ки ҳар амалро х хуб асту хоҳ бад, ҷавобест сазовор.

**Қош-к танам боз ёфтӣ хабари дил,**
**Қош-к дилам боз ёфтӣ хабари тан.**
**Қош-к ман аз ту бирастаме ба саломат,**
**Ой фусусо, куҷо тавонам растан*.**

Вазни ин шеър: муфтаилун мафъӯлун фаилатун
мунсареҳи мусаддаси матвии макшуфи махбул

**Қош-к танам боз ёфтӣ хабари дил,**
**Қош-к дилам боз ёфтӣ хабари тан.**

Дар ин байт сухан аз ишқ аст. Дил, ки ошиқ шудааст, чунон гумгаштаву шайдост, ки бо тан созиш намекунад. Хоҳиши ошиқ аз дил огоҳӣ ёфтани тан ва аз ҳоли тан бохабар будани дил аст, ки ҳарду аҳволи табоҳ доранд ва аз ҳамдигар бехабаранд. Тан хабари дил ва дил хабари танро фақат дар сурати аз ҳоли беҳудӣ раста ба ҳоли муқаррарӣ баргаштани дил ёфта метавонад. «Қош-к» шакли кӯтоҳшудаи «кошкӣ» аст, ки мурод аз он ифодаи маънии «чӣ хуш мебуд» мебошад.

**Қош-к ман аз ту бирастаме ба саломат,**
**Ой фусусо, куҷо тавонам растан.**

Ин байт давоми мантиқии байти аввал аст. «Ман» — ин ҷо ифодагари «дил ва тан» аст,

*Ин абёт дар «Тарҷумон ул-балоға» дар боби «Фи-илтифот» омадааст (с. 81), дар «Ал-мӯъҷам» ду мисраи охирӣ аз Робиа интиқол шудааст бо тағйироти зерин: «кош» ба ҷои «кош-к» ва «В-эй дареғо» ба ҷои «ой фусусо» (с. 304).

ки дар айни ҳол муродифи вуҷуд ё ҳаст
ошиқ аст, ки мехоҳад аз қайди ишқи ҷон
раҳоӣ ёбад. Вале касе, ки андармони чун
банд шудааст, магар метавонад аз он би
ҳад? Ин аст, ки худи шоира низ аз калим
туфайлии «ой фусусо» (ва дар сарчаш
дигар «в-эй дареғо») истифода мебарад,
худ аз амри маҳол будани орзуи озодӣ
ишқ далолат мекунад.

Оғози се мисраи аввали шеър бо калим
«кош-к» аст ва баъди он ибораи туфайлии «
фусусо» ба кор рафта ва ниҳоят шеър ба
рики суоле, ки ба ҷавоб ниёз надорад, п
мепазирад ва чунин тарзи баён хеле шир
ва пурэҳтирос аст. Ин услуби назм, ки д
ашъори шифоҳӣ маъмул буд, дар шеъри
биа низ як навъ бетакаллуфӣ, содагӣ ва
мимият эҷод намудааст, ва ашъори ӯро
лафзи ширини халқӣ пайвастааст.

Ҳам Родиёнӣ ва ҳам Шамси Қайси Р
ин абётро чун намунаи санъати илтифот ов
даанд, ки воқеан ҳам хеле мувофиқ аст,
ро «порсии илтифот аз пас нигаристан»
вад. Чун шоир байтеро бигӯяд, в-андар
маънӣ ба маънии дигар биравад, онро ил
фот хонанд» (40).

Аз асари гаронмояи Муҳаммадҷаъф
Маҳҷуб «Сабки хуросонӣ дар шеъри форс
маълум мешавад, ки муаллиф танҳо аз б
ти аввали ин шеър огоҳ буда, бинобар ин
ро чун матлаи ғазале пиндошта. Аммо
байти дуюм тамомияти маъниро ифода ме
над, ин абётро чун қитъае ҷудогона мета
пазируфт. Дар асари мазкур дар мавр
баҳс аз истиқболи даврони сомонӣ ва таз

ни шеъри онон дар д-р Маҳҷуб ҳамоҳангии байти Робиаро дар қасидае аз Суруши Исфаҳонӣ бо матлаи зайл пай бурдааст, ки бо андаке тардид метавон пазируфт:

**Меҳр буридаст соҳиби ман аз ман,**
**Вою дареғо зи ҳилаварзии душман.**

**Кош-к ман аз ту бирастаме ба саломат,**
**Ой фусусо, куҷо тавонам растан.**

* * * *

**Турк аз дарам даромад хандонак,**
**Он хубрӯи чобук меҳмонак.**

Вазни он мафъӯлу фоилотун мафъӯлун — музореъи мусаддаси ахраби мушаас

Қадимтарин сарчашмае, ки ин байт аз он ҷо интиқол шудааст, «Ал-мӯъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ аст.

Байти фард аст, ки аз мавҷудияти идомаи он иттилоъе дар даст нест. Дар шарҳи маънии он наметавонем ба яқинӣ гӯем, ки «турк» —ин ҷо ба маънии ғуломи турк Бектош аст, ки ба ривоят Робиа ошиқи ӯ буд ё ба маънии маҷозии зебо, маҳбуб. Шояд ҳарду бошад.

Дар байт истифодаи вофири пасванди «ак» ба назар мерасад, ки оҳанги навозиш дорад. Ин хусусиятро д-р Маҳҷуб чун мушаххасоти сабки хуросонӣ дар мавриди «истеъмоли кофи тасғир ба фаровонӣ ва ба манзури таҳбиб ё таҳқир» шарҳ додааст. Байти Робиа, бешак, ба манзури таҳбиб (яъне нишон додани маҳбубияти мавсуф) ба кор рафтааст.

Вазни ин байт аз авзонест, ки назоири он-

ро дар назми сомониён ва ғазнавиён метавон ба душворӣ пайдо кард. Лекин баъдҳо ин вазн аз байн рафта, сайри такомулии авзони шеър ба баҳрҳои хушояндтар ва дилнишинтар овардааст, ва баъзе авзонро аз миён бардоштааст, ки баҳри мазкур бурҳонест ба ин гуфтор.

* * *

**Даъвати ман бар ту он шуд, к-эзидат ошиқ кунод,**
**Бар яке сангиндили номеҳрубон чун хештан,**
**То бидонӣ дарди ишқу доғи меҳру ғам хӯрӣ,**
**То ба ҳаҷр андар бипечиву бидонӣ қадри ман*.**

---

*Маъхази ин абёт «Лубоб-ул-албоб», ҷ. 2, с. 62; «Маҷмаъ-ал-фусаҳо», 655, «Махзан-ул-ғароиб», ҷ. 2, с. 228.

Дар сарчашмаҳои мухталиф чунин тағйирот ба назар расидааст:
«То бидонӣ дарди ишқу доғи ҳаҷру ғам хурӣ — дар «Лубоб-ул-албоб» — «То бидонӣ дарди ишқу доғи меҳру ғам кашӣ».
Дар «Маҷмаъ-ал-фусаҳо» ва «Махзан-ул-ғароиб» ба ҷои «То ба ҳаҷр...» «чун ба ҳаҷр» ва ба ҷои «бипечиву бидонӣ» «бипечӣ пас бидонӣ.» омадааст (Аз таъликоти Маҳмуди Мудаббирӣ).

Вазни шеър:

фоилотун фоилотун фоилотун фоилон — баҳри рамали мусаммани мақсур.

Ин абёт дар қолаби қитъа гуфта шудааст, зеро мисраъҳои тоқи он аз қофия берун буда, мисраъҳои ҷуфт бо калимоти «хештан» ва «ман» ҳамқофия шудаанд.

Маънӣ: Мавзӯи шеър ранҷу озор аст, ки аз ишқи беҷавоб мерасад. Аз мазмуни шеър симои маъшуқ чун шахсе ситамкор, сангиндил ва номеҳрубон бармеояд. Пас чӣ чорае метавон ҷуст ва чӣ тур раҳму шафқат ба дили ӯ метавон андохт? Илоҷ аз назари ошиқ фақат дар дасти парвардигор аст, ки метавонад маъшуқро ба ошиқ табдил диҳад, ошиқе, ки ишқи беҷавоб дошта бошад. Танҳо дар вуҷуди худ, дар мағзи ҷони худ ин дарду ғамро чашида, ӯ метавонад ба қадри ошиқ бирасад ва ба ӯ тараҳҳум намояд.

Ғазали зерини Мавлавии Румӣ ба абёти фавқуззикр аз лиҳози маънӣ хеле мувофиқ аст:

**Эй худованд, яке ёри ҷафокораш деҳ**
**Дилбаре ишвадеҳу саркашу хунхораш деҳ**
**То бидонад, ки шаби мо ба чӣ сон**
**мегузарад,**
**Ғами ишқаш деҳу, ишқаш деҳу,**
**бисёраш деҳ. (41).**

* * *

**Хабар диҳанд, ки борид бар сари Айюб,**
**Зи осмон малахону сари ҳама заррин.**
**Агар биборад заррин малах ба ӯ аз сабр,**
**Сазад, ки борад бар ман яке магас рӯин.**

Вазни ин қитъа:

мафоилун фаилотун мафоилун фаълун — музореъи мақбузи махбуни аслам

Сарчашмаи ин қитъа «Лубоб-ул-албоб», ч. 2, с, 61, «Маҷмаъ-ал-фусаҳо», 655.

Айюб-номи пайғамбар аст, ки дар сабру тоқат машҳур будааст. Худованд барои санҷидани сабри ӯ ба сараш балоҳои зиёде мефиристад, вале Айюб боре лаб ба шикоят намекушояд. Дар «Қисаи қуръони маҷид» ривояте ҳаст, ки баъди санҷишҳо худои таъоло ба сари Айюб малаххои заррин боронид. Айюб фавран хам шуда бо ҷадал малаххои зарринро мечид, ки Ҷабраил ӯро дар дунёпарастӣ ва зоҳид набудан айбдор кард. Айюб гуфт, ки ин раҳмати худой аст ва аз он бандаро серӣ нест.

Магаси рӯин-магаси оҳанин, «рӯин» ба хотири муқобилгузорӣ бо заррин омадааст, ки ишора ба камарзиш буданаш аст. Магас ҳашаротест, ки нафрат бармеангезад.

Яке — ба маънии банохост, тасодуфан, ки чун балои осмонӣ ё ҷазои яздонӣ бояд ба сари инсон биёяд. Бунёди ин қитъа бар тазод аст. Сабру таҳаммули Айюб бар бетоқатии ошиқ ва малахи заррин бар магаси рӯин мутазоданд.

Мавзӯи шеър бетоқатии ошиқ аст, ва азоби ҳиҷрон. Ошиқ бетоқатии худро бо сабри Айюб муқоиса мекунад ва худро сазовори чунин ҷазои осмоние мисли магасҳои рӯин меҳисобад. Вале аз қайди ишқ раҳой ёфтан дар ихтиёри ӯ нест ва ӯ бо худ коре наметавонад кунад, ки собир бошад. Ибораи «магаси рӯин» тавсифи нодир аст, ки бофтаву сохта

тахайюли шоир аст. Соҳиби «Лубоб-ул-албоб» маҳз дар зимни ҳамин қитъа ба «магаси рӯнӣ» будани тахаллуси Робиа ишора дорад. Вале ин тавсиф, ки дар нисбати зани зебо ва хушзавқе чун Робиа ба кор мебурданд, шояд ба сабаби хотирнишин будани муҳокот бошад, на ба манзури таҳқир.

Дар «Шеър-ул-аҷам» ин қитъа чун намунае барои санъати ҷамъу тафриқ дар ашъори сабки хуросонӣ омадааст, ки мурод аз он ҷамъ кардани ду чиз дар як маънӣ ва баъдан бо ду сифати мутағоир ҷудо кардан аст (42).

**Ҳаргиз рӯзе ба банда парвот набуд,**
**В-андешаи ин бедили шайдот набуд.**
**Хӯрдем зи ту хуну нахӯрдӣ ғами мо,**
**Дар пои ту мурдему сари мот набуд*.**

Вазни шеър: Мафъулу мафоилу мафоилун фоъ

—ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақбузи азалл

Ин абёт дар қолаби рубоӣ гуфта шудааст, ки мисраъҳои аввалу дуюм ва охиринаш ҳамқофия буда, ҳиҷоҳои нахустини мисраъҳо дарозанд. Ин ашъор ягона рубоиест, ки аз Робиа дар даст дорем.

*Ин рубоӣ аз «Аҳвол ва ашъори Рӯдакӣ», чопи 3, с. 374 гирифта шудааст ва ба нақл аз зиндаёд Саид Нафисӣ дар мақолаи «Сароянлагони бузурги давраи аввали шеъри порсӣ», ки ба муносибати 1100 солагии Рӯдакӣ дар маҷаллаи «Паёми навин» навишта шудааст, аз Робиа аст ва шӯри ишқи ӯро мерасонад» (Аз тавзеҳоти Аҳмади Гелонӣ, с. 362).

Аз лиҳози мазмун он ба қитъаи «Даъвати ман аз ту он шуд...» қаробат дорад, зеро ин ҷо ҳам сухан аз ишқ аст ва аз бепарвоиву сангиндилии маъшуқ. Тафовут он ҷост, ки агар дар абёти қитъаи болоӣ фақат симои маъшуқ ба ҳайси як инсони бераҳму номеҳрубон инъикос ёфта бошад, дар рубоӣ симои ошиқи ҷафопеша низ офарида шудааст.

Тавсифоти «бедил» ва «шайдо» ба ошиқ тааллуқ доранд, ошиқ касест, ки аз ғами ишқу ҳаҷри ёр хун мехӯрад ва дар пои маъшуқ ҷон медиҳад, аммо маъшуқро аз ғами ӯ парвое нест, боре ба сараш ёди ӯ намерасад.

Дар ин рубоӣ майли шоир ба тасвирҳои тазодӣ ба назар мерасад. Калимоти «хӯрдем-нахӯрдӣ», «ту-мо», «хун хӯрдан — ғам нахӯрдан» «пой-сар» барои ифодаи тасвири эҳсоси ошиқ, аз як тараф, ва муносибати маъшуқ ба ӯ, аз тарафи муқобил, ба кор рафтаанд.

**Ошиқу ранҷур буду бедирам,**
**Он шаҳударух шаҳонида зи зам.**

Вазни байт: фоилотун фоилотун фоилун.
— баҳри рамали мусаддаси маҳфуз

Ин байт аз «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», с. 1705 ба шоҳиди «зам» аҳз шудааст.

Чун вожаҳои «бедирам» ва «зам» ҳамқофия шудаанд, фикр мекунем, ки бо фардбайт ё маснавӣ сару кор дорем. Дар сурати ёфт шудани абёти қарини дигар, ин байтро чун матлаи ғазале метавон пазируфт.

Бедирам — муфлис, бенаво, бепул.

Шахударух — рӯяш харошида ва реш шуда бо нохун.

**Ман ҳамонам, ки маро рӯй ҳаме ашк шахуд,**
**Ман ҳамонам, ки маро даст ҳаме ҷома дарид.**
**Фаррухӣ**

Шахонида — шах гардонида шуда, дағал гардида.

Зам — 1. ҷоғ. фук 2. номи дарёе дар наздикии Марв 3. маломат, сарзаниш 4. бадгӯӣ, ҳаҷв.

Агар вожаи «зам»-ро ба маънии маломат пазируфта бошем, байтро чунин шарҳ додан мумкин мешавад; Ошиқ озурдаву бемору муфлис буд аз таънаву маломату таҳқир ва аз алам чеҳрааш пажмурда ва газанд ёфта буд.

Агар маънии ҷоғ ё фукро ба кор барем, аз байти мазкур шарҳи дигар ба даст меояд: Мавсуф ошиқу дардманду муфлис буд ва рӯяш дағал гаштаву қудрати гуфторро низ аз даст дода буд.

Дар ҳарду ҳолат низ маънии байт тасвири аҳволи вазнини ошиқ аст, вале маънии аввал ба далели устувории мантиқи калом шояд саҳеҳтар бошад.

**Ало, эй боди шабгирӣ, паёми ман ба дилбар бар,**
**Бигӯ он моҳи хубонро, ки ҷон бо дил баробар бар,**
**Ба қаҳр аз ман фикандӣ дил ба як дидори маҳрӯе,**
**Ҷунон чун Ҳайдари каррор дар он хисни хайбар бар.**

Бад-он монад, ки биншонад хатибӣ маҳ
ба минбар бар.
Ту чун моҳеву ман моҳӣ, ҳаме сӯзам
ба тоба бар.
Ғами ишқат на бас бошад, ҷафо бинҳодӣ
аз бар бар.
Танам чун чанбаре гашта бад-он уммед
то рӯзе,
Зи зулфат барфитад ногаҳ яке ҳалқа
ба чанбар бар.
Ситамбар гашт маъшуқам ҳама ғам з-ин
қабул дорам,
Ки ҳаргиз суд накнад кас, ба маъшуқи
ситамбар бар.
Агар хоҳӣ, ки хубонро ба рӯи худ ба
ҳаҷр орӣ,
Яке рухсори хубатро бад-он хубон
баробар бар.
Аё мӯъзин, ба кору ҳоли ошиқ гар
хабар дорӣ,
Саҳаргоҳон нигаҳ кун ту бад-он оллоҳу
акбар бар.
Мадор, эй бинти Қаъб, андӯҳ, ки ёр аз ту
ҷудо монад,
Расан гарчӣ дароз ояд, гузар дорад
ба чанбар бар.

Вазни ғазал: мафоилун мафоилун мафоилун мафоилун
— баҳри ҳазаҷи мусаммани солим

Ин ғазали маснӯъ аз шоираи маъруфи қарни IУ ҳиҷрӣ дар сафинаи куҳан, ки зоҳиран дар қарни УП (XIIIм.) навишта шуда, сабт омадааст. Саид Нафисӣ дар маҷаллаи «Шарқ» давраи аввал дар ин бора гуфта-

аст: «Ғазали садаи IУ ба латофат ва равонӣ маъруф аст... Содагии шеъри форсӣ дар ин аср иқтизоъ мекард, ки шоирон дар сурудани шеър камтар ба интихоби радиф таваҷҷӯҳ кунанд...» Аз ин рӯй ғазали маснӯй мазкур бо он ки ба тахаллуси «бинти Қаъб» аст, аз ӯ наметавонад бошад, балки шеър аз шоири дигарест, ки ба ҷавобгӯии ғазали «Ишқи ӯ боз андар овардам ба банд...» баромада ва дар мақтаъ бо назар бо байти:

**Тавсанӣ кардам надонистам ҳаме,**
**К-аз кашидан тангтар гардад каманд.**

ки намунае аз санъати ирсоли масали шеъри давраи сомонӣ аст, ба Робиа инчунин посухе додааст:

**Мадор, эй бинти Қаъб андӯҳ, ки ёр аз ту ҷудо монад,**
**Расан гарчӣ дароз ояд, гузар дорад ба чанбар бар (43).**

Воқеан, агар дар сари мансубияти ин ашъор ба Робиа биандешем, се далел аст, ки тахмини аз Робиа будани ин ғазали мазкурро инкор мекунад.

1. Ашъори шуарои давраи сомониён орӣ аз тахаллус буд. Чанд байте, ки аз ин давра бо тахаллуси шуаро ёфт шудааст, то ҳол қатъиян собит нашуда, ки он ашъор воқеан аз асри X аст. Чунончӣ Шиблии Нӯъмонӣ дар «Шеър-ул-аҷам» ба байти Рӯдакӣ будани ашъори зерин шубҳа дорад:

**Чу Рӯдакӣ ба ғуломӣ агар қабул куни,**
**Ба бандагӣ написандад ҳазор Дороро (44).**

Д-р Саид Нафисӣ низ ба Рӯдакӣ мансуб будани байти зеринро тасдиқ намекунад:

**Биё, инак нигаҳ кун Рӯдакиро,**
**Агар бечон равон хоҳӣ танеро (45).**

Бинобар ин, тахаллуси «Ибни Қаъб» низ наметавонад шоҳиди мансубияти ин ашъор ба Робиа бошад.

2. Дар давраи сомониён тачнис чун санъа-ти бадеӣ мавриди истифода буд, лекин дар ашъори шуаро нисбатан банудрат вомехӯрд. Шояд барои таъкиди ҳамин нукта бошад, ки дар асари д-р Маҳчуб «Сабки хуросонӣ дар шеъри форсӣ» дар «Гуфтори дуюм: шеъри форсӣ дар давраи сомонӣ» дар фасли «Са-ноеи бадеӣ ва лафзӣ» танҳо ду намуна ба-рои анвои тачнис омадааст, дар гуфтори се-юм «Шеъри форсӣ дар давраи ғазнавӣ» бо-шад, 7 навъи тачнис: тачниси зоид, тачниси мураддад (муқаррар, муздавач), тачниси му-фарвақ як-як бо намунаҳои зиёд собит шуда-аст.

Ғазали мазкур, ки намунаи равшани тач-ниси мураддад (муқаррар, муздавач) аст, бештар ба назми давраи ғазнавӣ хос аст:

**Ало, эй боди шабгирӣ, паёми ман ба дилбар бар**
**Бигӯ он моҳи хубонро, ки чон бо дил баробар бар**

3. Шеъри даврап сомонӣ ғолибан бидунӣ радиф навишта мешуд. Чанд ашъоре аз ин давра дар даст хаст, ки радифҳои сода дорад, лекин дар ғазал радифи «бар-бар», ки муракқаб аст, ба назар мерасад. Бинобар ин аз Робиа будани онро бе тардид наметавонем қабул кунем.

Бо ин ҳама дар ғазали фавқуззикр нишонаҳои сабки хуросонӣ тавсифҳои сода, тамсил, ташбеҳ, тачнис, ирсоли масал, ифодаҳои бетакаллуф ба чашм мерасанд. Дар сабки Робиа таносуби қавии калом, нозукандешӣ ва борикбаёнӣ мушохида мешавад.

Дар ғазали «Ало эй боди шабгирӣ...» чахор мавзӯе, ки дар ашъори боқимондаи Робиа буд, ба назар расид.

1. Ғазале, ки ба боди баҳорӣ бахшида шудааст, бо матлаи:

**Фишонд аз савсану гул симу зар бод,**
**Зиҳи боде, ки раҳмат бод бар бод.**

Муқоиса кунед байти:

**Ало, эй боди шабгирӣ, паёми ман ба дилбар бар,**
**Бигӯ он моҳи хубонро, ки чон бо дил баробар бар.**

Боди шабгирӣ — ҳамон насими латифи саҳаргоҳӣ аст, ки бунёди ғазали маъруфи Робиа бар он аст. Ба ҳамин маънӣ Хисрави Деҳлавӣ низ гуфта:

**Ало, эй боди шабгирӣ, ба гулбарги баногӯшаш,**

**Маҷнунбон зулфи занҷирӣ, ки ман девона**
**хоҳам шуд**

2. Мавзӯи ишқ, дар ашъори Робиа мавқеи асосӣ дорад, аз ҷумла дар шеърҳои «Ишқи ӯ боз андар овардам ба банд», «Маро ба ишқ ҳаме мӯҳтамил кунӣ ба ҳиял», «Даъвати ма бар ту он шуд, к-эзидат ошиқ кунод», «Қош-к танам боз ёфтӣ хабари дил...» ва ғайра бар расӣ шуд, дар ин ғазал низ меҳвари шеър аст.

3. Қаманди ишқ, ки ҳар киро хоҳад, ба ба мегирад. Мувофиқати ин мавзӯъ дар мисра Робиа «К-аз кашидан тангтар гардад каманд ва дар мисраи ғазали мазкур «Расан гарчи дароз ояд, гузар дорад ба чанбар бар» инкор нопазир аст.

4. Дар «Илоҳинома» Аттор байтеро аз забо ни духтари Қаъб овардааст, ки ба мазмун шеъри фавқ мувофиқ аст.

**Ало, эй боди шабгирӣ, гузар кун,**
**Зи ман он турки яғморо хабар кун.**
**Бигӯ, к-аз ташнагӣ хобам бибурдӣ**
**Чу ташна кардиву обам бибурдӣ.**

Мавзӯъҳои мушобеҳ ба ду фикри мухтали моил мекунанд, ки яке бо мурури замон бо собит шавад. 1. Муаллифи ин ғазал на Роби балки шоири номаълумест, ки бо ашъори Р биа ошно будааст ва аз он илҳом гирифт аст. Ӯ бо истифодаи мавзӯву мазомини ашъ ри Робиа як навъ ҷавобе гуфтааст.
2. Ин ғазал аз худи Робиа аст, аммо дар и сурат замони зиндагии Робиа на ба давр сомониён, балки ба давраи ғазнавиён бешт

мувофиқ менамояд.

**Лабакоди ту шаҳду ораз моҳ,**
**Рӯи чун лолабаргу зулф сиёҳ**
**Дини оллоҳ май табоҳ кунад**
**Мар-маро ҳавли он рухони чу моҳ**
**Сиву ду дона лӯълӯи макнун**
**Зери ду лолабарг дорӣ оҳ.**
**Ранги он лолаи рухони ту кард,**
**Ранги ёқути ман ба гунаи коҳ.**
**Мар-маро жолаи сиришк чакон,**
**Нест илло зи таънаи бадхоҳ**
**То маро лоҷарам бимонаду ҳамд,**
**Ҷуз ба оллоҳ менаёбам роҳ.**
**То маро ҳу ҳаме ба ишқ кунад,**
**Ин-т ҷурм-ул азим, ин-т гуноҳ.**

**Вазни шеър: фоилотун мафоилон фаълон** —баҳри хафифи мусаддаси махбуни асламн мусаббаға.

Шеър дар қолаби ғазал гуфта шудааст, аз 7 байт иборат аст, ду мисраи аввал ҳамқофия буда, мисраъҳои ҷуфти дигар ба қофияҳои аввал мутобиқ гардонида шудаанд. Мавзӯи асосии ин ғазал ишқ ва тасвири зебоии маъшуқ аст, ки ҳоли ошиқро табоҳ намудааст.

**Лабакоди ту шаҳду ораз моҳ,**
**Рӯй чун лолабаргу зулф сиёҳ.**

Лабакод — ин калима дар«Фарҳанги Муин»., «Фарҳанги Низом», Онандроҷ ва чанд фарҳанги дигар ёфт нашуд. Бинобар ин мо ҷонибдори Маҳмуди Мудаббирӣ ҳастем, ки ба фикри ишон, ин калимаро «лабу ком» хон-

дан ба максад мувофиқ аст. Ба ғайр аз «зулф сиёҳ» дигар тасвирҳо ба ташбеҳ асос ёфтаанд. Сухан аз зебоии сурати маъшуқ аст.

**Дини оллоҳ май табоҳ кунад**
**Мар-маро ҳавли он рухони чу моҳ.**

Ҳавл — 1. тавоноӣ, кудрат, зӯр, фишор
2. гузашти сол
3. атроф
4. тарс, бим, воҳима

Маънӣ: Чунонки шароб бо нерӯи шӯрангез ва аҳриманин худ бунёди динро хароб мекунад, чеҳраи зебои маъшуқ низ бо қудрати дилбарии худ ҳоли ошиқро табоҳ менамояд. Ин-ҷо май ва рух аз ҷиҳати харобкорӣ ба ҳам мушобеҳ шудаанд.

**Сиву ду дона лӯълӯи макнун**
**Зери ду лолабарг дорӣ, роҳ.**

Лӯълӯи макнун — киноя аз дандон аст
Ду лолабарг — лабҳои маъшуқ

Дар байт тасвири зебоии дандонҳои садаф ва лабҳои лоларанги маъшуқ омадааст. Аммо агар шоир танҳо ба ҳамин тасвир иктифоъ мекард, байте сода ва беҷазб мебуд. Лоҳиқ шудани вожаи «оҳ» дар охири байт ба мазмун ва ифода узубате хос бахшидааст. Мавзӯи асосӣ, ки гӯё зебоии лабу даҳони маъшуқ буд, тобиши нав мегирад ва бо иловаи «оҳ» ба ифодаи эҳсоси ошиқ, дарду ҳасрати ӯ аз дастнорас будани мавсуф табдил меёбад.

**Ранги он лолаи рухони ту кард,**
**Ранги ёқути ман ба гунаи коҳ.**

Сухан аз тири ишқ аст, ки ба нишон расида ҳоли ошиқро хароб намудааст. Зардранг будан нишони маризист ва илали он ишқи лоларух аст, ки тасвири тазодист.

**Мар-маро жолаи сиришк чакон**
**Нест илло зи таънаи бадхоҳ**

Мар-маро — аз ман .
Илло — ба ҷуз

Маънӣ Ошиқ аз таънаи бадхоҳон дидаи пуроб дорад. Захми забони душманон ранҷу озори ошиқро дучанд кардааст.

**То маро лоҷарам бимонаду ҳамд,**
**Ҷуз ба оллоҳ менаёбам роҳ.**

Ошиқ ба ҷуз ситоиш ва рӯи ниёз овардан ба худованд чораи дигаре надорад, чаро ки мушкилоти ишқро маъшуқ ҳал намекунад. Ҷуз худованд касе нест, ки ба мадади ошиқ бирасад.

**То маро ҳу ҳаме ба ишқ кунад,**
**Ин-т ҷурм-ул азим, ин-т гуноҳ.**

Ҳаме — ишора ба давомнокии амал
ҳу — маънии маҷозиаш худо аст.
Мисол: Гуфт: бобо, насибаи ман ку?
Гуфт: Қисми ту аз хазинаи ҳу.
Саноӣ.

**Ошиқ аз худованд илтиҷо мекунад, ки ӯро**

пайваста гирифтору побанди ишқ нигоҳ дорад, вале худ медонад ва бохабар аст, ки ишқ ба худованд бояд варзид, на бо банда. Ӯро мебоистӣ, ки аз худованд ишқи илоҳӣ бихоҳад, вале ӯ чун ишқи заминӣ талаб дорад, аз хоҳиши худ шармзада аст ва эҳсоси гунаҳкорӣ дорад.

**Шоқанӣ ноиҳу мин-ал атёрӣ,**
**Хоча сукмӣ ва хоча тазкори.**
**Душ бар шохаки дарахт он мурғ,**
**Навҳа мекарду мегирист ба зорӣ.**
**Қулту лит-тайри лам туваннаҳ ва табко,**
**Фи дучалл лайлӣ ван—нучуми дарори.**
**Ман чудоям зи ёр аз он менолам,**
**Ту чӣ нолӣ, ки бо мусоид ёри.**
**Ман нагӯям чу хуни дида биборам,**
**Ту чӣ гӯи, чу хуни дида наборӣ.**

Вазни шеър: фоилотун мафоилун фаилотун — баҳри ҳафифи мусаддаси маҳбун.

Маъхази ин муламмаъ «Лубоб-ул-албоб», ч. 2, с. 62 ва «Мачмаъ-ал-фусаҳо», с. 655 аст.

Ғазалест иборат аз 5 байт ва ду байти он ба забони арабӣ гуфта шудааст. Э. Е. Бертельс дар бораи ин ғазал гуфтааст: «Пораи бағоят зебо, латиф ва занонае, ки абёти форсӣ ва тозӣ дар он ба навбат омадаанд» (46).

Дар «Лубоб-ул-албоб» ва «Мачмаъ-ул-фусаҳо» Маҳмуди Мудаббирӣ тағйироти зеринро мушоҳида кардааст:

**«Лубоб-ул-албоб»**

Шоқани ноиҳу
Дӯш бар шохаки дарахт он мурғ
Фи-дучалл лайлӣ ван-нуҷуми дарорӣ
Ман ҷудоям зи ёр аз он менолам
Ту чӣ нолӣ, ки бо мусоид ёрӣ

Ман бигирям...(47).
Ту чӣ гирйи, чу...

**«Маҷмаъ-ал-фусаҳо»**

Шоқанӣ нохлӣ
Дӯш бар шохаки дарахт яке
Фи-дучал-лайлӣ ван ҳуҷуми дарорӣ.
Ман ҷудоям зи ёри хешу налолам
Ту чӣ нолӣ, ки бо саодат ёрӣ

Ман бигирям
Ман бигирям...*

Чунон ки мебинем, Ризоқулихони Ҳидоят дар «Маҷмаъ-ал-фусаҳо» ҳафт калимаро тағйир додааст, ки чунин миқдорро ҳаргиз чун ғалатфаҳмии нусхаи тазкираи қадимтарини форсӣ «Лубоб-ул-албоб» наметавон пазируфт. Мутаассифона, аз сарчашмаҳои дигари ин шеър иттилои дигаре надорем.

**Шоқанӣ ноиҳу мин-ал-атёрӣ**
**Хоҷа сукмӣ ва хоҷа ли тазкорӣ.**

Тарҷума:

**Маро паррандаи навҳагаре ба шӯр овард,**
**Дардам афзуду хотиротам барангехт.**

Маънӣ: Мурғаке дар шохи дарахт бо суруди шӯрангези худ ошиқро ба ҳаяҷон овардааст.

**Дӯш бар шохаки дарахт он мурғ,**
**Навҳа мекарду мегирист ба зорӣ.**

Мантиқан, ин байт бояд матлаи ғазал бошад, вале чун матлаъ ба забони арабӣ омадааст, ин байти форсӣ низ ҳамон нуқтаи ист аст, ки аз он фикр оғоз мешавад. Зоҳиран байти форсӣ тарҷумаи байти аввал менамояд, лекин дар байти аввал на танҳо дар бораи суруди парранда, балки таъсири он ба шунаванда (ошиқ) низ сухан рафтааст. Байти дуюм фақат аз мурғак ва тариқи хониши он хабар медиҳад. Ин байт хонандаро ба қабули ахбори нав ва ё тасвири ҷадид дар бораи мурғ ва сабаби гиряву нолаи он омода мекунад.

**Қулту лит-тайрӣ лам туваннаҳ ва табко,**
**Фи дуҷалл-лайли ван— нуҷуми дарорӣ.**

Тарҷума:

**Гуфтам ба парранда, ки навҳаву зорӣ накун,**
**Дар зулумоти шаби ситорарез.**

Агар нусхаи дигари ин байтро бо вожаи «ҳуҷум» ба ҷои «нуҷум» пазируфта бошем, тафсири «ҳаҷм» ба маънии ғунҷоиш ва дарозӣ меояд ва маънии зерин ҳосил мешавад.

**Гуфтам ба парранда, ки навҳаву зорӣ накун,**
**Дар зулумоти шаби дароз.**

Ин маънӣ бештар қобили қабул менамояд, ҷаро ки сухан аз шабҳои дарозу пурсӯзи бехобии ошиқон меравад. Шаби ситорарез бо зулмати шаб чандон мувофиқ нест, зеро ситораҳои зиёд торикии шабро барҳам мезананд. Лекин, аз тарафи дигар, осмони сиёҳи

пурситора ба суруди мурғ илҳом мебахшад. Ва худ чашмак задани ситораҳо ва дар рӯшании ҷилои онҳо чашмҳои паррандаи хушхон манзараест бас зебо.

**Ман ҷудоям зи ёр аз он менолам,**
**Ту чӣ нолӣ, ки бо мусоид ёрӣ.**

Зоҳиран, чандон саҳеҳ нест, ки посухи мурғ ба ошиқ аст ё давоми руҷӯи ошиқ ба парранда. Гумон меравад, ки идомаи ҳарфи ровӣ бошад, ки бо таҳайюр аз парранда сабаби навҳаи ӯро мепурсад.

**Ман нагӯям чу хуни дида биборам,**
**Ту чӣ гӯй, чу хуни дида наборӣ.**

Ошиқ, ки дардманду ранҷур аст, лаб ба хомӯшӣ бастааст, зеро аз дарди сахт менолaнд: «Ишқ он набувад, ки ҳамчу булбул нолӣ, ҳаргаҳ ки бимирию нанолӣ, ишқ аст».

Танзими абёти ин ғазал чунин сурат гирифта, ки як байти тозӣ ва як байти форсӣ паси ҳам меоянд. Дар охири ғазал ду байти форсӣ якҷоя омадааст, ки агар ба забони арабӣ будани матлаъро ба назар гирем, ба форсӣ гуфта шудани мақтаъ тарҳи шеърро мукаммал мекунад.

* * *

Таҳқиқи ашъори боқимондаи Робиа чанд нуктаи ҷолиберо ошкор намуд.

1. Авзони ашъори Робиа.

Аз 13 номгӯи ин ашъор, ки дар даст буд, маълум шуд, ки Робиа дар буҳури мухталиф ҳунар озмуда будааст. Аз ҷумла 3 намунаи баҳри рамал, 3 намунаи баҳри музореъ, 3 на-

мунаи ҳазаҷ, 2 намунаи хафиф, 1 — мутақориб ва 1 — мунсареҳ ба мушоҳида расид. Аз ин миён баҳрҳои аслӣ ва фаръӣ аз лиҳози миқдор тақрибан мутасовианд, яъне ба ягон навъи ин буҳур майли махсуси шоира собит нашуд. Бо ин ҳама наметавонем бо қотеъият хулоса кунем, ки баҳре аз буҳури арӯз серистифода ва ё ба нудрат ба кор рафтааст, зеро аз маҷмӯи ашъори боқимонда, ки хеле кам аст, ба бардоште расидан амали савоб нахоҳад буд. Аз вазнҳое, ки мавриди истифодаи Робиа будааст, буҳуре низ ба назар расиданд, ки имрӯз дар шеъри форсӣ роиҷ нестанд. Намунаи ин вазн байти зерин аст:

**Турк аз дарам даромад хандонак,**
**Он хубрӯи чобук меҳмонак.**

мафъӯлу фоилотун мафъӯлун
— музореъи мусаддас ахраби муханнақ

2. Анвои ашъори Робиа.

Аз анвои ашъори боқимондаи Робиа, ки ҷамъулҷамъ 55 байт аст, ба ҷуз намунаҳои ҷинси ғиноӣ надидем. 7 шеъри Робиаро метавон ғазал номид, вале бо назардошти он, ки дар асри X ҳанӯз ғазали маъмулии истилоҳӣ ташаккул наёфта буд.

Дар баъзе асарҳои тадқиқотӣ он ашъор насиб, ташбиб, тағаззул ва чакома низ ном гирифтааст. Абёти аввали ҳамаи ин ашъор муқаффоъ буда, мисраъҳои ҷуфти абёти дигар ба қофияҳои аввал ҳамоҳанг шудаанд. Танҳо дар як ғазал тахаллус ба назар расид, ки мансубияти он ба Робиа собит нест. Дар

се ғазал радиф ба кор рафтааст: «гирифт», «бод», «бар бар». Аз миён ду радифи аввал сода буда, дар ашъори давраи сомонӣ қобили қабул менамояд, вале радифи сеюм ва назоири он ба ашъори ин давра чандон хос нест.

Се шеъри дигар («Даъвати ман бар ту он шуд...») «Қош-к танам боз ёфтӣ хабари дил», «Хабар диҳанд, ки бар сари Айюб...» дар қолаби қитъа гуфта шудааст, ки ҳар кадом аз чаҳор мисраъ беш нест. Ин ашъорро баъзан саҳван дубайтӣ гуфтаанд. Иштибоҳ аз сарфи назар кардани авзони дубайтӣ (мафоилун мафоилун фаӯлун)-баҳри ҳазаҷи мусаддаси мақсур сар задааст, ки дар ашъори боқимондаи Робиа умуман вонахӯрд.

Шеъри «Ҳаргиз рӯзе ба банда парвот набуд» аз рӯи хусусиятҳои адабӣ рубоӣ аст ва дар шаҷараи ахраби баҳри ҳазаҷ гуфта шудааст.

Ва ниҳоят аз анвои шеърии дигар ду байти ҷудогона дар ихтиёри мо буд, ки ҳар ду ҳам муқаффоъ буда, дар шакли фардбайт ё маснавии кӯчак омада расидааст. Аммо дар сурати мавҷуд будани абёти дигар, ки дар ҳамин мавзӯъ ва ҳамин вазну қофия гуфта шудаанд, ин абётро метавон матлаи навъи ғазал пазируфт.

Аз қолабҳои шеърие, ки мавриди истифодаи Робиа будааст, ба хулосае метавон расид, ки ин шоираи хуштабъ дар аксари анвои ғиноии давраи сомонӣ: ғазал, қитъа, рубоӣ ва байт ҳунар озмуда ва дар тарҳрезии ин қолабҳо аз пешоҳангони шеъри форсӣ будааст. Ҳатто дар сурате, ки ӯ аввалин гӯян-

даи ғазал ё қитъа набошад ҳам, бо қатъият метавон гуфт, ки ашъори Робиа қавонини ин шаклҳоро истехком бахшидааст. г

3. Мансубияти тамоми ин ашъорро ба Робиа на ҳамеша метавон бе тардид пазируфт ва собит намуд, чаро ки миқдори хеле ками ашъори боқимонда сабки фардии шоираро комилан ошкор намекунад ва имкон намедиҳад, ки аз рӯи шохисаҳои сабкӣ роҷеъ ба ҳар шеър бурҳони раднопазир пеш орем. Бо вуҷуди ин, ба истисноӣ 2-3 шеър, ки онҳоро ба қалами Оғоҷӣ, Рӯдакӣ, Адиб Собир ва Оишаи Самарқандӣ нисбат медиҳанд, ашъори дигар аз худи Робиа аст ва мавҷудияти абёти ӯ дар сарчашмаҳои мӯътабар ва қадими форсӣ ин фикрро тасдиқ мекунад.

Ш. Забони ашъори Робиа. Аз ашъори Робиа, ки чун шоираи зуллисонайн маъруф аст, ҳамагӣ 5 мисраъ ба забони арабӣ ва боқӣ 106 мисраъ ба забони форсӣ ба даст омадааст. Як мисраъ аз ғазали «Ало, эй боди шабгирӣ...» бо сабаби номаълум аз байн афтодааст, ки шояд мисраъи арабӣ бошад ё мисраъе, ки дар мутолиаи он ихтилоле пеш омада.

Аксари калимоте, ки дар ашъори форсӣ ба кор рафтаанд, вожаҳои маъмул ва серистифодаи давраи сомонӣ буда, дар миёни онҳо алфози арабӣ хеле кам ба назар мерасад. Ин вежагӣ хоси сабки хуросонӣ аст ва мансубияте ашъори Робиаро ба ин сабки адабӣ собит мекунад.

Аз хусусиятҳои шеъри ин давра истеъмоли калимоте чун тавсан, фусусо, ҳиял, шахударух, шахонида, зам ба шумор меоянд, ки зиёд нестанд ва гумон меравад, ки дар он дав-

ра аз калимоти роиҷ ва маъмул бошанд.

Ғайр аз ин калимаву ибороти ҳаме, андар овардам, андар осӣ ҳаме наёрам шуд, андар тоғӣ ҳамешавам, андар пинҳон кунанд, кош-к, кунод, мар-маро нишони қудумат ва кӯҳнагии шеъранд.

## IУ. Ашъори Робиа аз лиҳози мавзӯъву мӯҳтаво.

Аз ашъори Робиа ду ғазали хеле зебое ҳаст дар мавзӯи табиат, васфи зебоии баҳор ва боди баҳорӣ. Дар ғазали «Фишонд аз савсану гул симу зар бод» шоир аз мавзӯи табиат ва тасвири фусункориҳои бод буруз накардааст. Аммо дар ғазали дуюм як байти андарзӣ ҳаст, ки зоҳиран аз фасли табиат моро дур мекашад, вале дар асл бо абёти дигари ин ғазал қаробат дорад. (Руҷӯъ шавад ба шарҳи ин ғазал).

Тамоми ашъори боқимонда дар мавзӯи ишқ аст. Баъзе аз он абётро чун ишқи ирфонӣ низ метавон пазируфт. Чунончӣ ғазали «Ишқи ӯ боз андар овардам ба банд» ё қитъаи «Қош-к танам боз ёфтӣ хабари дил» ва рубоии «Ҳаргиз рӯзе ба банда парвот набуд», ки дар онҳо ишқи заминӣ бо ишқи илоҳӣ даромехтааст.

Дар баъзе абёт танҳо васфи маъшуқ ва ситоиши ӯ ба назар мерасад:

**Турк аз дарам даромад хандонак,**
**Он хубрӯи чобук меҳмонак.**

Дар ашъори дигар васфи маъшуқ ба аҳволи ошиқ ба ҳам омадааст:

**Ранги он лолаи рухони ту кард,**
**Ранги ёқути ман ба гунаи коҳ.**

Ва ниҳоят ашъоре низ ҳаст, ки танҳо аз аҳволи ошиқ хабар медиҳад:

**Ошиқу ранҷур буду бедирам**
**Он шаҳударух шаҳонида зи зам,**

Дар ашъори Робиа байтҳои панду андарзӣ низ ҷой доранд, ки ғолибан дар шакли ирсоли масал омадаанд. Чунончӣ:

«Қадаҳ гир чандеву дунё магир, Ки бадбахт шуд он ки дунё гирифт» — (шод зистан ва аз зебоии муҳит баҳра бардоштан)

«Аз кашидан тангтар гардад каманд» — (саркаш набудан)

«Фаман такаббара йавман фаъбада иззан залл» — (аз кибру ғурур дур будан)

«Расан гарчӣ дароз ояд, гузар дорад ба чанбар бар» — (риояи меъёр)

«Дини оллоҳ май табоҳ кунад» (зарари шароб)

**У. Санъатҳои бадей.**

Баррасии корбуди саноеи бадеӣ дар ашъори Робиа ба хулосае овард, ки ин шоираи ҳунарманду хушзавқ тавассути санъатҳои бадеии мухталиф ба зуҳури қудрати тахайюли худ муваффақ шудааст. Қариб ягон байте нест, ки як ё якчанд санъати бадей дар офаридани муҳокот ба кор нарафта бошад. Хусусан, истифодаи вофири санъати талмеҳ дар ғазалҳои «Зи бас гул...» ва «Фишонд аз савсану гул...» гувоҳӣ ин гуфторанд: «Аржанги Монӣ», «Чашми Маҷнун», «рухсори Лайло», «нақши Озар», «сеҳри Монӣ», «чашми

Одам», «лутфи Исо», «тоҷи Кисро» ва аз ашъори дигар «малахи заррин», «Ҳайдари каррор», «хусуни Хайбар» ҳама ишора ба аҳодиси набавӣ, сураҳои Қуръони карим, қиссаву ривоятҳои маъруфи таърихӣ ва ишқӣ мебошанд.

Дигар аз санъатҳои серистифода тавсиф аст: мушки тибат, ақиқин қадаҳ, наргиси тоза, либоси кабуд, дини тарсо, гули хушбӯй, чашми ноаҳл, дарёи каронанопадид, хубрӯи чобук, рӯи некӯ, сангиндили номеҳрубон, малахи заррин, магаси рӯин, субҳи пардадар, боди шабгирӣ, моҳи хубон, бедили шайдо.

Баъзан ду ё зиёда тавсифот низ паи ҳам омада, чунончӣ: сангиндили номеҳрубон ё бедили шайдо. Намунаи ҷолиби тансиқи сифот дар байти зерини Робиа дида шуд:

**Ошиқу ранҷур буду бедирам**
**Он шахударух шахонида зи зам.**

Маҷозу истиора низ аз васоити тасвирсози ашъори Робиа будааст: арӯси боғ, доғи ҳаҷр, хуни дида, жолаи сиришк, моҳи хубон.

Ташхис: субҳи ғаммоз, субҳи пардадар, абри девона, арза кардани бод ҷоми зарро.

Аз миёни саноеи бадей ташбеҳ ва навъҳои он хеле зиёд мавриди истифода будааст:

чаман — аржанги Монӣ
гул — ранги рухсори Лайло
сиришки дар лола — ақиқин қадаҳ
наргиси ороста — тоҷи Кисро
бунафша дар либоси кабуд — рухбони дини тарсо
абр — чашми Одам

бод — лутфи Исо
ишқ — дарёи каронанопадид
рӯй — лолабарг
ораз — моҳ ва ғайра

Намунаҳои санъати ирсоли масалро дар мавриди баҳс аз мазомини панду андарзӣ оварда будем.

Дар ашъори боқимондаи Робиа чанд намунае аз санъатҳои зерин мушоҳида шуд:

Таҷнис: («Зиҳӣ боде, ки раҳмат бод бар бод»), тазод: (зишт — хуб, заҳр — қанд, наим — ҷаҳим, шакар — заҳр, заҳр — асал, тан — дил, малахи заррин — магаси рӯин), таաҷҷуб:

**«Агар девона абр омад, чаро пас,**
**Кунад арза суҷуҳе ҷоми зар бод,**
**Аҷаб, чун субҳ хуштар мебарад хоб,**
**Чаро афканд гулро дар саҳар бод».**

нидо:

**Ман ҷудоям, зи ёр менолам,**
**Ту чӣ нолӣ, ки бо мусоид ёрӣ,**
**Ман нагӯям, чу хуни дида наборам,**
**Ту чӣ гӯӣ, чу хуни дида набори...**

тарсеъ:

**Бидод аз нақши Озар сад нишон об,**
**Намуд аз сеҳри Монӣ сад асар бод.**
**Мисоли чашми Одам шуд магар абр,**
**Далели лутфи Исо шуд магар бод.**
**Зишт бояд диду ангорид хуб,**
**Заҳр бояд хӯрду пиндорид қанд.**
**Кош-к танам боз ёфти хабари дил,**
**Кош-к дилам боз ёфтӣ хабари тан:**

иштиқоқ:

**«Ошиқу ранҷур буду бедирам,**
**Он шаҳудаҳрух шаҳонида зи зам».**

илтифот:

**Кош-к ман аз ту бирастаме ба саломат,**
**Ой фусусо, куҷо тавонам растан»**

Байти мазкурро чун намунае барои санъати таҷоҳули ориф низ метавон пазируфт.

Ҳамчунин дар ашъори Робиа санъати муламмаъ — овардани мисраъ ва байтҳои арабӣ мушоҳида шуд.

Ва ниҳоят ғазали охир «Лабакоди ту шаҳду. ораз моҳ» як навъ муаммоест, ки бо диққати амиқ ва мулоҳизаҳои борик ду ибораи арабии динӣ ҳосил мешавад.

**У1. Истиқболи Робиа аз ашъори шуарои дигар ва нақли мазомини ашъори ӯ дар шеърҳои дигарон.**

Ашъори зебо ва дилпазири шуарои салаф ҳамеша мавриди пазироии гарм ва тарбияи завқу табъи шуарои даврони дигар будааст. Вале истиқбол аз мазмуни шеъре ва ба орият гирифтани мазмуне дар ашъори ҳамасрон низ мушоҳида шудааст. Мазмуни абёти Робиаро чӣ дар ашъори муосирон ва чӣ шеърҳои шуарои даврони баъд метавон пайдо кард. Аз сӯи дигар, худи Робиа низ аз ашъори гузаштагону муосирон илҳом гирифта будааст. Чунончӣ, мазмуни байти маъруфи

**Тавсанӣ кардам, надонистам ҳаме,**
**К-аз кашидан тангтар гардад каманд.**

дар ашъори устод Рӯдакӣ дар ғазале бо матлаъи «Зиндагӣ чӣ кӯтаҳу чӣ дароз. На ба охир бимурд бояд боз» ба шакли зерин омадааст:

**Ҳам ба чанбар гузар хоҳад буд,**
**Ин расанро гарчӣ ҳаст дароз.**

Ва айни ҳамин мазмун дар ғазале, ки мансубияташ ба Робиа баҳсталаб аст, чунин тазмин шудааст:

**Мадор, эй бинти Каъб андӯҳ, ки ёр аз ту чудо монад,**
**Расан гарчӣ дароз ояд, гузар дорад ба чанбар бар.**

Ин абёт моро ба фикре водор мекунад, ки Робиа аз ашъори Рӯдакӣ бохабар будааст ва аз ӯ борҳо иқтибос овардааст.

Ғазали дигари маъруфи Рӯдакӣ бо матлаъи зерин оғоз шудааст:

**Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд,**
**Бо бӯи гулу мушку насими Суман ояд.**

Дар ин ғазал 6 мисраи аввал дар мавзӯи тасвири боди баҳорист.

Ин мавзӯъ моро ба шеъри Робиа раҳнамоӣ мекунад:

**Фишонд аз савсану гул симу зар бод,**
**Зиҳӣ боде, ки раҳмат бод бар бод.**

Ҳатто аз лиҳози вазн ниҷ монандӣ дар ин ду ғазал эҳсос мешавад. Ҳарду ғазал дар баҳри ҳазаҷ гуфта шудааст, ҳарчанд, ки зи-

ҳофоташ тафовут дорад. Ғазали Рӯдакӣ — дар баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур, ашъори Робиа — дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси мақсур суруда шудааст, бо ин ҳама ҳамоҳангии мазмун ва мушокилӣ дар авзон қобили дарк аст,

Ҳамҷӯрии як байти Робиаро бо байти Унсурӣ низ мушоҳида намудем:

Робиа:

**Бидод аз нақши Озар сад нишон об**
**Намуд аз сеҳри Монӣ сад асар бод.**

Унсурӣ:

**Нест Монӣ абр, пас чун боғ аз ӯ артанг шуд**
**Нест Озар бод, пас чун боғ аз ӯ шуд пурнигор**

Истиқболи ашъори Робиаро аз тарафи Сурӯши Исфаҳонӣ Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб чунин дарёфта буд:

Робиа:

**Қош-к танам боз ёфтӣ хабари дил**
**Қош-к дилам боз ёфтӣ хабари тан.**

Сурӯш:

**Меҳр буридаст соҳиби ман аз ман,**
**Вою ғирев аз ҳилаварзии душман.**

## БОБИ III

# МАР-МАРО ЖОЛАИ СИРИШК ЧАКОН...

### (Симои Робиа дар адабиёти бадей)

Осори бадей манут бар муҳокот аст ва за-минаи муҳокотро дар зиндагӣ, дар вокеоти ҳамарӯза бояд ҷуст. Ҳарчӣ инсон мебинад, мешунавад, ҳис мекунад ё дар олами таҳайюлоташ мебофад, метавонад сарчашмаи осори адабӣ бошад. Аммо инсон ва корномаи ӯ бештар аз тамоми маводи дигари бадей — муҳити табиӣ, гулу гиёҳ, дарёву кӯҳ, ҷирмҳои осмонӣ, вуҳушу туюр, деву парӣ қобили та-ваҷҷӯҳ аст. Шахсиятҳои рӯшан, гуфтору кир-дори онҳо, муҳимтарин воқеаҳои сиёсиву таъ-рихиву фарҳангӣ, ки ин ашхос аз сар мегу-заронанд, осори носутурдание аз худ мегузо-ранд. Санаде, ки барои адабиёт аз зиндагии онҳо баргирифта мешавад, гоҳе қариб бетағ-йир, гоҳи дигар бо тағйироти ҷиддӣ ва баъ-зан дар коргоҳи адиб комилан дигар шуда да-шакли худбофтаи нависанда ба адабиёт во-рид мешавад. Дар қиссаву ҳикоёт аз рӯзгори пайғамбарону аҳли тасаввуф, шоҳону вази-рон, шоирону санъаткорон ҳудуди воқеият в-таҳайюлро ҷудо кардан ба шарте имконпази-аст, ки перомуни мавзӯъ сарчашмаҳои муст-над дар даст бошанд.

Қарнҳост, ки дар бораи Ҷамшеду Кисро, Қоруну Доро, Маҳмуду Аёз, Нӯшервони Оди-лу Ҳотами Той, Искандари Мақдуниву Тему-ри Ланг, Фирдавсиву Хайём қиссаҳо меба-фанд ва ҳар адиб сифатеро ва ё сифатҳоеро

аз шахсияти онҳо мехоҳад барҷастатар ва муассиртар ба қалам орад. Такрори аснод ва интиқоли он аз як қисса ба қиссаи дигар симои бадеии нафареро пеши назари мо чунон ба ҷилва меорад, ки бидуни он ин симо қобили тасаввур нест. Чунончӣ, агар симои Фирдавсиро пеши назар орем, бидуни сифоте чун ғуруру шаҳомат, сарбаландиву ҷавонмардӣ ва завқу қариҳаи фавқуттабиӣ наметавонем аз ӯ ёд кунем. Азбаски ҳофизаи инсон ҷолибтарин ва муассиртарин воқеотро бештар дар хотир медорад, қиссаи марги писари Фирдавсӣ, низоъ бо султон Маҳмуди Ғазнавӣ, таъқиби шоир ва ниҳоят аз як дарвоза баровардани турбати шоир ва аз дарвозаи дигар ворид шудани тӯҳфаҳои гаронбаҳои шоҳ аз саҳфоти пуризтироби рӯзгори шоир аст, ки бидуни онҳо симои шоир тасаввурпазир нест.

Дар радифи мардони соҳибҳунару закитабъ ва шуҷову сарбаланд беш аз ҳазор сол аст, ки симои зебои зани ҷавон ва шоираи шӯридадиле бо тамоми дардҳои ҷонгудозу шеърҳои шаҳдрез ва фарҷоми фоҷиабори зиндагиаш маҷзуб мекунад. Ин зан Робиаи Балхист, ки фазлу ҳунар ва корномаи зиндагиаш мардони ҷаҳонро дар ҳайрат гузоштааст ва манобеи достону қиссаҳои зиёде шудааст. Авфии Бухороӣ дар сифати ӯ гуфта буд, ки «духтари Қаъб агарчӣ зан буд, аммо ба фазл ба мардони ҷаҳон биханд идӣ» ва Ризоқулихони Ҳидоят низ ба ҳамин маънӣ фармуда, ки Робиа «дар ҷамол ва фазлу камол ва маърифату ҳол ваҳидаи рӯзгор ва фаридаи даҳру адвор» буд. Ба ғайр аз абёти чу-

догона ва лавҳаҳои кӯтоҳе, ки дар осори мухталифи манзуму мансур ишора ба Робиа мекунанд, осоре низ ба қалам омадаанд, ки симои ин занро бо тамоми бузургиву шаҳоматаш хеле муфассал мунъакис гардонидаанд. Ҳикояти духтари Қаъб дар «Илоҳинома»-и Аттори Нишопурӣ, «Гулистони Ирам»-и Ризоқулихони Ҳидоят, «Духтари никобдор»-и Тоҷӣ Усмон, «Робиа, духтари Қаъб»-и Носири Наҷмӣ, «Рӯҳи урён»-и Гулрухсор ва «Суруди нотамом»-и Абдусалом Атобоевро қиссаи ҷонгудозу дилхароши зиндагиву марги як фарди пурҳунару ҳассос ва як дӯшизаи покизаву бебок моя бахшидааст.

«Илоҳинома»-и шайх Фаридуддини Аттор аввалин асари бадеӣ аз рӯзгори Робиа аст, ки то ба мо расидааст. Ин асар дар шакли маснавӣ дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳфуз (мафоилун, мафоилун мафоил) таълиф шуда аз 6511 байт иборат аст. Баъд аз ҳамду сано сухан аз шаш писари ҳакиме меравад, ки ҳар кадом матлаби худро дар шакли суол ба падар баён мекунад ва дар посух ҳикояти судманде мешунавад. Яке духтари шоҳи париён, дигаре ҷодуӣ, сеюм — Ҷоми Ҷам, чорум — оби ҳаёт, панҷум — ҳотами Сулаймон ва шашум кимиёро мехоҳад ва ҳар кадом писар, аз нигоҳи Аттор, ифодагари як ҳисси инсонист: нафс, шайтон, ақл, илм, факр, тавҳид.

Ҳикояти духтари Қаъб дар посухи суоли писари шашум дар бораи ба даст овардани кимиё оварда шудааст:

Писар гуфташ, ба ҳар пандам, ки додӣ,
Ба ҳар панде маро банде кушодӣ.
Маро сад мушкил аз панди ту ҳал шуд,
Миси ман бо зари кавни бадал шуд.
Суханҳои ту яксар судманд аст,
Бағоят ҳам муфиду ҳам баланд аст.
Вале з-онам ҳавои кимиё хост,
К-аз ӯ ҳам дину ҳам дунё шавад рост.
Ки чун дунёву дин дарҳам занад даст,
Ба даст ояд маро маъшуқи пайваст.
Ки то дунёву динам ёр набвад,
Маро аз ёр истизҳор набвад.

Падар баъди шунидани матлаби писар аз ишқи маҷозӣ ва ҳақиқӣ ҳарф мезанад ва камоли ошиқиро дар се ҳолат мебинад, ки иборат аст аз ашку оташ ва хун. Фақат касе, ки аз ин се баҳр мегузарад, ба висоли маъшуқ мерасад:

Падар гуфташ, димоғат пурғурур аст,
Ки ин андеша аз таҳқиқ дур аст.
Ту то ҳар неку ҳар бад дар ниёзӣ,
Набошӣ ошиқи илло маҷозӣ.
Агар дар ишқ мебояд камолат,
Бибояд гашт доим дар се ҳолат
Яке ашку дувум оташ, савум хун,
Агар ой аз ин се баҳр берун,
Даруни парда маъшуқат диҳад бор
Вагарна бас ки маъшуқат диҳад кор.
В-агар огаҳ нагаштӣ з-ин ривоят,
Туро доим тамом аст ин ҳикоят.

Баъди ин муқаддима ҳикояти духтари Қаъб оғоз мешавад. Дар 428 байт Аттор шарҳи ҳол ва қиссаи ишқи Робиаро, ки аз миёни

ӣшқу оташу хун мегузарад, ба риштаи назм кашидааст.

Қисса аз тасвири сифатҳои амири Балх оғоз меёбад. Аттор дар тасвирҳои хеш аз санъати тавсиф, ташбеҳ ва муболиға фаровон истифода бурдааст. Симоҳое, ки ӯ меофарад, дар ҳолаи афсона пеши назар меоянд:

**Амире сахт олирой будӣ,**
**Ки андар ҳадди Балхаш ҷой будӣ.**
**Ба адлу дод амире покдин буд,**
**Ки ҷадди ӯ малакзоди замин буд.**
**Ба мардию ба лашкар саъб будӣ,**
**Ба ном он Каъбаи дин Каъб будӣ.**
**Зи рояш файзу фарр шамсу қамарро,**
**Зи ҷудаш ному нон аҳли ҳунарро.**
**Зи адлаш мешу гург андар ҳаволӣ,**
**Ба ҳам дар ростӣ хушвақту ҳолӣ.**
**Зи саҳмаш оби дарёҳои пурҷӯш,**
**Шудӣ чун оташе дар санг хомӯш.**
**Зи рояш бурда хуршеди фалак нур,**
**Ҷаҳонро равшанӣ бахшида аз нур.**
**Зи хулқаш мушк дар дунё расида,**
**Зи дунё низ бар уқбо расида.**

Агар дар шахсияти Қаъб сифатҳое чун олиройӣ, покдинӣ, одилӣ, мардонагӣ, саховатпешагӣ, ростӣ, хулқи хуб дар мадди назар бошанд, дар тасвири шахсияти духтари Қаъб сухан на аз хислатҳои ӯ, балки аз ҳусну ҷамоли беназир ва истеъдоди фавқулъодда меравад.

**Яке духтар дар айвон буд низаш,**
**Ки чун ҷон буд ширину азизаш.**
**Ба ном он симбар Зайнулараб буд,**

Дилошӯбеву дилбанде аҷаб буд.
Ҷамолаш мулки хубии ҷаҳон дошт,
Ба хубӣ дар ҷаҳон ӯ буд, к-он дошт.
Хирад дар ишқи ӯ девона будӣ,
Ба хубӣ дар ҷаҳон афсона будӣ.
Қасе, к-ӯ номи ӯ бурди ба ҷое,
Шудӣ ҳар зарраи Юсуфнамое.
Маҳи нав чун бидидӣ з-осмонаш,
Задӣ чун чанг зону ҳар замонаш.
Агар пешониаш ризвон бидидӣ,
Биҳишти аднро пеш-он надидӣ.
Сари зулфаш чу бар хок уфтодӣ,
Аз ӯ пече бар афлок уфтодӣ.
Ҷамолашро сифат кардан маҳол аст,
Ки аз ман ин сифат кардан маҳол аст.
Чунон дар шеър гуфтан хушзабон буд,
Ки гӯи аз лабаш таъме бар он буд.
Падар пайваста дил дар кори ӯ дошт,
Ба дилдорӣ басе тимори ӯ дошт.
Ба лутфи табъи ӯ мардум набудӣ,
Гаҳе чизе, ки аз мардум шунудӣ,
Ҳама дар назм овардӣ ба як дам,
Бипайвастӣ чу марворид бо ҳам.

Дар овардани сифатҳои писари Қаъб муаллиф чандон пургӯй нест. Падар пеш аз марг писарро пеши худ нишонда парастории хоҳарро аз ӯ хоҳиш мекунад ва мувофиқи васияти падар баъди ба тахт нишастан Ҳорис чанд муддат аз беҳтарин шоҳони ҷаҳон буд:

Ба адлу дод гардан бар ҷаҳон тофт,
Ҷаҳон аз вай дигар Нӯширавон ёфт.
Раиятрову лашкарро дирам дод,

**Басе солориву кўсу алам дод.**
**Басе савдо зи ҳар мағзе бурун кард,**
**Басе бедодгарро сарнагун кард.**
**Ба хубию ба нозу некномӣ,**
**Чу ҷон медошт хоҳарро гиромӣ.**

Дар сабки Аттор тасвирҳо мақоми барҷаста доранд. Тасвири чеҳра, хислат, ҳолат, тасвири муҳит, табиат хеле муфассал ба назм омадаанд. Гиреҳбанди воқеа аз тасвири симои Яктош* оғоз меёбад:

**Ғуломе буд Ҳорисро ягона,**
**Ки ӯ будӣ нигаҳдори хазона.**
**Ба ном он маҳваш Яктош будӣ,**
**Надонам, то касе ҳамтош будӣ.**
**Ба хубӣ дар ҷаҳон аъҷубае буд,**
**Ғами ишқаш аҷаб мансубае буд.**
**Масал будӣ ба зебои ҷамолаш,**
**Ҳама олам талабгори висолаш.**
**Агар акси рухаш гаштӣ падидор,**
**Ба ҷунбиш омадӣ сурат зи девор.**
**Чу Юсуф гӯӣ ӯро дар накӯӣ,**
**Худ аз кӯи занахдонаш чӣ гӯӣ.**

Духтари Қаъб аз сари бом базми шоҳро дар боғи биҳиштосои қаср тамошо мекунад ва аз шукӯҳи ҳусни ғуломи бародар, ки соқии базм буду шароб мекашид ва гоҳе рубоб менавохту гоҳ суруд мехонд, дил аз даст ме-

---

*Дар баъзе нусхаҳо Бектош хондаанд. Дар нусхае, ки мавриди истифодаи мо буд, Яктош сабт шудааст. Х. Мирзозода низ Яктош навиштааст.

дихад. Тасвири ҳолати духтаре, ки бо як назар ошиқ мешавад, аз нигоҳи Аттор, гӯё вуруди ногаҳонии оташ ба ҷисм аст, ки бандбанди ҷону танро месӯзад:

**Даромад оташе аз ишқ зудаш,**
**Ба ғорат бурд гоҳе ҳар чи будаш.**
**Чунон он оташаш дар ҷон асар кард,**
**Ки он оташ танашро бехабар кард.**
**Дилаш ошиқ шуду ҷон муттаҳам шуд,**
**Зи сар то по вуҷуди ӯ адам шуд.**
**Зи ду наргис чу абри хунфишон кард,**
**Ба як соат басе тӯфон равон кард.**
**Чунон барканд ишқи ӯ зи бехаш,**
**Ки гӯӣ кард куллӣ чормехаш.**
**Чунон аз як назар дар доми ӯ шуд,**
**Ки шабхобӣ ба рӯз ороми ӯ шуд.**
**Чунон бечора шуд он чорасоз ӯ,**
**Ки менашнохт сар аз пой боз ӯ.**
**Ҳама шаб хунфишону навҳагар буд,**
**Чу шамъаш ҳар замон сӯзи дигар буд...**

Ҳамон се ҳолат, ки дар муқаддимаи қисса дар посухи суоли писар падар ёдовар шуда буд, яъне ғарқ шудан дар дарёи оташ, ашк ва хун ба духтари Каъб рӯй дод. Ҳамин ишқи ҷонсӯз буд, ки тану ҷони ӯро заъф кард ва дар айни ҳол нерӯи бузурги ботинӣ бахшид. Духтар ба дояи хеш рози дил гуфт ва тавассути ӯ мактубе бо нақши рухи хеш ба ҷавон фиристод. Ғулом низ ҳамоно ошиқ шуд, вале ишқи ин ду ба куллӣ аз ҳам тафовут дошт. Барои духтар Яктош фақат баҳонае барои ишқи ҳақиқӣ буд, вале ғулом ги-

рифтори ишқи маҷозӣ буд, ки асоси он бар шахват аст. Ин аст, ки дар мулоқоти нахустин, ки дар даҳлез тасодуфан ба вуқӯъ пайваст, миёни ошику маъшуқа низоъ бархост:

Бидидаш ногаҳон, Яктош бишнохт,
Ки умре ишқ бо нақши рухаш бохт.
Гирифташ домани духтар барошуфт,
Барафшонд остин, в-онгаҳ бад-ӯ гуфт.
Ки хон, эй беадаб, ин чи далерист,
Ту рӯбоҳӣ, туро ҷӣ ҷои шерист.
Ки бошӣ ту, ки гирӣ домани ман,
Ки тарсад соя аз пероҳани ман.
Ғуломаш гуфт, эй ман хоки кӯят,
Чу мегардӣ зи ман пӯшида рӯят.
Чаро шеърам фиристодӣ шабу рӯз,
Дилам бурдӣ бад-он нақши дилафрӯз.
Чу дар аввал маро девона кардӣ.
Чаро дар охирам бегона кардӣ?
Ҷавобаш дод он симинбар он гоҳ.
Ки як зарра на з-ин сирри ту огоҳ
Маро дар сина коре уфтод аст,
Валекин бар ту он корам кушодаст.
Чунон коре, ки ҷои сад ғулом аст,
Ба ту дорам дилу инам тамом аст.
Туро ин бас набошад дар замона,
Ки ту ин корро бошӣ баҳона.
Асоси кӯж бинҳодӣ аз ин кор
Ба шаҳватбозӣ афтодӣ аз ин кор.
Бигуфт ину зи пеши ӯ бадар шуд,
Ба сад дил он ғуломаш фитнатар шуд.

Дар ин лавҳа духтари Қаъб беҳтарин сифатҳои худро аён мекунад. Ғурур, сарбаландӣ, покизагӣ, иффат, покдоманӣ, порсоӣ аз

ҳар ҳаракату ҳар сухани ӯ ба зуҳур меояд. Калимаву ибороти барошуфтан, остин барафшондан, бо ғазаб ба гуфтор омадан ҳамин маъниро ифода мекунанд. Дар сари ғазаб духтар ӯро беадаб, рӯбоҳ ва пасттарин кас меномад ва ишора ба парҳезгориву покизагии худ намуда мегӯяд, ки ҳатто соя ба пероҳани ман наздик намеояд, вале ту, ки аз соя камтарӣ, чӣ тавр ҷуръат намудӣ, ки даст ба домони ман дароз кунӣ? Ғулом, ки то ин дам аз духтар шеърҳои ошиқонаи зиёде гирифта буд, ҳаргиз чунин муносибатро чашмдор набуд ва чун сабаб мепурсад, духтар аҳволи дили худро ба ӯ ошкор мекунад ва мегӯяд, ки ғулом ба ин кор танҳо баҳона аст, на беш аз ин.

Дар поёни ин гуфтор Аттор бурҳоне ба дурустии даъвои худ дар бораи ишқи ҳақиқии духтари Каъб меорад ва ӯро «ориф» ва «ошиқи саъб» номида, аз номи шайхи Маҳна меафзояд, ки:

**Зи сӯзи ишқи маъшуқи маҷозӣ,**
**Набикшояд чунин шеъре ба бозӣ.**
**Надошт ин шеър бо махлуқ коре,**
**Ки ӯро буд бо ҳақ рӯзгоре.**
**Камоле буд дар маънӣ тамомаш,**
**Баҳона омада дар раҳ ғуломаш.**

Лавҳаи дигаре, ки қиссаи ишқи духтари Каъбро идома мебахшад ва гувоҳи табъи равону зеҳни тези ӯст, чунин аст, ки боре духтар дар чаманзоре шеър мегуфт:

**Ало, эй боди шабгирӣ, гузар кун,**
**Зи ман он турки яғморо хабар кун,**

**Бигӯ, к-аз ташнагӣ хобам бибурдӣ,
Бибурди обаму обам бибурдӣ.**

Ҳорис, ки тасодуфан дар ҳамон қарибӣ буд, ин шеърро шунида ба шӯр омад ва духтарак вақти дигарбора хондани шеър бадоҳатан ба ҷои «турки яғмо» «сурхсаққо»-ро гузошт, ки маънии шеърро билкулл кард (духтар дар хона сакои сурхрӯе (ғуломе) дошт, ки об мекашонд) ва Ҳорис аз шубҳаву тӯҳмати худ нисбат ба хоҳар шармзада монд. Аз ибтидо то ҳамин ҷои қисса Аттор се маротиба кашора ба завқи баланду табъи равон ва камоли маҳорати шеъргӯии духтари Қаъб намудааст. Бори аввал дар оғози қисса, дар тавшиносномаи духтар, бори дувум — дар тавсифи ашъори орифонаи ӯ ва ниҳоят, бори сеюм, дар порчаи фавқ, ки Робиа фавран шеърро иваз мекунад.

Давоми қисса боз як сифати духтари Қаъбро ошкор мекунад. Вақте, ки ба Балх душманон ҳуҷум мекунанд, Яктош низ ба ҷанг фиристода мешавад ва дар размгоҳ захмин шуда, ба дасти адӯ меафтад. Айнан ҳамин вақт чобуксаворе дар майдон ҳозир мешавад ва сафи адӯро дарида, мардонагии беназире аз худ ба зуҳур оварда, дар назди Яктош пайдо мешавад ва ӯро аз ҳалқаи душманон берун мекашад. Қасе аз ҷанговарон намефаҳмад, ки ҳамин ҷавонпаҳлавон, ин Гурдофариди сонӣ ҳамон духтари Қаъб аст. Аттор дар ин порча сифатҳои далериву бебокӣ ва ҷонфидоиву олиҳимматии духтарро ба қалам овардааст. Шоир қаҳрамони худро барои баёни сифатҳои ҷанговарӣ чунин ба гуфтор овардааст:

Дар он саф буд духтар рӯй баста,
Зи баҳри ҷанг бар аспе нишаста.
Ба пеши саф даромад ҳамчу кӯҳе,
В-аз ӯ афтод дар ҳар дил шукӯҳе.
Намедонист кас, к-он симбар кист,
Забон бикшоду гуфт, ин ҷоҳилӣ чист.
Ман он шохам, ки фарзандам сипеҳр аст,
Пиёда дар рикобам моҳу меҳр аст.
Агар асп афканам бар натъи гардон,
Ду раҳ тарҳаш ниҳам чун шермардон.
Саре, к-ӯ сар кашад аз ҳукми ин зот,
Ба пои пилаш андозам ба шаҳмот.
Агар шамшери буррон баркашам ман,
Ҷигар аз шери ғуррон баркашам ман.
Чу теғи оташафшонам диҳад бок,
Зи бимаш заҳраи оташ шавад хок.
Чу мори рашҳро дар каф бипечам,
Наёяд ҳеҷ кас дар саф ба ҳеҷам,
Агар сандонам ояд пеши найза,
Шавад аз бими захмаш реза-реза.
Зи захмаш зӯри сандонӣ намонад,
Зи сандонӣ сипандоне намонад.
Чу мурғи тири ман аз зеҳ дарояд,
Зи ҳалқи мурғи гардан зеҳ барояд.
Чу бикшоям камонд аз рӯи фитрок,
Чу бод орам адӯро рӯй бар хок.
Битозам Рахш, бикшоям дари фасл,
Ки ман дар разм Рустам, Рустам аз асл.

Пай бурдан душвор нест, ки ин тасвир аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ об хӯрдааст ва худи муаллиф ҳам ин матлабро ошкоро изҳор мекунад. Ҳамон нигоҳи Фирдавсиёна, ҳамон тасвири пурмуболиға, ҳамон шукӯҳу ғурур ва хашму ғазаби Рустамона ва ҳамон луғоти

майдони ҳарбу зарб бо истифодаи калимоте чун теғ, рашқ, найза, сандон, каманд, фитрок ва ғ., ки манзараи вуруди ҷавонпаҳлавонон-ро ба размгоҳ ба хотир меорад.

Хусусан байти охир қобили таваҷҷӯҳ аст. Аз ин пештар шоир аз миллати духтар ҳарфе ба забон наоварда буд ва инак худи қаҳрамон ба забон омада, бо ифтихори бузурге мегӯяд, ки:

**Битозам Рахш, бикшоям дари фасл,**
**Ки ман дар разм Рустам, Рустам аз асл.**

Дар мисраи дуюм дар оғоз ишора ба мардонагии беназир ва зӯру тавони рустамонаи қаҳрамон рафтааст ва давоми мисраъ ишора ба аслу насаби духтар аст, ки то ба Рустам мекашад. Аммо ҳамин мисраи дуюмро, ки ба расмулхати ниёгон сабт шудааст, чунин хондан низ аз имкон дур нест:

**Ки ман дар разм Рустам растам аз асл.**

Дар ин сурат ҳам ҷавҳари маънӣ бетағйир мемонад. Вуруди ногаҳонии духтар бо рӯи баста ба майдони ҷанг, шукӯҳу бузургии ӯ дар сари асп, бо теғу найзаву рашқ сафи душманро шикастан, дифои ёри азиз симои духтари Қаъбро бештар ба ҳолаи афсона меандозад ва рӯҳи романтикии ҳикояти Атторро боз ҳам пурзӯртар мекунад.

Қабл аз оғози фоҷиа дар қисса боз як порчае ҳаст, ки симои Робиаро аз лиҳози ҳунари шоирӣ мунъакис мегардонад. Сухан аз мулоқоти Рӯдакиву Робиа меравад. Ҳунари воло

ва табъи равони духтар устоди сухан Рӯдакиро дар шигифт мегузорад:

**Ба роҳе Рӯдакӣ мерафт як рӯз,**
**Нишаста буд он духтар дилафрӯз,**
**Агар байте чу оби зар бигуфтӣ,**
**Басе беҳтар аз он духтар бигуфтӣ.**
**Басе ашъор он рӯз гуфт устод,**
**Ки он духтар муҳоботаш фиристод.**
**Зи табъи лутфи он дилдода дамсоз,**
**Тааҷҷуб монд он ҷо Рӯдакӣ боз.**

Дар байти дуюми порчаи фавқ ашъори Рӯдакиро Аттор ба оби зар мушобеҳ кардаасг ва дар мавриди шеъри духтар гуфтааст, ки «басе беҳтар аз он» буд. Пас, тааҷҷуби Рӯдакӣ ҳам аз ҳамин завқу қариҳаи худододи духтар аст. Таъсири ҳамин шигифтист, ки Рӯдакӣ наметавонад Робиаро фаромӯш кунад ва бинобар ин дар маҷлиси шоҳи Бухоро ашъори ӯро ба забон меорад. Шоҳи Бухоро аз нигоҳи Аттор марди фозилу адабпарвар аст, зеро баробари шунидани шеър аз забони Рӯдакӣ муаллифи онро мепурсад ва баҳои баланд медиҳад:

**Шаҳаш гуфто, бигӯ, то ин кӣ гуфтаст,**
**Ки марворидро монад, ки суфтаст.**

Рӯдакӣ дар посух, бехабар аз он ки Ҳорис низ дар маҷлис иштирок дорад, дар бораи духтари Қаъб ва қиссаи ишқи ҷонгудози ӯ ба ғулом ҳикоят мекунад. Аз ин хабар Ҳорис чун мӯй дар оташ мепечад ва баъди баргаштан ба шаҳри хеш фурсати мусоидеро мун-

таъсир мешавад, ки гунохи хохарро дайн карда хунаш бирезад.

Духтар ашъори худро пайваста ба чавон мефиристод ва Якташ ин мактубхоро дар дурчи сарбастае нихон медошт. Рафики Якташ ба умеди он ки дар дурч ганч аст, сари онро боз намуда мактубхоро мехонад ва ба Хорис мебарад:

**Диле Хорис пуроташ шуд аз он роз,**
**Халоки хохари худ кард огоз.**
**Дар аввал он гуломи хосро шох,**
**Ба банд андар фиканду кард дар чох.**
**Дар охир гуфт, то як хона-хаммом,**
**Битобад аз пайи он симандом,**
**Шах он гах гуфт, то аз харду дасташ,**
**Бизад фассодраг, аммо набасташ.**
**Дар он гармоба кард он гох шохаш,**
**Фуру баст аз гачу аз хишт рохаш.**

Аттор дар хамин чои кисса, ки хикоят ба авчи олии худ мерасад, риштаи суханро аз дасти рови гирифта, ручуъ мекунад:

**Биё гар ошикй, то дард бинй,**
**Тарики ошикони мард бинй.**

Мардй дар ишк устуворй ва садокату чоннисорист. Духтари Каъб аз ин санчиш мардона гузашт, тамоми деворхои хаммомро аз шеъри бо хуни дил навиштаи худ пур кард ва сипас миёни оташу ишку хун чон дод. Аттор ба чуз оташи чисмафкани хаммом, ба чуз оташи аслй аз 7 навъи оташи мачозй, ки дар чони духтар шуълаафрўз буд, ёд мекунад:

Даромад чанд оташ гирди он моҳ,
Фурӯ шуд з-он ҳама оташ ба як роҳ
Яке оташ аз он ҳаммоми нохуш,
Дигар оташ аз он шеъри чу оташ.
Дигар оташ зи осори ҷавонӣ,
Дигар оташ зи чандон хунфишонӣ.
Дигар оташ зи сӯзи ишқ, ғайрат,
Дигар оташ зи расвоии ҳасрат,
Дигар оташ зи расвоию сустӣ,
Дигар оташ зи дигар майю мастӣ.
Кӣ бишонад чунин оташ ба сад об?
Киро бо ин ҳама оташ бувад тоб?

Ин ҷо сухан аз оташи шеър, оташи ҷавонӣ, оташи хунфишонӣ, оташи ишқ, оташи ҳасрат, оташи расвоиву сустӣ ва оташи майю мастӣ меравад. Дар мавриди майю мастӣ шоир вожаи «дигар»-ро дубора ҳамроҳ мекунад ва бо ҳамин роҳ фикри хонандаро ба сӯи маъниҳои ирфонӣ мекашад.

Аз ибтидо то интиҳои қисса Аттор борҳо суханро ҷониби калимоти оташ, ашк ва хун бурдааст ва дар поёни қисса ҳамин маъниҳоро аз забони қаҳрамон, ки, бешак, мутасаввиф ва ошиқи бузург аст, чунин ҷамъбаст намудааст:

Се раҳ дорад ҷаҳони ишқ акнун,
Яке оташ, яке ашку яке хун.
Кунун ман бар сари оташ аз онам,
Ки гаҳ хун резаму гаҳ ашк ронам.
Ба оташ хостам ҷонам, ки сӯзад,
Чу дар ҷони ту натвонам, ки сӯзад.
Ба ашкам пои ҷононам бишӯям,
Ба хунам даст аз ҷонам бишӯям.
Аз ин хун гар шавад ин роҳ бозам,

Ҳама ушшоқро гулгуна созам.
Аз ин ашк ин, ки меояд ба рӯям,
Ҳама ношустарӯёнро бишӯям.
Аз ин оташ, ки ман дорам дар ин сӯз,
Намоям ҳафт дӯзахро, ки чун сӯз.
Аз ин оташ, ки тӯфонест хунбор,
Диҳам таълим ёронро, ки чун бор.
Аз ин хуне, ки дарёест гӯӣ,
Даромӯзам шафақро сурхрӯӣ.
Аз ин оташ чунон дорам забона,
Ки дӯзах хост аз ман сад забона.
Аз ин ашкам ду гетиро тамомат,
Гиле дар об гардам дар қиёмат.
Аз ин хун боз бастам роҳи гардун,
Ки то гашт осиёи чарх пурхун.
Ба ҷуз нақши хиёли дилфурӯзам,
Бад-ин оташ ҳама нақше бисӯзам.
Аз ин гарде, ки буд он нозанинро,
Зи ашкам об барбандам заминро.
Чу медорад бутам хунхӯрданам дӯст,
Зи хунам гар ҷаҳон пур гашт, некӯст.
Бихӯрдӣ хуни ҷони ман тамомӣ,
Ки нӯшат бод, эй ёри гиромӣ.
Кунун дар оташу дар ашку дар хун,
Бирафтам з-ин ҷаҳони ҷифа берун.

Дар миёни оташу ашку хун дӯшизае б
пайкари наҳифи худ қаҳрамонӣ мекунад, ка
моли ҷавонмардиву олиҳимматӣ, ҷонсӯзив
ҷонфишонӣ нишон медиҳад. Аз оташи бузур
ге, ки дар вуҷуди ӯст, дӯзахро сабақест, к
чӣ тур бояд сӯзад ва ёронро таълим, ки ч
тур тӯфони хунбор бояд фишонд. Аз дарё
хуни ӯ шафақро сурхрӯӣ ва аз забонаи от
шаш дӯзахро забона тамаъ аст. Ин оташ б

ҷуз нақши хаёли ёр дигар ҳама нақшҳоро месӯзад. Аз ин хун ҷаҳоне пур шавад ҳам, боке нест, зеро ёрро майли хунхорист. Пас, нӯшаш бод то қатраҳои охирин! Ба ин ашк пои ҷононро бояд шуст, ин ашки сӯзон бояд ҳама ифлосиҳоро покиза намуда ва ҳама ношустарӯёнро шуста пешкаши ёр гардонад. Хулоса, ҳамин се ҳолат аст, ки инсон дар ниҳояти азияту ранҷ қарор мегирад, вале ба хотири висоли ёр тамоми мушкилотро таҳаммул мекунад. Оташ, ашк ва хун се чизи комилан мутафовит ва дар айни ҳол хеле шабеҳ ҳастанд.

Оташ пайваста сӯзон аст. Ашку хун низ хосияти сӯзон буданро доранд, вале ин сухан маҷозист: ашки сӯзон ва хуни сӯзон. Оташу хун сурханд, вале ашк низ метавонад сурх бошад, варна аз дида хун боридан ба чӣ маънист? Ҳар кадом аз ин се унсур инсонро дар ҳолати изтироб қарор медиҳад ва якбора ба ҳам омадани оташу хун — шадидтарин ҳолатест, ки бо хаёли ёр бояд пазируфт. Духтари Қаъб сарбаландона рафт ва аз нигоҳи Аттор, чунонки дар муқаддима ишора рафта буд, ба висоли ёр муяссар шуд. Ҳар ҳарфи духтари Қаъб далели худсӯзиву ҷоннисорист.

Баъди марги духтар Яктош аз зиндон халос шуд ва сари Ҳорисро аз тан бурид ва худ ба сари қабри духтар омада дашна ба ҷигар зад:

**Набудаш сабр бе ёри ягона,**
**Бад-ӯ пайваст, кӯтаҳ шуд фасона.**

Аттор ҳикояти худро «фасона» номидааст. Пас, шак нест, ки ҷанбаи тахайюлӣ дар ин

асар хеле қавист. Шояд ин қисса саропо бофтаи худи шайх бошад? Аммо ба ин савол ҳам посухи мусбат додан салоҳ нест, зеро чанд бурҳони қотеъ ва далели мустанад ҳаст, ки ҳақиқати зиндагӣ ва эҷодии ин шоираи нозукадоро дар асри X собит мекунад, ва дар ин мавзӯъ дар боби аввал сухан рафта буд. Ин ҷо ду санади Атторро ба инобат гирифтан зарур аст. Аввал ин ки баъди порчаи мулоқоти Робиаву Яктош муаллиф ба гуфтори шайхи Махна истинод мекунад ва бо ҳамин роҳ ба дурустии даъвои худ хонандагонро мехоҳад бовар кунонад. Дигар — мулоқоти Робиаву Рӯдакӣ. Агар Робиа шахсияти таърихӣ намебуд ва агар муроди шайх аз ин ҳикоят танҳо таблиғоти афкори мазҳабӣ буд, ҳоҷат ба истифодаи исми Рӯдакӣ намемонд. Дар бораи Рӯдакӣ чизе аз худ бофтан шоистаи бузургворе чун шайх Аттор нест. Ҳароина вазъи таърихиву сиёсии Балх, ҷангҳо, кӯмаки амири Бухоро ба амири Балх, тарбия намудани ғуломони турк дар дарбори эрониҳо, иштироки ғуломони турк дар ҷангҳо, дар дарбори амири Бухоро хидмат кардани Рӯдакӣ, дар базму маҷлисҳои амир шеър хондани шоир, марди фозилу шеърфаҳм будани амири Бухоро (эҳтимол, сухан дар бораи Наср ибни Исмоил меравад) ва ғ. далели он аст, ки ҳикоят чандон «фасона» нест.

Ғайр аз ин ғазале дар бораи «боди шабгирӣ», ки дар боби II оварда будем ва мансубияти он ба Робиа боиси тардид шуда буд, бешак, ишорае ба мазмунҳои ашъори Робиа дошт. Ду байте, ки Аттор дар ин қисса аз забони шоира овардааст, айнан ба ҳамон ша-

боҳат дорад ва шояд, дар ҳақиқат низ аз ӯ бошад. Қиёс кунед:

**Ало, эй боди шабгирӣ, гузар кун,**
**Зи ман он турки яғморо хабар кун**
**Бигӯ, к-аз ташнагӣ хобам бибурдӣ,**
**Чӯ ташна кардиву обам бибурдӣ.**

Аттор

**Ало, эй боди шабгирӣ, паёми ман ба дилбар бар,**
**Бигӯ он моҳи хубонро, ки ҷон бо дил баробар бар...**
**Мадор, эй бинти Қаъб, андӯҳ, ки ёр аз ту ҷудо монад,**
**Расан гарчӣ дароз ояд, гузар дорад ба чанбар бар**

Шоири номаълум

Ҷомӣ ва кулли тазкиранависони дигар мӯътақид буданд, ки «Илоҳинома»-и Аттор фасона нест, вагарна дар осори мустанаде чуи «Нафаҳот-ул-унс», «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» ва ғ. шарҳи ҳоли Робиаро зимни ҳамин ҳикоят наменавиштанд.

Ризоқулихони Ҳидоят аз он «фасона»-и шайх Аттор чунон мутаассир шудааст, ки худ низ «Гулистони Ирам» (ё худ «Бектошнома») ном маснавие ба қалам овардааст. Ҷои таассуф аст, ки ин маснавӣ ба даст наомад, то тафовути он аз «Илоҳинома» ва ибтикори муаллиф дар он санҷида шавад.

## «ДУХТАРИ НИҚОБДОР»

Тоҷӣ Усмон қабл аз таълифи повести мазкур, ки соли 1965 ба табъ расида буд, китоберо бо номи «Бисту се адиба» таҳия намуда буд, ки роҷеъ ба зиндагӣ ва ашъори бисту се нафар шоираҳои форсизабон маълумот медод. Сарнавишти талхи Робиа, бешак, нависандаро сахт муассир намудааст ва таха́йюли бадеии ӯро ангеза додааст.

Бештари асноди повестро Тоҷӣ Усмон аз «Илоҳинома»-и шайх Аттор гирифтааст. Тафовути андак дар банду бaсти асар ва тафсилоти воқеа ба назар мерасад. Ҳикояти духтари Қаъб дар «Илоҳинома» оғози афсонавӣ дошт:

**Амире сахт олирой будӣ,**
**Ки андар ҳадди Балхаш ҷой будӣ.**

Ҷараёни вақт ва воқеот ба тартиби хронологӣ паси ҳам омада буданд. Тоҷӣ Усмон ба хотири ҷаззоб намудани оғоз аз силсилаи воқеоте, ки дар ҳикояти духтари Қаъб омадааст, лаҳзаи ҷанги қабилаи шаҳзариҳоро бо амир Ҳорис баргузидааст. Ӯ саравввал маълумоти таърихие дар бораи шаҳри Балх овардa, сипас дар бораи ҳуҷуми душманон ба ин шаҳр хабар медиҳад. Тасвири кӯҳсори Шаҳзар, зиндагии қабилае, ки дар ин мавзеъ умр ба сар мебурд, сифатҳои сардори ин қабила Бодпо ва хостгории ӯ духтари амири Балх Робиаро метавон бофтаи тахайюли нависанда пиндошт. Дигар дар оғози қисса ҳарҷӣ нақл шудааст, аз ҷумла: ҷанги шадиди ду ҷониб, маҷрӯҳ шудани Бектош, ба майдони разм во-

рид шудани духтари никобпӯш ва бо диловариву мардонагӣ ба дили хасм ларза афкандани ӯ, аз миёни душманон Бектошро рабудани савори никобдор ва ғалабаи балхиён бо ҳикояти Аттор мувофиқат дорад.

Пас аз фуроварди қиссаи ҷанг Тоҷӣ Усмон хонандаро бо сабаби моҷаро ошно мекунад. Бемориву марги амири пир Каъб, васияти ӯ ба писараш Ҳорис, қиссаи ишқи Робиаву Бектош, мулоқоти Робиа бо Рӯдакӣ, Рӯдакиву Ҳорис дар дарбори амири Бухоро Наср ва ниҳоят, фарҷоми хунини воқеа лаҳзаҳои хотирнишини ҳикояти духтари Каъб мебошанд, ки пайи ҳам дар «Духтари никобдор» тасвир ёфтаанд. Нависанда, ки дар қолаби шеър побанд набуд, метавонист домани андешаҳояшро ҳарҷӣ фаротар бикашад, бинобар ин ӯ асли воқеаро нигоҳ дошта, тафсилоте ба он илова мекунад, ки аксар аз ишораҳои Аттор бармеоянд. Чунончӣ тасвири боргоҳи амири Каъб, синну сол ва тарзи либоспӯшии духтару писари ӯ Робиаву Ҳорис, симои ғуломи хазонадор Бектош, рафти сӯҳбати персонажҳо ангеза аз нақли Аттор аст. Вале симоҳои сарлашкари шаҳзариҳо Бодпо, дугонаи дилбанди Робиа Меҳрӣ, дояи пири ӯ Шаҳрбону, пиразани меҳрубон Фотима, пирамарди зиндонӣ ва қиссаи мулоқоти Рӯдакӣ бо маллоҳон ва аз дарёи Ому гузаштани ӯ аз он дарак медиҳанд, ки нависанда аз қайди нақли Аттор раҳой ҷустааст, вале шояд зимнан ба воқеӣ будани ҳикояти мазкур бовар доштааст, ки равиши воқеаро бетағйир мондааст.

Дар асари мазкур пораҳои зиёде аз «Ило-

ҳинома»-и Аттор, аз ашъори худи Робиа ва аз тазкираҳо иқтибос шудааст, ки қимати илмиву бадеии онро афзудааст. Повести Тоҷӣ Усмон аввалин асарест, ки пас аз гузашти асрҳо бо сабки тозаву равиши нав симои Робиаро дигарбора зинда мекунад.

## «СУРУДИ НОТАМОМ»

«Суруди нотамом» аввалин асари драмавии Абдусалом Атобоев аст. Ин асар соли 1971 ба қалам омадааст ва дар маркази он рӯзгор ва тақдири фоҷиабори Робиаи Балхӣ қарор гирифтааст. Шак нест, ки Абдусалом Атобоев ҳини офаридани симои Робиа ба «Илоҳинома»-и Аттор такя намудааст, аммо тафовут миёни ин ду асар, ба ҷуз он ки дар навъи адабӣ ба назар мерасад, дар мароми мақсади муаллифон ва дар шинохти симои маънавии Робиа кам нест. Абдусалом Атобоев фақат як пораи пурфоҷиаи зиндагии Робиаро тачассуми бадеӣ бахшидааст, ки ин ҳам бошад, бозгашти Ҳорис аз Бухоро ба Балх, низоъ миёни хоҳару бародар, ишқи Робиаву Озар, фарҷоми талхи ошиқон аст.

Фоҷиа аз 7 намоиш иборат аст ва ҳар саҳнаи он барои ифшои матлабе хидмат мекунад. Дар ҳар саҳна яке аз фазилатҳои Робиа ва ё ягон сифати атрофиёни ӯ ошкор мешавад. Муроди муаллиф офаридани симои бадеии як чеҳраи ҳунарӣ, як духтари покизаву порсо, нармдилу хайрхоҳ ва ошиқи мубориз аст. Барои дарёфти матлаб драмнигор аз назми асри X, аз ашъори Рӯдакиву Робиа ва аз «Илоҳинома»-и Аттор мадад ҷустааст.

Муқоламаҳои Озару Робиа дар шакли шеър таҳия шудаанд. Бо ҳамдилону наздикони худ Робиа ҳамеша дар бораи шеър сӯҳбат мекунад ва пораҳои ашъори тозаи худро барои онҳо қироат мекунад. Моҳнисо, Фотима, Манзура, Озар ва мударриси куҳансол ҳама дилбохтагони ашъори ӯянд, ҳама мехоҳанд ба ӯ кӯмак кунанд. Моҳнисо девони Робиаро таҳия мекунад, дояи шеърпарвар Фотима дар сари тасвирҳову санъатҳои бадеии шеъри Робиа фикр мекунад ва барои рафъи нуқсонҳои шеъри ӯ кӯшиш менамояд, Манзура пайваста шеър мехонад, Озар ашъори Робиаро ба оҳанг даровардааст, мударрис номи Робиаро мехоҳад дар тазкира ҷой диҳад. Аммо дар қатори ин чеҳраҳои адабпарвар одамоне низ кам нестанд, ки шеър барояшон ҳарзае беш нест. Ҳорис, Имом, Имрон, Сайёра бо каҷфаҳмии худ Робиаро ба коми марг тела медиҳанд ва аз ашъори ӯ хулосаҳои нодуруст мебароранд.

Робиаи А. Атобоев соҳиби дили хеле ҳассос аст, худхоҳиву хештанпарастӣ барои ӯ бегона аст. Робиа аз нағмаҳои боди баҳорӣ, ҷилваҳои ранги гулистонҳо, аз қироати ашъори диловези устод Рӯдакӣ ва шунидани суруди марғуби Озар ба ваҷд меояд, вале ҳоли зори занҳои бечора, ки дар зиндонҳо ба ҳалокат мерасанд ва он бенавоёне, ки бар асари офатҳои табиӣ бесарпаноҳ мондаанд, дили дардошнои ӯро бештар азият медиҳанд. Робиа барои дифоъи мазлумон назди бародараш Ҳорис ба зону мефитад, ба амири кабири Бухоро мактуб менависад ва ин кӯшишҳои ӯ нишони адолатхоҳӣ ва нсёнгарист. Ро-

биа наметавонад, ки ба лаб мӯҳри хомӯшӣ занад ва орому беҳис беадолатиҳои рӯзгорро тамошо кунад. Ҳарчӣ мебинад, мешунавад ва эҳсос мекунад, дар шеъраш низ таҷассум мегардонад.

Агар Робиаи Аттор паризоди афсонавие буд, ки ба зоти ҳақ ишқ меварзид ва дӯшизаи парҳезгору ҳақпарасте буд, ки бештар бо сиришти худ ва розу ниёзҳои худ андармон буд, Робиаи А. Атобоев инсонест заминӣ бо эҳсосҳои заминӣ ва ишқи заминӣ. Ӯ гибрифтори масоили иҷтимоиву фарҳангӣ, беадолатиҳои рӯзгор, зулму истибдоди ситампешагони ҳукумат аст.

Дар «Илоҳинома» тасвири пурмуболиғаву пуртавсифи чеҳраҳо, хислатҳо, табиат, муҳит, майдони разм зиёд буданд. Аммо жанри драма ин навъ тасвирро намепазирад. Фақат муколамаву амал аст, ки сурату сирати персонажҳоро ба мо мешиносонад. Аксари лавҳаҳое, ки дар «Илоҳинома» буданд, умуман дипартофта шудаанд ва ё комилан маънии дигар пайдо кардаанд. Аз ҷумла мулоқоти Робиаву Рӯдакӣ, ба майдони ҷанг ворид шудани Робиа ва шуҷоату ҷавонмардии ӯ, дар базми дарбори амири Бухоро ашъори Робиаро қироат намудани Рӯдакӣ, мактубҳои ошиқонаи Робиаро ба Ҳорис бурдани ғулом дар ин фоҷиа сарфи назар шудаанд. Ба ҷои он саҳнаҳои дигар ва персонажҳои худбофтаи наве ворид шудаанд, ки ба ғояи нависанда ва матлаби ӯ созгор омадаанд. Нахуст, қобили таъкид аст, ки ғуломи Ҳорис Яктош, ки хазинадори амир ва соқии базмҳои ӯ буд, дар ин асар чун ҳофизи мумтоз, ки ба амири Балх

аз тарафи амири Бухоро тӯҳфа шудааст, муаррифӣ гардидааст. Дар «Илоҳинома» ва тазкираҳои қадимӣ номи ин ғулом Яктош ё Бектош зикр шудааст, вале А. Атобоев ва маҳбуби Робиа исми зебои тоҷикии Озар додааст ва бо ҳамин аз нажоди ғайр будани ӯро инкор кардааст. Дар асари Аттор ба ҷуз Робиаву Ҳорису Яктош фақат дояву Рӯдакӣ ва як нафар персонажи тасодуфӣ — «дӯсти» Яктош дар амалиёт иштирок карда буданд, дар «Суруди нотамом»-и Атобоев ба ғайр аз Робиаву Озару Ҳорис касоне низ ҳастанд, ки шахсияти ин қаҳрамонҳои марказиро рӯшантар ва муфассалтар шинос мекунанд. Инҳо завҷаи аввали Ҳорис Сайёра, завҷаи дуюми ӯ Манзура, мушовири занҳои ҳарам ва доя Фотима, надими ҳоким ва хазинадори ӯ Имрон, духтари оташпараст Моҳнисо, мударрис, имоми масҷиди боргоҳ, навкарон, пешхидматҳо ва дигарон мебошанд. Ҳорис аз нигоҳи шайх Аттор сараввал ҳокими одил ва некрой буд ва ба қатли ҳамшира даст боло кардани ӯ аз бозиҳои чархи каҷрафтор аст. Ҳатто ӯро чун як нафаре, ки барои тозагии аслу насаби хонаводаи подшоҳӣ мубориза мебарад ва шаъну шарафи оиларо мехоҳад дифоъ кунад, метавон шинохт. Аммо дар «Суруди нотамом» Ҳорис ба хотири манфиатҳои шахсӣ ба хиёнатҳои ҳамсараш чашм мепӯшад, ба халқи бечора зулму ситамро раво медорад, аз рӯи гуфтаҳои Сайёра амал карда, ба хуни ҳамшираи бегуноҳаш зомин мешавад. Ҳорис шахси мустақил нест, дар атрофи ӯ як гурӯҳ дасисабозон, тӯҳматгарон ва иғвогарон ҷамъ омадаанд, ки ҳар кадом ниқоби садоқату ва-

фодорӣ ба рӣй кашида, амирро аз роҳи ҳақиқату адолат дур мебарад. Образи Сайёра ин зани хиёнатгар ва маккораву булҳавас, ки ҳар лаҳза қодир аст ниқоби дигаре ба рӯй кашад, аз дастовардҳои муаллиф аст. Ҳамин Сайёра аст, ки ба қавли худаш, ҳокими аслии Балх аст. Ҳорис бозичаи дасти ӯст. Аммо Робиа бо тамоми назокату нармӣ пеши ҳеҷ кадоме аз ин нохалафҳо сар хам намекунад. Хоксориву сарбаландӣ, нармдиливу оштинопазирӣ аз фазилатҳои шахсии Робиа аст. Муаллиф Робиаро бо ҳар яке аз иштирокчиёни асар ба гуфтор оварда, муносибати қаҳрамонашро ба онҳо нишон додааст. Дар муносибат бо Ҳорис Робиа эҳтироми бародари бузург ва ҳокими шаҳрро ба ҷо меорад ва дар айни ҳол талаботи худро дар бораи кӯмак ба ҷафодидагон бо қатъияти том пеш мегузорад. Бо Манзура, завҷаи ҷавони бародари худ, хеле меҳрубон аст, ба ӯ дарди дил мегӯяд. Ба Сайёра рӯи хуш намедиҳад ва ба разолату пасттинатии ӯ нафрат дорад. Бо Моҳнисо, ки ба Оташкадаи Зардушт баромадааст, аз хусуси рӯзгори тираи занҳо сӯҳбати самимӣ мекунад. «Чӣ қисмати талху шӯр доранд занону духтарони мо,—мегӯяд Робиа — Ё ҳавлии шавҳари ҷоҳил ва ё зиндон».

Моҳнисо: Барои ҳамин ҳам, Робиахонум, ман ба Оташкадаи Зардушт баромадам. Дар паси деворҳо — девори ҳавлӣ, девори шаҳр дилам ба танг омад. Хостам ақаллан як бор дашту саҳрои васеъ, боғу роғ ва осмони кушодро бинам! Чор атроф девори баланду қалъабандӣ, илоҷи ягона Оташкадаи Зардушт. Чанд соате, ки он ҷо будам, ҳеҷ гоҳ

фаромӯш намекунам. Ман рӯҳи нав гирифтам, гӯё суруди гузаштагонамонро мешунидам, дар гирди гулхан ҳамроҳи онҳо рақс мекардам. Ин базми чадиди суғдиён буд.

Робиа: Шумо, Моҳнисо, гумон мекунед, ки дар замони Зардушт девори баланд набуд? Балх қалъаи бузург надошт?

Моҳнисо: Буд, ҳам инаш буд, ҳам онаш буд. Аммо қисмати мову шумо, имрӯз ки мегӯянд: сиёҳсарҳо, очизаҳо ин қадар талху шӯр набуд. Дар замони Зардушт мегуфтанд: «Зан ошиқи гулу саҳрост, ӯро як ҳафта дар хона нигоҳ дорӣ, пажмурда мешавад».

Робиа: «Зан ошиқи гулу саҳрост, ӯро як ҳафта дар хона нигоҳ дорӣ пажмурда мешавад». Дар бобати зан чӣ суханҳои ҳикматнок. (Ба дигар тараф). Ин суханҳои пур аз самимиятро ба имоми бузург бояд гуфт. Охир вай занҳоро дар ҳалқаи чаҳолат нигоҳ доштан мехоҳад. Ҳатто намегузорад рози дили онҳо аз меҳроби дил берун ояд».

Робиа ва ҳамроҳони ӯ дар бораи тақдири кулфатбори занҳои точик, роҳҳои озод намудан ва ба тамаддуни чаҳонӣ пайвастани онҳо зиёд меандешанд.

Дромнигор кӯшиш кардааст, ки Робиаро дар сари кори эчодӣ низ нишон диҳад, тавлиди шеър ва заҳмати таҳрири онро ба қалам орад. Ба ин хотир муколамаи Робиаву Фотима дар сари байти зерин чунин омадааст:

**Шафақро лолагун дидам намози шом дар гардун**
**Магар аз бода сармаст аст, дорад чеҳраи гулгун***

Ҳини сӯҳбати онҳо хонанда аз завқи баланди Фотима ва қобилияти шеършиносии ӯ огоҳ мешавад. Робиа низ ба гуфтаҳои доя хеле бодиққат гӯш меандозад, барои ислоҳи нуқсони шеър кӯшиш мекунад ва байтро такмил медиҳад:

**Шафақро лолагун дидам намози шом дар гардун,**
**Магар хуршедро куштааст, ки дорад домани пурхун.**

Робиа дар сари ҳар ҳарфу ҳиҷо хеле ботаммуқ фикр мекунад. А. Атобоев моро ба корғоҳи адиб ва бо ниҳонхонаи рози ӯ мехоҳад ошно кунад:

**Рабуд аз савсану гул симу зар бод,**
**Зиҳӣ боде, ки раҳмат бод бар бод.**
**Бидод аз нақши Озар сад нишон об,**
**Намуд аз сеҳрӣ Мони сар асар бод.**

Баъди навиштани ин мисраъҳо Робиа дар танҳоӣ фикр мекунад: «Барои чӣ рабуд?» Рабудан ин дуздидан аст. Намехоҳам, ки боди

---

*Муаллиф иштибоҳан ин байтро ба Робиа нисбат додааст. Ин хато дар навиштаҳои дигарон низ, мутаассифона, такрор шудааст, мас., дар қиссаи «Як рӯзи хазонрез»-и Иноят Насриддин.

баҳор симу зарро аз савсану гул дуздида барад. Дар ин ҳолат ҳусни сухан мекоҳад:

**Фишонд аз савсану гул симу зар бод,**
**Зиҳӣ боде, ки раҳмат бод бар бод.**

Аз рабудан фишондан хуб аст. Лекин ин маъниву мисраъ ба дояи сахтгир хуш меомада бошад? Ҳар як мисраву байтро ҳам аз рӯи таносуби сухан ва ҳам аз рӯи мантиқ санҷидан лозим».

Ҳамин тариқ, Робиаи А. Атобоев, як шоираи бедордил ва дардошно, як инсони ҳассос ва мубориз аст, ки бе ҳеҷ гуноҳ қурбони разолату ҷаҳолати аҳли дарбор шудааст. Ҳамин фазилатҳои Робиаро, гумон мекунем, муаллиф дар шахсияти шоираи ҳамзамони худ Гулрухсор дидааст, ки ин асарро ба ӯ эҳдо намудааст.

## «РӮҲИ УРЁН»

Гулрухсор воқеан ҳам шоираи соҳибистеъдод ва нозукхаёл аст. Ӯ бо сабки хоси худ, бо рӯҳи исёнгару саркаш ва навпардозиҳои шоирона дар назми муосири тоҷикӣ кайҳо ҳамчун як эҷодкори тавоно, баҷуръат ва тозагӯ шинохта шудааст. Ӯ муаллифи маҷмӯаҳои «Оташи суғд», «Оинаи рӯз», «Хонаи падар», «Бунафша», «Дунёи дил», «Гаҳвораи сабз», «Рӯҳи Бохтар» ва дигарҳост. Дар наср

низ ҳунар озмудааст. Романи «Зангни сабз-баҳор» натиҷаи андешаҳои доманадори нависанда дар бораи тақдири пурфоҷиаи занони тоҷик аст. Достонҳои «Шабдарав», «Рӯҳи урён», «Мотами сафед» ва «Сипар» аз вусъати андешаҳои шоир ва диди фалсафии ӯ дарак медиҳанд.

Фоҷиаи зиндагиву марги Робиаро Гулрухсор дар достони «Рӯҳи урён» соли 1986 ба қалам овардааст. Чунин ба назар расид, ки офаридани симои Робиа барои Гулрухсор ҳам осон буд, ҳам душвор. Осон аз он ҷиҳат, ки Гулрухсор бо рӯҳи бешикасту саркашу исёнгари худ, бо оташи ботиние, ки пайваста дар ниҳонхонаи дилаш забона мезанад, бо табъи худододи шеърофаринаш ба қаҳрамони худ шабоҳат дорад. Пайванди рӯҳиву маънавии ин ду нафарро, ки фосилаи зиндагиашон беш аз 10 қарн аст, қарин гардонидааст. Гулрухсор дар тасаввури хеш дар ин достон гӯё рӯҳи эҳёшудаи Робиа аст, ки баъди 1100 сол сабаби марги худро ба таҳқиқ мегирад ва бардоштхое аз ин зиндагиву марг барои худу ҳамзамонон ҳосил мекунад. Ин аст, ки Робиа барои Гулрухсор як навъ воситае, барои хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ, барои ифодаи розу ниёзҳои замони рукуд ва маҳкум намудани санохонии бегонапарастон буд. Душвории кор дар он буд, ки офаридани симои ашхоси таърихӣ ба дӯши адиб масъулияти бузург вомегузорад. Сарфи назар кардани маълумоти осори мустанад ва ё такрори дилбазани он, ҳамчунин дар тахайюли худ бофтану сохтани симое, ки дур аз воқеият аст, ҳам бар зарари адиб ва ҳам бар зарари адабиёт

аст. Ин нуктаҳо барои Гулрухсор аён будаанд, ки ӯ аз ҳар се роҳ дурӣ ҷустааст ва ба таълифи асари комилан навоваронае муваффақ шудааст. Шоира ибтикоре аз худ ба зуҳур оварда, бунёди достони хеле бар рамз ниҳодааст. Зоҳиран Гулрухсор аз навиштаҳои шайх Аттор ва А. Атобоев чандон дур нарафтааст: ҳамон бародари хоҳаркуш Ҳорис, ҳамон Робиаи ҷигарсухта, ҳамон ҳаммоми оташфишон ва ҳамон дояи дардошнову синачок. Аммо ин ҳама заминае барои нақли оддӣ нашудааст, сужети асар ногуфтаҳои зиёдеро дар худ ғунҷонидааст. Гулрухсор бештар бар «Суруди нотамом»-и А. Атобоев такя кардааст. Чунон ки ба мушоҳида расид, ҳам асари Атобоев ва ҳам достони Гулрухсор як фосилаи кӯтоҳи зиндагии Робиаро, аниқтараш фарҷоми талхи ин зиндагиро аз бозгашти Ҳорис то марги Робиаву Озар фаро гирифтаанд. Асари Атобоев иборат аз 7 намоиш буд, Гулрухсор низ достони худро «Ҳафт суруди носурудаи Робиа» номидааст. Маҳбуби Робиаро Гулрухсор низ Озар ном додааст, ки ба матлаби шоира хеле мувофиқ аст ва аз ин хусус поёнтар сӯҳбат карданием. Ва ниҳоят, агар А. Атобоев фақат ишорае ба ихлоси Робиа нисбат ба оташпарастон дошта бошад, Робиаи Гулрухсор борҳо ин нуктаро чун мазҳаби худ таъкид мекунад ва аз ин нуқтаи назар асари Гулрухсор ба ҳикояти шайх Аттор комилан муқобил аст. Робиаи шайх Аттор мутасаввиф буд, вале Робиаи Гулрухсор зардуштпараст аст, аммо хеле ҷолиб, ки дар ҳарду асар ҳам эътиқод ба мазҳаб нишони имону виҷдони пок, нишони порсоиву покиза-

гӣ, нишони бузургии рӯҳи саркашу мубориз аст.

Рамзе ҳаст, ки ҳар се асарро ба ҳам мепайвандад, рамзи оташи пок, оташи аслӣ ва маҷозӣ. Шайх Аттор ҳини нақли ҳикояти духтари Қаъб борҳо аз ин оташ ёд карда буд. А. Атобоев вусъати маънии оташро бо исми Озар ва симои Моҳнисои оташпараст дуртар кашидааст, Гулрухсор саропои достонро бар оташ манут намудааст. Ин оташест, ки ҳам тан дар он месӯзаду ҳам ҷон. Ин оташест, ки ҳам дар вуҷуд асту ҳам дар суҷуд. Маҳбуби Робиа низ бесабаб Озар ном нагирифтааст. Озар дар фарҳангҳо ба чаҳор маънӣ омадааст:

1. Оташ
2. Сӯзу гудоз, дард, ғам
3. Оташи муқаддас, ки дар болои он Оташкада месохтанд. Дар аҳди қадим 7 Оташкадаи машҳур будааст, ки ба 7 сайёра нисбат дода шуда, номҳои махсус доштанд: Озармеҳр, Озарнӯш, Озарбаҳром, Озароин, Озар Хурдод, Озарбарзин, Озари Зардушт
4. Номи падари Иброҳим пайғамбар, ки бутгар ва ҳайкалтарош будааст.

Озари Робиа на танҳо ғуломи ромишгар аст, балки мояи ишқу муҳаббати ӯ ба оташи бузурги ниёгон, ифодагари дарду алам, сӯзу гудози дили пурҳасрати ӯ боиси дилбастагиаш ба зиндагӣ ва сабаби маргаш аст. Ин ҳамон оташи муқаддас аст, ки гоҳе ҷоннавоз, гоҳ ҷонгудоз аст ва ин оташи пурқудрат метавонад ҳандазанон тамоми баҳру барро ба коми худ фурӯ кашад.

Достони Гулрухсор тарзи устухонбандии қолибе дорад. Боби нахуст «Оғоз» аст, ки дар он амири кабир ва некройи Бухоро шоҳи бузурги давлати Сомониён, ҳокими Балх Ҳорисро назди худ мехонад ва ӯро ба инсофу сулҳ бо хоҳар ташвиқ мекунад. Вале Ҳорис дар зоҳир итоату дар ботин оташи қаҳру никор ба Балх бармегардад ва хоҳарро бо фиреб, ки гӯё арӯсиаш мебаранд, ба ҳаммоми оташбор меафканад. Дар интиҳои достон бобе ба унвони «Анҷом» омадааст, ки аз аҳволи қалби доя баъди марги Робиа ҳикоят мекунад. Миёни оғозу анҷом 7 боб аст, ки ҳар кадом як ҳолати Робиа ва як муаммои замони моро боз мекунад. Шумораи ҳафт мавриди андешаву тааммуқи фалсафист. «Ҳафт» — рақами рамзист, ки аҷдодони мо ба хосияти неки он бовар доштанд: ҳафт қабати замин, ҳафт қабати осмон, ҳафт зинаи ба ҳақ расидан дар тасаввуф, ҳафт сину ҳафт шин дар дастурхони наврӯзӣ, ҳафт пайкар, ҳафта ва ғ. Ба ҳамин далел аст, ки Робиаи Гулрухсор аз 7 оташ — ҳафт ҳуҷраи ҳаммом мегузарад, ҳафт пироҳани арӯсии худро аз тан мекашад ва ҳафт суруд — ҳафт рознома ба забон меорад. Бояд гуфт, ки ҳаммом дар тасвири Гулрухсор ҷои муқаррарии саршӯӣ нест, вагарна худ ба худ кушода шудани дарҳо ва баста шудани онҳо ва гоҳе тамоман бе дару равзана будани ин ҳаммом аз чист? Ҳафт ҳуҷраи ҳаммом — ҳафт зинаи худшиносист, ки Робиа онҳоро тай мекунад ва ба мартабаи инсони комил мерасад.

Ҳафт пироҳани рангоранг қабои тан нест, либоси рӯҳ аст, ки дар ҳар ҳуҷра яке поён

мефитад ва дар поёни достон, ниҳоят рӯҳи урён боқӣ мемонад. Ба ҳамин сабаб аст, ки достони худро Гулрухсор «Рӯҳи урён ё ҳафт суруди косурудаи Робиа» номидааст.

Акнун дар сари сурудҳое биандешем, ки Гулрухсор аз забони Робиа гуфтааст. Дар достон порчаҳои назму наср ба ҳам омадаанд. Дар порчаҳое, ки ба наср таълиф шудаанд (ғолибан, ин насри мусаҷҷаъ аст, ки фикр дар он фишурдаву мухтасар ва баён мавзуну хушоҳанг аст), муаллиф хати сюжетро кашидааст. Яъне дар ин порчаҳо нақли лаҳзаҳои вопасини зиндагии Робиа, муколамаҳои мухтасаре бо падар, бародар ва доя омадааст. Дар порчаҳои шеърӣ бошад, нақл нест, ин ҷо фақат эҳсос аст ва андеша. Фикри пурвусъати шоира хонандаро сӯи мафҳумҳои башариву миллӣ мекашад, аз афсонаи осмонии фоҷиабор барканда ба ҳақиқати заминии пуралмтар бармегардонад.

Вақте ки Робиа ба ҳуҷраи аввалини гармоба ворид мешавад ва либоси сафеди арӯсиро аз тан мекашад, дилаш пур аз сururу шодмонист: «Арӯси бо муроди худ танҳомонда бо оҳанги орзуҳояш, ки дар дил намеғунҷиданд, арғушт рафт. Таронаи мавзунашро ғӯё ҳурони осмон мехонданд. Ба бахти сахташ, ки гӯё хоби бедориро мемонд, ҳанӯз бовар намекард. Баъди хориву зориҳои ҷонкоҳ духтар канизаки якбора ба маликагӣ расидагиро мемонд. Шохаи пажмурдаи эътиқодаш нисбати ҳақиқати оламу адолати одам аз нав нумӯъ кард:

Зи бахти накди худ,
Аз марги ҳиҷрон,
Занам табли зафар то чархи ахзар,
Нигоҳи бепаноҳи ман наҷўяд,
Ба ҷои Озарам аз хок ахгар.

Робиа, ки аз фанди бародар бехабар аст, адлу дод ва ҳақиқату адолатро бар маснади худ нишаста дид ва ба тамоми оламу одам муҳаббати худро нисор кард:

Дами он аст, ки аз ҷузви ҷиҳозам,
Бубахшам ҳадяе аз рӯи ҳиммат,
Ба арши оқилон наҷми наҷобат,
Ба фарши ҷоҳилон сели фалокат.
Барои нотавонон қудрати рӯҳ,
Барои дӯстдорон сабри ширин,
Вазири одилу оқил шаҳонро,
Раиятро тавону тобу тамкин.
Занонро ҳусни шарму покии ҳур,
Ба мардон мардии виҷдон бихоҳам,
Ба тифлон серии оғӯши модар,
Ба пирон мурдани осон бихоҳам.

Агар суруди якум суруди пирӯзии адлу дод ва ифшои муҳаббати як комгоре ба кулли инсонҳо бошад, дар суруди дигар ситоиши ишқу муҳаббат омадааст, ки инсонро бузург мекунад ва ба ҳадди камолот мерасонад:

Туро мекофтам инсони комил,
Раҳиму роздону раҳнаморо
Туро мекофтам дар хоки ғамнок,
Расули хокии доди худоро.

Ишқ ба Озар ишқ ба худое буд, ки Робиа аз инсон дар хаёлаш офарид ва ба ӯ чун сояи худо дар замин саҷда кард:

**Сари бесарвару исёнпарастам,**
**Чу чарха бесаробон чархзан буд,**
**Худое, ки зи инсон офаридам,**
**Муроди ман, худои меҳри ман буд.**

Дар суруди дуюм Робиа мафҳуми ишқро барои худ тафсир менамояд:

**Муҳаббат чист?**
**Оташгоҳи дилро**
**Зи сӯзи ҷоннисорӣ шӯъла додан,**
**Ба қаъри бетаги анҳори кайҳон,**
**Ба сар аз арши хокистон фитодан.**

Суруди сеюм гуфтугӯ бо худ дар танҳоӣ аст. Робиа ин ҷо дар бораи инсон ва мақсуд зи офариниши ӯ андеша мекунад. Мехоҳад асли пайдоиши худро, насабу мазҳаби худро, сабаби ба ин дунё омадану ин қадар зуд ва бо ҳазор дарду алам рафтанашро дарёбад. Ин суруд андешаҳои худшиносиву башаршиносии шоира аст, ки дар ҷавобаш боз ҳамон байти Ҳофиз ба ёд мерасаду бас:

**Сухан аз мутрибу май гӯву рози даҳр камтар ҷӯ,**
**Ки кас накшуду накшояд ба ҳикмат ин муамморо**

Воқеан, мо кистем ва ҷаро омадем?

**Кистам ман,**
**Зи куҷо омадаам?**

**Ба чӣ шуғлеву чаро омадаам?**
**Тифли нурам зи фазо омадаам,**
**Зи қазо бахши ҷазо омадаам?**
**Зарраам,**
**Зарраи хоки сияҳам,**
**Дар кафи боди хазон барги каҳам**
**Зиндагонӣ на мукофот бувад,**
**Бо аҷал балки мунoҷот бувад.**
Зиндагӣ саропо суол аст, суоли беҷавоб:
**Аз чӣ аз нур ба нурам набарад,**
**Балки аз гӯр ба гӯрам бубарад?**
**Сода бар даҳри муҳол омадаам,**
**Соилам,**
**Худ чу суол омадаам!**

Дар ҳуҷраи чаҳорум Робиа хилъати гулобирангашро кашид ва ҷигарбирён об ҷуст, аммо дар кӯзаҳо ба ҷои об оташ ёфт. Дарёфт, ки ӯро маҳз барои ихлосаш ба Оташ ба коми оташ андохтаанд. Чеҳраи нуронии падараш дар оинаи назараш намоён шуд. Бо ӯ аз нангу номус ва ҳақиқату адолат сухан гуфт. Падар гуфт, ки аз исёни худ пушаймон набошад. Аммо дояи меҳрубон, ки ба ҷои модараш буд, пайваста аз пешомади шум дилаш меларзид:

— Бо сари сабзат бозӣ накун, духтарам!— мегуфт

— Сари зиндаи беор ба дор бод! Зиҳӣ сари буридаи номус! — мегуфт духтари бебок

Суруди чаҳоруми Робиа дар ситоиши нангу номус аст. Нангу номуси инсон ва нангу номуси миллат ба ҳам пайвастааст ва муроди муаллиф тасвири як фарди пурандеши тоҷик ва ё миллати тоҷик танҳо дар қарни X нест.

Тахтулмаънои баъзе бандхо фикри пуршӯри шоири қарни XX-ро ифода мекунад:

**Ҳокими ҳамхуни ман нанги ман аст,**
**Душмани таъриху фарҳанги ман аст,**
**Тавсани давлат бувад побанди ӯ,**
**Домани номус дар чанги ман аст.**
**Аспи мо дар куррагӣ лангон шудаст,**
**Себи мо дар ғӯрагӣ резон шудаст,**
**Аслӣ мо дар насли мо нодон шудаст,**
**Чун замона хуни мо вайрон шудаст.**

Инсони комил будан, сарбаланд зистан, аз марг нахаросидан мароми зиндагии шоира аст:

**Марг умре дар ҳароси зиндагист,**
**Ман зи бими марг ларзон нестам,**
**Баъди сад асри дигар эҳё шавам,**
**Мезиям ин сон? —**
**Чу инсон зистам!**

Робиа бовар мекунад, ки рӯзе ба ҷои ӯ духтари дигаре ба майдони назм меояд ва онҷӣ ӯ гуфта натавонист, мегӯяд, зеро марги як нафар ҳанӯз марги миллат нест, марги як шоир марги шеър нест:

**Баъди ман чун пуштаи озоркаш,**
**Гунбаде рӯяд бари кӯҳи Ватан,**
**Шеърҳои дар лаби ман куштаро,**
**Духтаре охир бигӯяд ҷои ман.**

Дар тасаввури муаллиф ва ба ақидаи мо, шеърҳамон духтари оташниҳоди исёнгар, ки шеърҳои нагуфтаи Робиаро гуфтанист, худи Гулрухсор аст.

Дар ҳуҷраи панҷум Робиа аз забону ҳоли миллати забонгумкарда меандешад. «Бе забон на кӯҳ ҳасту на дарё, на гаҳвора, на тобут, на зот, на бунёд. Бунёди миллат забон аст... Безабонии тифле ҳузновар, безабонии қавме марговар аст. Вой бар ҳоли миллати безабон! Миллат чист? Миллат меҳроб аст. Меҳроб чист? Меҳроб кӯшиши худосозӣ дар замин аст». Ҳамин андешаҳои гаронбор аст, ки дар суруди панҷум Робиа хулоса мебардорад:

**Гаҳи кӯтаҳдамиҳои сақарот,**
**Ҳарзаи лафзи дигар гӯш кунед,**
**Асли худ**
**Насли худу модари худ**
**Чу пакаргашта фаромӯш кунед.**
**Баски чашми дили эшон кӯр аст,**
**Ҳарчӣ бегона бувад, манзур аст,**
**Ҳарчӣ аз хеш бувад, ғеш бувад,**
**Ҳарчӣ торик бувад, пурнур аст.**
**Аз чунин буда набудан авлост,**
**Аз чунин зиндагӣ мурдан авлост.**

Садои дили Робиа дар айни ҳол нолаи Гулрухсор ҳам ҳаст. Ҳамзабонону ҳамнажодони мо тӯли 70 соли ҳокимияти Шӯравӣ қариб буд забони худро аз даст бидиҳанд. Кӯшиши чанд тан аҳли қаламу аҳли илму фарҳанг буд, ки мубориза баҳри эҳёи забон ҷон гирифт, вагарна марги миллат ногузир буд.

Дар ҳуҷраи шашум Робиа донист, ки ғалабаи марг бар зиндагӣ наздик аст. Асрори марги даҳшатнокашро дарк кард. Дарёфт, ки ишқи ғуломи ромишгар танҳо пардаест дар

рӯи сиёсати ҳокиму ҳукамо, ӯро рӯҳи исёнгараш ба оташ додааст. Сӯхтанаш ногузир аст.

**Ба оташ дода Оташро**
**Намедонанд ҷоҳилҳо...**
**Агар рӯбанд нақшамро зи рӯи хок бӯронҳо,**
**Ба роҳам тифлаки нозодаи ман раҳсипор гардад.**

**Маро ин сӯхтан нав нест,**
**Сӯзам кам зи машъал нест,**
**Ману Оташ, —**
**Ду ҳамзодем,**
**Ман аз хокам,**
**Вай аз афлок.**

Тани Робиа бо марг муросо кард, вале рӯҳаш ҳамоно мубориз буд, бешикаст буд, пеши марг ҳаросе надошт:

**Ман он кӯҳам, ки аз сад зилзила як раҳ намеларзам,**
**Ман он рӯҳам, ки дар оташгаҳи габрон намесӯзам,**
**Ман он ҳурам, ки чун деви сиёҳӣ чодар андозад,**
**Ба қасдаш аз алови ҷони худ гулхан биафрӯзам.**

Робиа барои халқи худ ормонҳое дар дил дошт, ки мебоист амалӣ мегардонид, аммо сад дареғ, ки хасоташи ҷаҳли замони худ шуд:

**Агар хасоташи ҷаҳли замони худ намебудам,**
**«Авесто»-ро барои ворисон инъом медодам,**

**Ва тифлеро, ки месозад зани мирандаро бемарг,**
**Ҳамезодам зи нанги хешу Тоҷик ном медодам!**

Охирин суруди Робиа руҷӯъ ба халқ аст, номаест ба номи фардо. Шоира амин аст, ки номаи ӯ фардо фаҳмотар хоҳад шуд:

**Халқи ман,**
**Сантӯри беовози ман,**
**Нанги ман,**
**Номуси кайҳонбӯси ман,**
**Рӯҳи ман,**
**Парвардигори холиқам,**
**Байти нангу ори ту — қомуси ман,**

**Ҳокимон аз ранҷи ту ишрат кунанд,**
**Худ вале бечораву оворай,**
**Пастро боло зи худ биншодай,**
**Гарчи худ болотарин сайёрай.**

Ин садое, ки Ғулрухсор ба гӯши мо аз қаъри қарнҳо расонидан мехоҳад, магар садои худи ӯ нест, оё дарди замони мо нест?! Бале, ин ҳамон фоҷиаи ҳамешагии тоҷикон аст, ки пайваста:

**Бесаронро сарвари худ соҳта,**
**Мекашӣ бори ҳавасҳошон гарон,**
**Ҷоҳил аз оқил ҳунарвар будааст? —**
**Эй муросо,**
**Эй мадоро,**
**Ал-амон**
**Рӯзадори нони дастурхони худ,**
**Гушнаиву шукри серӣ мекунӣ,**

**Мӯзадерон бар сарат по мениҳанд,**
**Бандай, даъвои мирӣ мекунӣ.**

Воқеан ҳам, магар ҳамин «халқи тоҷдор» набуд, ки арабҳову туркҳо, муғулҳову русҳоро болонишин кард, итоаткорона пеши онҳо сар хам намуда, тамоми сарвати хешро песар хам намуда, тамоми сарвати хешро пеши пои онҳо рехт, бурдаи охирини нони худашро ба даҳони онҳо гузошт ва худ шукри серӣ кард.

Гулрухсор диди амиқи таҳлилӣ дорад ва хулосаҳои бадеии ӯ пурмӯҳтавоянд:

**Лолии як фард дорад ҳузну дард,**
**Лолии як қавм лафзи ваҳшат аст,**
**Кӯрии як фард ҷурму иллат аст,**
**Кӯрии як қавм чашми даҳшат аст.**

Бардоштҳои шоирона, кӯшиши дар ҳаҷми кам ҷой додани маъниҳои зиёд, баёни рамзӣ, ифодаи зермаъниҳо дар ашъор хоси сабки Гулрухсор аст. Бештари асарҳои Гулрухсор бозгӯи фоҷиаест. Марги Робиа ҳам аз фоҷиаҳои бузурги миллат аст. Аммо суруди вопасини Робиа нуқтаи охирини пеш аз марг нест, бинобар ин аз умқи сиёҳиҳои ин фоҷиаи қарни Х нури сафеде берун мезанад:

**Ман шикастам, —**
**Хомаам нашкастааст,**
**Номаи исёни ман ноҳонда аст,**
**Ишқи ман аз бегуноҳӣ сӯхт, сӯхт,**
**Тифли ман дар батни миллат мондааст.**

Ҳамон хомаи нашкаставу номаи исёни нохонда ва тифли ҳанӯз аз батни миллат ба

дунё наомада умеди моро ба фардо қавӣ мекунад. Ин банди охирини суруди Робиа бовар мекунонад, ки ҳамон фардои нек барои миллат рӯзе ҳатман мерасад.

Достони Гулрухсор аз беҳтарин ва пурғунҷоиштарин асарҳоест, ки дар бораи Робиа офарида шудаанд. Зикри дастовардҳои муаллиф то ин ҷо борҳо ёд шуд, вале қобили қайд аст, ки дар ин достон на ҳама матолибу нукот бебаҳс пазируфтанист. Чунончӣ, Робиаи мутасаввифро оташпараст ба қалам додан ба илали куллан иваз шудани эътиқоду имон ва таъсири амиқи он ба шахсият, хусусан, ки сухан дар бораи шахсияти таърихӣ меравад, салоҳ наменамояд.

Нуктаи дигар он аст, ки аз достон бештар овози худи Гулрухсор мерасад, на садои Робиа. Ба назари мо, шакли шеърии арузи озод, бархудорӣ аз сабки ҳиндӣ, ки хоси каломи Гулрухсор аст, достони ӯро комилан мутобиқи замони мо кардааст. Сабки хуросонӣ, ки дар қарни Х интишор ёфта буд, бо содагиву самимияти баён, бо калимоти вежаи худ ва мавзӯоти мутадовили замон, аз ҷумла мазомини ашъори худи Робиа куллан сарфи назар шудааст, ки шояд ба манфиати кор набошад бо вуҷуди ин асарест хонданӣ хотирнишин ва пурбор.

## «РОБИА, ДУХТАРИ КАЪБ»

Аз навиштаҳое, ки муосирони мо дар кишварҳои ҳамзабон оид ба зиндагиву шахсияти Робиа рӯи сафҳа овардаанд, асари адиби эронӣ Носири Наҷмӣ «Робиа, духтари Каъб»-

ро дар даст дорем. Носири Нацмӣ низ ғолибан аз «Илохинома» мадад чустааст, вале аз ҳар ҳарфу ҳар тасвир, ки мамлу аз самимияту ихлос ва муҳаббати як адиби муосир ба фарниёи бузурги хеш аст, нишонаҳои сабки фардии ӯ, табъи шоириву қалби музтарибаш собит мешавад.

Чун муроди мо баррасии комили асар нест, ба сари матолиби асосӣ меоем ва мулоҳиза мекунем, ки симои Робиаро нависанда чӣ гуна шинохтааст, чӣ ибтикоре ба зуҳур овардааст ва кадом хусусиёти бадеӣ асари ӯро аз навиштаҳои дигарон мумтоз мегардонад.

Ёдовар мешавем, ки «Илоҳинома» дар шакли маснавӣ, «Сурӯди нотамом», — драма (фоциа), «Рӯҳи урён» — достон таълиф шуда буданд. «Робиа, духтари Қаъб»-и Носири Нацмӣ дар жанри повест таълиф шудааст. Дар асари Носири Нацмӣ хусусиятҳои ин навъи адабӣ, аз чумла мавчудияти як воқеаи том, хатти устувори сужет, зиддияти мураккабу тӯлонӣ, портрети равшани қаҳрамони марказӣ, хислатҳои шахсии персонажи асосӣ ва омилҳои ташаккулу инкишофи он, тасвири муфассали манзараву муҳит ба назар мерасад. Тарзи нигориш хеле муассир ва пурҳаяцон аст. Тавсифу ташбеҳҳои фаровон назари шахсии нависандаро ба объекти тасвир равшан намуда ба асар рӯҳи романтикии пуризтироб бахшидаанд.

Аксари лаҳзаҳои зиндагӣ аз «Илохинома» интиқол шудаанд, чунончи иштироки Бектош дар чанг ва ба кӯмаки ӯ расидани Робиаи ниқобпӯш, базми амири Бухоро ва дар он ашъори Робиаро қироат намудани Рӯдакӣ,

бозгашти Ҳорис аз Бухоро, ба чоҳи Даҳшат нишондани Бектош, дар ҳаммоми сузон раг задани дасти Робиа, халосӣ, ёфтани Бектош аз зиндон, Ҳорисро куштани ӯ ва дар охир худкушии Бектош.

Аммо чанд тасвири худбофтае дар ин қисса ҳаст, ки ҳикояти духтари Қаъбро ҷаззобтар намудааст. Нахуст, аз оғози қисса бояд ёдовар шуд. Дар ибтидои асар Робиа аз назди пири ғайбгӯ Атруш, ки дар хонаводаи Қаъб аз миёни наздикону қарибон сар кашидани мори заҳрнокро пешгӯӣ карда буд, бо ҳиссиёти мағшуш ва як ҳаросу нигаронии изтиробангез мебарояд. Идомаи қисса то фарҷоми талхи зиндагии Робиа дар ҳаммом хонандаро дар ҳамин ҳоли ҳаросу нигаронӣ бозмедорад.

Ҳориси Носири Наҷмӣ аз ибтидои асар то анҷоми он шабеҳи Аҳриман аст, ки ҳар ҷое равад, нақши хунине аз худ мегузорад. Ӯ бо кӯмаки коргузори махсуси худ Саҳлук падараш Қаъбро заҳр дода куштааст. Феълан навбати хоҳар расидааст, хоҳаре, ки соҳиби истеъдоди зоидулвасф, завқу қариҳа, тавонони рӯҳ ва шуҷоат аст. Аммо ҳамин хоҳар аст, ки айши ӯро бо забони ҳақиқатгӯяш талх мекунад, ҳамин хоҳар аст, ки аз қиссаи падаркушии ӯ пай бурдааст, ҳамин духтар аст, ки барои ҳазорон нафар аҳли Балх фариштаи раҳмат ва мазҳари хушбахтию умед, баёнгари розу ниёз ва дарду ормонҳои ҳуфта аст.

Вуруди ногаҳонии ишқ ба дили Робиа на танҳо ҷонаш, балки танашро низ ба қабзаи оташ меафканад. Робиа ба бистари маризӣ афтода дар оташи ҷонфарсои табу тасф месӯ-

зад ва Ҳорис табиби махсус ва мӯътамади дарборро бо дастури хосса ба сари болини хоҳар мефиристад, то ки ин чароғи пурнуру равшаноибахшро хомӯш созад. Вале Робиаи зирак аз мақсади ниҳоии бародари касиф ва хуношоми худ воқиф шуд ва нақшаи ӯро барбод дод.

Раъно, надимаи махсуси Робиа, ки духтари дардошно содику вафодор ва фидокоре буд, бо суханҳои тасаллибахши худ ба рӯҳи хаставу дардманди Робиа нерӯ мебахшад, номаи Робиаро ба Бектош мерасонад ва мулоқоти нахустини ошиқон тавассути кӯшишҳои ӯ сурат мегирад. Номаи Робиа бо ҳама парҳезгорӣ ва хештандорӣ, пур аз ҳарфи муҳаббат буда, дар он муаллиф парда аз рози бузурги ниҳонхонаи дил бардошта буд. «Эй ҷавоне, ки дили маро асири худ сохтаӣ, ман намедонам, вақте ин нома ва ашъори замимаи онро мехонӣ, чӣ навъ эҳсосоту авотифе ба ту даст медиҳад, ва ҳамчунин намедонам, оё ин шӯълаҳои саркаш, ин қалбамро оташ зада ва саропои вуҷудамро сӯхта ва чизе намонда аст, онро хокистар кунад. туро ҳам метавонад гарм кунад ё не? Ва агар бидонам, бар хилофи андешаҳои ҷонгазое, ки монанди тирҳои заҳрогин ранҷу шиканҷаам медиҳад, ту ҳам маро дӯст медорӣ ва ин ишқ ба дили ту ҳам роҳ пайдо кардааст, он вақт парвардигори бузургро шукр мегузорам ва дар худ оромишу лаззате беназир эҳсос мекунам, лаззату оромише, ки ҳамвора дар пешгоҳи худованд ва ҳангоми розу ниёз бо эзиди маннон аз он баҳраманд будаам».

Номаи шӯрангези Робиа мундариҷаи пур-

сӯзе дошт, ки шахсияти муаллиф ва ҳоли дили ӯро боз мекард.

Шахсияти Робиа ҳамчунин дар мушоираи шоирони Балх хеле рӯшан зуҳур мекунад. «Калимот ва суханҳои нешдору муассир ва пур аз кинояи ӯ, ки дар оғоз бо қасидае ҳамроҳ буд, ҳамон амалро бо аркони толор мекард, ки амвоҷи шадид бо сатҳи об менамоянд. Робиа пас аз он ки қасидаи пуркинояи худро, ки тамоми мазоминаш ба таври ишора ҳамлаи шадиде алайҳи Ҳорис буд, қироат намуд, бо эроди нутқи пуршӯре, ки бо ҳикоят ва афсонаҳо ва шавоҳиду мисолҳое аз мазолиму ситамгариҳо ва хунрезиҳои бедодгарони таърих ва ваҳшигариҳои муҳоҷимини хуношом тавъам буд, пардохт». Дар нутқи худ Робиа аз императори Рум, ки модари худро ба ҳалокат мерасонад ва салотине, ки ба хотири тахту тоҷ падарони худро куштаанд, ёд мекунад.

Нависанда баёни фасеҳу балеғ ва сеҳромезу афсункунандаи Робиаро борҳо зикр мекунад:

«Калимоти Робиа монанди оташи мазобе буд, ки аз даҳонаи оташфишоне берун резад. Ӯ ҳангоме, ки дар бораи аъмоли ноҷавонмардонаи ин салотин ва фармонравоён гуфтугӯ мекард, оҳанги садояш ҳаяҷонангезтар ва ғазаболудтар буд ва дар ҳоле ки баданаш монанди ларзиши шӯълаҳои оташ меларзид, нигоҳҳои шарарборашро мутаваҷҷеҳи қиёфаи дарҳаму асабонӣ ва дигаргуни Ҳорис мекард. Ирода ва рӯҳи Робиа маҷлисро мусаххар сохта буд»..

Лаҳзаи дигари зиндагии Робиа, ки симои ӯро боз ҳам рӯшантар мунъакис мекунад, ву-

руди ӯ ба майдони ҷанг аст. Дар саҳнаи хуруди ӯ ба майдони ҷанг аст. Дар саҳнаи хунини корзор Робиаи ниқобпӯш мисли як пайки осмоне буд, ки бо қудрату шуҷоати бенazир ва шигифтангез, бо бебокии ҳайратовар биму ҳаросе дар дили душманон ҷо дода ва ба дили сарбозони Балх нерӯи тоза ворид намуда, маҳбуби худро аз марги ногузир озод мекунад. Ҳамин набарди диловари марамуз буд, ки балхиён ғолиб омаданд ва муколамаи Ҳорису Саҳлук далели қотеъи эътирофи бузургии Робиа аст.

«Ва Ҳорис, ки натавониста буд ташвишу ошуфтагии худро пинҳон созад, дар ҳоле, ки лаб ба дандон мегазид, бо лаҳне, ки шабеҳ ба фарёди хашмгин буд, гуфт: «Ин дигар мумкин нест. Робиа ва он ҳама далерӣ ва гурдӣ? Чӣ гуна мумкин аст ин духтари ҷасур ва густоҳ ҳатто дар майдони ҷанг ҳам он тавр ҳунарнамоӣ кунад ва бо ҳаракоти таҳаввуромези худ ҳамаро ба тааҷҷубу таҳсин водорад?

Саҳлук ба суханони худ афзуд:

— Оре, охирин қаҳрамоне, ки қадам ба саҳнаи корзор гузошт, Робиа буд ва ӯ барои наҷоти маъшуқаш, ки фақат чанд лаҳза ба поёни ҳаёташ монда буд, ин бор даст ба корӣ фидокорӣ ва ҷонбозии аҷибе шуд. Либоси мардони ҷангӣ пӯшид, зиреҳи фӯлодин бар қомати худ орост, дар миёни панҷаҳои латифи худ шамшери маргбор гирифт, бар рухсор ниқоб кашид ва баъд монанди уқобе тезпар кӯҳистонро камингоҳ кард ва ҳамин ки Бектошро дар миёни душманон дид, ки чизе намонда, ки риштаи зиндагиашро қатъ намояд, ба монанди тундбод ва соъиқа ба

ҳаракат ва такопӯ даромад ва ҳамон тавр, ки худ шоҳид будаед, бе муҳобо ва бо часорати шуҷоътарин далерони рӯзгор ба суфуфи душманон юриш овард. Ҷамъи зиёдеро кушт, то ин ки худро ба Бектош расонда ва он вақт бо қудрату тавоноии зӯрмандтарин мардон маъшуқи маҷрӯҳу хунолудашро аз замин ва аз коми марг баргирифт ва ӯро ба кӯҳ бурд...»

Неруи бузурги ботинии Робиа дар ҷоннисории ӯ баҳри ошиқ, мубориза и шадиди ӯ алайҳи разолату қабоҳат ва тороҷгариву дасисабозии бародари ҳокимаш падид меояд. Дар охирин лаҳазоти зиндагӣ ҳам душманон натавонистанд, ки шоҳиди заъфу сустии ӯ бошанд. Охирин мулоқоти Робиа бо Ҳорис на ба хотири раҳоӣ аз марг буд, балки ин духтари бебоку ҳақиқатпараст мехост адолату ростӣ ва покбозиву парҳезгориро дар вопасин дақоиқи умри худ низ ба манзалати аслиашон нишонад.

Робиа дар ин қиссаи Носири Наҷмӣ беш аз он ки як чеҳраи ҳунарӣ ва як шоираи суханофарин бошад, як ошиқи ҷонсӯхтаву шӯридадил, як духтари бебоку мубориз ва як фарди ҳақиқатҷӯи сарбаланд аст. Ӯ як шахсияти беназирест, ки офаридгор камоли сурату сиратро дар вуҷудаш ба ҳам оварда ва нубуғи маъниву лутфи каломро ба шеъраш ато намудааст.

Робиаи Носири Наҷмӣ бар хилофи Робиаи адибони дигар шахсияти мазҳабӣ нест. Ӯ на аҳли тасаввуф аст ва на оташпараст. Ӯ як инсони заминиест, ки вуҷудаш мамлу аз зебоиву ишқ, накӯкориву хайрхоҳист. Агар

нисбатан кам будани алоқаи Робиаро бо шеър ва қасрати суханпардозиро дар қиссаи мазкур сарфи назар кунем, ин нависандаро дар радифи муваффақтарин адибони таърихнигор метавонем ба шумор орем, зеро ҷузъиёти воқеаҳо, тасвири рӯҳияи қаҳрамонҳо, инъикоси андешаву афкор ва ҷаҳони маънавии онҳо, тасвири лаҳазоти худбофта ва симоҳои ёваре чун Саҳлук, Сарботак, Раъно ва дигарон ин қиссаи Носири Наҷмиро хусусиёти мумтоз ва муассирӣ бахшидааст.

* * *

Инак, баъди мутолиа ва баррасии иҷмолии ҷанд асари бадеӣ, ки аз рӯзгору шахсияти Робиа ҳикоят мекунанд, домани суханро ҷамъ мекунем ва ба хулосаи қавие мерасем, ки сабаби таваҷҷӯҳи зиёд ба ин шоираи баландпарвоз на танҳо фасоҳату балоғати ашъораш, балки шахсияти фавқулъоддаи ӯ низ будааст. Рӯҳияи қаҳрамононаву бешикасти ин духтари сухангустарро, ки дар майдони разм чун Гурдофарид ва дар роҳи ишқ чун сифидокоре чеҳранамоӣ мекунад, аз тамоми симоҳои таърихиву адабӣ хеле болотар мегузорад ва маснади ӯро дар қатори ситораҳои тобноки осмон ҷо медиҳад.

Сурат ва сирати Робиа тӯли беш аз ҳазор сол манбаи илҳому пайравӣ будааст. Бо вуҷуди хеле норасо будани асноди мӯътамад ва миқдори ночизи ашъори ӯ, ки то рӯзгори мо расидааст, номи Робиа ифодагари рамзи зани шоир ва ошиқи мубориз шудааст. Ҳамин далелҳост, ки тӯли қарнҳо дурахши ин ситораи тобнок рӯ ба хамӯшӣ нанихода, баръакс, нуре, ки аз ин вуҷуд метаровад, оташи ниҳоди дигаронро ангеза медиҳад.

Осори бадеие, ки перомуни шахсияти Робиа мавриди таҳқиқи мо қарор гирифт, ҳар кадом аз лиҳози анвои адабӣ мутафовит буд ва хусусиятҳои жанрии маснавӣ, ки дар «Илоҳинома»-и шайх Аттор, фоҷиа дар «Суруди нотамом»-и Абдусалом Атобоев, достон дар «Рӯҳи урён»-и Гулрухсор ва қисса дар «Робиа, духтари Қаъб»-и Носири Наҷмӣ зуҳур намудаанд, бешак, дар бозшинохти симои бадеии шахсияти ҳунарӣ ва ҷаҳони маънавии Робиа таъсири амиқ гузоштаанд.

Шайх Аттор, ки «Илоҳинома»-аш қофиласолори силсилаи осори бадей дар бораи Робиа аст, симои ин шоираи нотакрорро чун як дӯшизаи оқилаву фозила, ҳассосу шӯридадил, хушсурату покизатинат ва дар ишқ содиқу ҷонфидо ба қалам овардааст. Аҳамияти бузурги ин асар на танҳо дар хусусиятҳои бадеиву услубӣ, балки дар санадҳои муҳиме низ мебошанд, ки тӯли қарнҳо манбаи омӯзиши олимон ва сарчашмаи илҳоми адибон шудааст.

Дар повестҳои Тоҷӣ Усмон «Духтари никобдор» ва Носири Наҷмӣ «Робиа — духтари Қаъб» ҳикояти шайх Аттор дар қолаби наср бо истифодаи васоити тасвири бадей ва тарзи устухонбандии махсус ба қалам омадааст. Муаллифон тафсилоти зиёдеро, ки бофтаи тахайюли фардиашон аст, ба ҳикояти мазкур ворид намуда, ба тасвири мушаххаси симои Робиа муваффақ шудаанд.

Достони Гулрухсор «Рӯҳи урён ё ҳафт суруди носурудаи Робиа» аз лиҳози жанр ғайримаълумӣ буда, дар он порчаҳои манзуму мансур ба ҳам омадаанд. Бунёди ин асар

бар тасвирҳои рамзист, ки мурод аз онҳо инъикоси зинаҳои худшиносиву худошиносӣ ва ангезаҳои худогоҳии миллист.

Драмаи Абдусалом Атобоев маҳсули тахайюли баландпарвози муаллиф буда, бо риояти хусусиятҳои жанри фоҷиа муҳити таърихӣ ва авзоъи адабии давраи Сомониён ва як нафар фарди ҳунарии соҳиби истеъдоди зоидулвасфро таҷассум намудааст.

Кӯшиши мо бар он буд, ки тафовути ин асарҳоро дар тасвири симои Робиа ошкор намоем ва дастовардҳои адибонро дар иқдому ибтикорашон сароҳат бубахшем.

Ҳарчӣ рӯи ин варақ рехт, тарҳи оҷизонаи муҳаббату ихлос ба як нафар шоири сеҳрофарин, як шахсияти исёнгари оташниҳод, як духтари покизасиришту хушсурат буд, ки дар шумори аввалин форсигӯёни давраи Сомониён бо бузургмардони сухан табъозмоӣ мекард ва эшонро дар тааҷҷубу ҳайрат вомедошт.

## АДАБИЁТ


1. Б. Ғафуров. Тоҷикон. Душанбе, 1983, ч. 1. саҳ. 454.
2. Н. Неъматов. Давлати Сомониён. Душанбе, 1989, с. 4
3. Таърихи Табарӣ. Теҳрон, 1371.
Нархшахӣ. Таърихи Бухоро. Душанбе, 1979
Низом-ул-мулк. Сиясат-намэ. М. —Л., 1949
Б. Ғафуров. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна, Душанбе, 1983, ч. 1
Н. Неъматов. Давлати Сомониён. Душанбе, 1989
Забеҳуллоҳ Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон. Теҳрон, ч. 1.
Муҳаммадҷаъфари Маҳҷуб. Сабки хуросонӣ дар шеъри форсӣ. Теҳрон, 1371
Ҳ. Эте. Таърихи адабиёти форсӣ. Тарҷ. Ризозода Шафақ, Теҳрон, 1337
А. Мирзоев. Абуабдулло Рӯдакӣ. Сталинобод, 1958
Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул-аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон. Теҳрон, 1367, ч. 1-2
Саид Абутолиби Миробидинӣ. Балх дар таърих ва адаби форсӣ, Теҳрон, 1371 ва ғайра
4. Фаридуддини Аттор. «Илоҳинома». Нусхаи шахсии мансуб ба Аҳмадҷони Раҳматзод.
5. Муҳаммад ибни Умари Родиёнӣ. Тарҷумон-ул-балоға. Теҳрон, 1362, с. 81
6. Шамси Қайси Розӣ. Ал-муъҷам. Душанбе, 1991.
7. Муҳаммад Авфии Бухороӣ. Лубоб-ул-албоб.

Техрон, 1361, с. 61-62
8. Ҳамон асар.
9. Абдураҳмони Ҷомӣ. Нафаҳот ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс. Теҳрон, 1370, с. 608
10 Аттор. Тазкират-ул-авлиё. Теҳрон, 1371, саҳ. 36
11. Истинод аз Забеҳуллоҳ Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон, ч. 1., с. 449
12. Миробидинӣ. Асари мазкур.
13. А. Мухторов. Поздневековый Балх. Душанбе, 1980
14. Миробидинӣ. Асари мазкур.
15. Забеҳуллоҳ Сафо. Асари мазкур, с. 279
16. Шиблии Нӯъмонӣ. Шеър-ул-аҷам. Теҳрон, 1367, ч. 1
Забеҳуллоҳ Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон. ч. 1
Аҳмади Гелонӣ. Шоирони ҳамасри Рӯдакӣ. Теҳрон, 1370
Маҳмуди Мудаббирӣ. Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон дар қарнҳои III-V ҳиҷрӣ, Теҳрон, 1370
Тоҷӣ Усмон. Бисту се адиба. Сталинобод. 1957
Таджи Усмон. Жемчужины таджикской поэзии. Сталинабад, 1960
Ато. Занони сухансаро. Кобул, 1365
Муҳаммадҳасан Раҷабӣ. Машоҳири занони эронӣ ва порсигӯй. Аз оғоз то машрута. Теҳрон, 1374
Ҳ. Эте. Таърихи адабиёти форсӣ. Теҳрон, 1337
Е. Э. Бертельс. История персидской литературы. М., 1960
Я. Рипка. История персидской и таджикской литературы. М., 1970

И. С. Брагинский. Исследования по таджикской культуре. М., 1977
И. С. Брагинский. 12 миниатюр. М., 1966
А. Крымский. Низами и его современники. Баку, 1981
17. Саид Абдулло. Адабиёти форсӣ дар миёни ҳиндувон. Теҳрон, 1371
18. А. Девонақулов. Асрори номҳои кишвар. Душанбе, 1989, с. 186
19. Краткая литературная энциклопедия, М., 1962, т. 1, с. 265
20. Ҳ. Эте. Асари мазкур. с. 27.
21. Аҳмади Гелонӣ. Шоиронӣ ҳамасри Рӯдакӣ. Теҳрон, 1370, с. 60
22. Аз сӯҳбати муаллиф бо устод Осимӣ 15 июли соли 1997
23. Абдураҳмони Ҷомӣ. Асари мазкур, с. 608
24. Шиблии Нӯъмонӣ. Асари мазкур. с. 24-25
25. Ҳ. Эте. Асари мазкур. с. 27.
26. А. Мирзоев. Абуабдулло Рӯдакӣ. Сталинобод, 1968
27. Луғатномаи Деҳхудо. Теҳрон, саҳ. 10275
28. Аттор. Тазкират-ул-авлиё. с. 36
29. А. Е. Крымский. Низами и его современники. Баку, 1981, с. 215
30. Асадии Тӯсӣ. Луғати фурс. Бо кӯшиши Муҳаммад Дабири Сиёқӣ, Теҳрон, 1336
31. Муҳаммад ибни Умари Родиёнӣ. Асари мазкур, с. 81
32. Шамси Қайси Розӣ. Ал-мӯъҷам, Душанбе, 1991, с. 125
33. Асари мазкур, с. 125
34. Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб. Сабки хуросонӣ дар шеъри форсӣ, с. 87
Дар ин бора ҳамчунин: А. Мирзоев. Рӯдакӣ

ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XV — дар китоби «Сездаҳ мақола», Душанбе, 1977, саҳ. 5-53
35. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Душанбе, 1987, ҷ. 1, с. 230
36. Муфассалтар руҷӯъ шавад ба кит. Муҳаммадҷаъфари Маҳҷуб. Асари мазкур.
37. Қамари Ориён. Чеҳраи Масеҳ дар адабиёти форсӣ. Теҳрон, 1369
38. Маҳмуди Мудаббирӣ. Асари мазкур. с. 73
39. Ҳамон асар.
40. Родиёнӣ. Асари мазкур, с. 80
41. Аллома Шиблии Нӯъмонӣ. Савонеҳи Мавлавии Румӣ. Теҳрон, 1332, с. 43
42. Шамси Қайси Розӣ. Асари мазкур, с. 24
43. Аз таъликот ва ҳавошии Аҳмади Гелонӣ дар кит. «Шоирони ҳамасри Рӯдакӣ». Теҳрон, 1370, с. 365
44. Шеър-ул-аҷам. ҷ. 1 с. 22
45. Истинод аз А. Мирзоев. Сездаҳ мақола. с. 3-53
46. Бертельс. История персидской литературы. М., 1980
47. Маҳмуди Мудаббирӣ, Асари мазкур, с. 73
48. Носири Наҷмӣ. Робиа, духтари Қаъб. «Садои Шарқ», 1990, № 5
49. Гулрухсор. Рӯҳи урён, «Садои Шарқ», 1987, № 3
50. Абдусалом Атобоев. Суруди нотамом. — Дар китоби ӯ «Шамшери меросӣ», Душанбе, 1984
51. Тоҷӣ Усмон. Духтари ниқобдор. Душанбе, 1965.

## МУНДАРИЧА

Сарсухан . . . . . . . . . . . . 3
Боби I. Тавсанӣ кардам надонистам ҳаме . 6
Шарҳи ҳоли Робиа, аснодп воқеи ва бофта дар бораи зиндагии Робиа . . . . 19
Робиаи Балхӣ ва Робиаҳои дигар . . 45
Боби II. Ки дурр борид ҳар дам.. . . 50
Боби III. Мар-маро жолаи сиришк чакон 102
«Духтари ниқобдор» . . . . . . . 122
«Суруди нотамом» . . . . . . . 124
«Рӯҳи урён» . . . . . . . . . . 131
«Робиа, духтари Қаъб» . . . . . . . 145

Матлубаи Мирзоюнус:, «СИРИШКЕ ДАР ЛОЛА..», с. 1998.

Муҳаррир: Абдумавлон Самеев.
Муҳаррири техникӣ: Нӯмончон Исобоев.
Мусаҳҳеҳон: Р. Ғаффоров, М. Мақсудов.
Рассом З. Ҷалилов.

(С) М. МИРЗОЮНУС, 1998.

Ба матбаа 4.05.98 супорида шуд. Ба чопаш 27.05.98 имзо карда шуд. Андозаи 60Х84-16 Ҷузъи шартии чопӣ 9,9. Супориши № 40. Теъдод 200. Нархаш шартномавӣ.

Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 735700 ш. Хуҷанд, кӯчаи М. Танбӯрӣ 3
Қорхонаи хурди «Н о ш и р» ш. Хуҷанд, «Чашма».